ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ХОРУҒ БА НОМИ
МОЁНШО НАЗАРШОЕВ

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

ВБД: 891.550 (83.3)

**ОДИНАЗОДА САФАРМОҲ НУРУЛЛО**

# ФИРДАВСИШИНОСӢ ВА ТАШАККУЛИ АФКОРИ АДАБИИ ТОҶИК (солҳои 50-80-уми асри XX)

**ДИССЕРТАТСИЯ**

барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.15. Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ

**Роҳбари илмӣ:** доктори илмҳои филологӣ
Шозиёева Гулмо Парвонашоевна

ХОРУҒ – 2026

## МУНДАРИҶА

**МУҚАДДИМА....................................................................................4-15**

**БОБИ I. ЗАМИНАҲОИ ИҶТИМОӢ-СИЁСӢ ВА РУШДИ ФИРДАВСИШИНОСӢ (солҳои 50-80-уми асри XX)..........................16-73**

1.1. Заминаҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ ва таъсири онҳо дар ташаккули афкори адабии тоҷик (дар асоси фирдавсишиносӣ)........................................16-36

1.2. Рушди фирдавсишиносӣ дар Тоҷикистон (солҳои 50-80-уми асри XX).....................................................................................................36-73

1.2.1. Нашри «Шоҳнома» ва таъсири он дар таҳаввули афкори адабии тоҷик (солҳои 50-80-уми асри XX)...................................................37-47

1.2.2. Саҳми муҳаққиқони шуравӣ дар рушди фирдавсишиносӣ.........47-65

1.2.3. Саҳми мутарҷимони шуравӣ дар рушди фирдавсишиносӣ........65-73

**БОБИ II. ФИРДАВСИШИНОСӢ ВА АДАБИЁТИ МУОСИРИ ТОҶИК (солҳои 50-80-уми асри XX)..............................................................74-141**

2.1. «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ ва насри муосири тоҷик (солҳои 50-80-уми асри XX)........................................................................74-95

2.2. «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ ва назми муосири тоҷик (солҳои 50-80-уми асри XX)......................................................................96-130

2.3. Анъана ва навоварӣ дар адабиёти муосири тоҷик дар заминаи фирдавсишиносӣ (солҳои 50-80-уми асри XX).................................130-140

**БОБИ III. ТАЪСИРИ ҒОЯҲОИ МЕҲВАРИИ «ШОҲНОМА» ДАР ТАШАККУЛ ВА РУШДИ АФКОРИ АДАБИИ ТОҶИК (СОЛҲОИ 50-80-УМИ АСРИ XX).....................................................................141-176**

3.1. Вижагиҳои ғоявии «Шоҳнома» дар ташаккули афкори адабии тоҷик.................................................................................................141-157

3.2. Ҷойгоҳи масъалаҳои худшиносии миллӣ дар ташаккули афкори адабии тоҷик (солҳои 50-80-уми асри XX)......................................157-170

3.3. Дурнамои рушди фирдавсишиносӣ ва таъсири он дар ташаккули афкори адабии тоҷик..........................................................................170-175

ХУЛОСА...............................................................................................176-179
ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚ...................................................................................180-181
РӮЙХАТИ АДАБИЁТ........................................................................182-197
ИНТИШОРОТ АЗ РӮЙИ МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ................198-199

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Дар ҳаёти маънавии халқи тоҷик асри XX аз марҳилаҳои нисбатан пурбор ва дорои аҳаммияти таърихӣ ба ҳисоб меравад. Масъалаҳои мубрами ин марҳиларо ташаккули маънавиёти ҷомеа, бедории фикрӣ ва арҷгузорӣ ба осори намояндагони адабиёти форсии тоҷикӣ ташкил медоданд. Осори бузургон новобаста аз ҳар гуна зуҳуроти дохиливу берунӣ дар ташаккули афкори адабии ҷомеа ва такомули адабиёти муосири тоҷик аҳаммияти вижа дорад. Шоири ҳамосанавис Абулқосим Мансур ибни Ҳасан Фирдавсии Тусӣ ба қатори чунин бузургони адабиёти форсӣ-тоҷикӣ дохил шуда, бо шоҳкории худ дар фарҳанги миллӣ ва ташаккули афкори адабии замони шуравӣ саҳми арзанда гузоштааст. Омӯзиши шоҳкории шоир дар ҳавзаи илмиву адабии Тоҷикистони шуравӣ ду марҳилаи самти фирдавсишиносиро ба вуҷуд овардааст, ки солҳои 30-40-уми асри XX марҳилаи оғоз ва солҳои 50-80-уми асри XX марҳилаи рушду ташаккул ба ҳисоб меравад.

Дар марҳилаи дуюми замони шуравӣ андешаҳои баландмазмуни шоир дар ташаккули афкори адабии тоҷик муассир буда, боиси рушди зеҳнии ҷомеа ва аҳли илму адаб гардиданд. Дар заминаи мазкур «Шоҳнома» бар пояи сохтори шуравӣ дар афкори адабии мардум дар ин давра таъсир гузоштааст. Дар ин радиф халқи тоҷик ба «Шоҳнома» бо руҳияи тоза таваҷҷуҳ намуда, дар он мазмуни инқилобӣ, озодии инсон, адолати иҷтимоӣ, ҳаёти меҳнаткашон, баробарҳуқуқӣ ва ғайра пайдо намуданд.

Илова ба ин, Абулқосим Фирдавсӣ бештар ба афкору ҷаҳонбинии шоирону нависандагони муосири тоҷик таъсир гузошта, «Шоҳнома»-и ӯ манбаи илҳому эҷоди онҳо гаштааст. Омӯзиш ва таҳқиқи фирдавсишиносии замони шуравӣ дар пажуҳишҳои минбаъдаи даврони Истиқлоли кишвар густариш пайдо карда, дар ҳаёти маънавии халқ дастури омӯзандаи ахлоқӣ, фарҳангӣ ва инсонӣ гаштааст. «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ пайваста дар мадди назари Ҳукумати кишвар,

бевосита Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор дошта, оид ба дарк ва ҳифзи он дар ҷомеаи кунунии тоҷик тадбирҳои мушаххас андешида мешаванд.

Аввал, Президенти мамлакат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 5 декабри соли 2023 зимни суханронии хеш дар Симпозиуми байналмилалии илмӣ ба ифтихори 115-солагии академик Бобоҷон Ғафуров аз бузургии Абулқосим Фирдавсӣ ёд намуда, барои бештар огоҳ намудани халқи тоҷик аз таърих, фарҳанг ва адабиёти ғании гузаштаи худ дастур доданд, ки «Шоҳнома» бояд чоп ва ба тамоми мардуми мамлакат дастрас шавад. Хушбахтона, соли 2025 ин асар дар ду ҷилд ба нашр расида, ба ҳар оилаи тоҷику тоҷикистонӣ туҳфа гардид.

Дуюм, бо дастур ва ҳидояти Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон озмуни «Шоҳномахонӣ» чун озмунҳои дигари ҷумҳуриявӣ дар марҳалаҳои муайян баргузор мегардад, ки ин ҳолат низ заминаи хубе барои шинохти Абулқосим Фирдавсӣ ва «Шоҳнома» хоҳад гузошт. Иқдоми мазкур дар ташаккули афкори адабӣ, таҳаввули шуури маънавии ҷомеаи тоҷик ва худшиносии миллӣ арзиши бунёдӣ дорад.

Мубрамӣ ва зарурати таҳқиқи мавзуъ аз он бармеояд, ки азбаски Тоҷикистон солҳои 50-80-уми асри XX дар баробари давлатҳои дигари собиқ шуравӣ давраи нисбатан рушди иқтисодӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва адабиро сипарӣ намудааст, самти фирдавсишиносӣ низ дар ташаккул ва рушди афкори адабии тоҷики замони шуравӣ (солҳои 50-80-уми асри XX) ҷойгоҳи вижа доштааст. Ҳамчунин, баландмазмунӣ ва гуногунмавзуии «Шоҳнома» дар маркази таваҷҷуҳи муҳаққиқон, мутарҷимон ва шоирону нависандагон қарор гирифтааст.

Аз ин рӯ, интихоби мавзуи мазкур саривақтӣ буда, вижагиҳои муҳим ва зурурии илмии минбаъдаро дар замони Тоҷикистони соҳибистиқлол ба вуҷуд меоварад.

**Дарачаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Бузургии «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ дар пайвандии адабиёти классикӣ ва адабиёти муосири тоҷик муайян мешавад, зеро дастовардҳои маънавии гузашта ва таҷрибаҳои андӯхташудаи ниёгон ба даврони ҷадид интиқол меёбанд. Бо интиқол ёфтани мазмуну муҳтавои асар таъсири он низ дар афкори адабии замони шуравии халқи тоҷик басо баланд буда, ҳамчун самти фирдавсишиносӣ чунин шакл гирифтааст:

а) таҳқиқоти илмие, ки бевосита дар шакли мақолаву монографияҳои илмӣ роҷеъ ба ҳаёт ва осори Абулқосим Фирдавсӣ аз ҷониби мутахассисон ва муҳаққиқон анҷом ёфтаанд;

б) таълифоти бадеӣ, ки шоирону нависандагони муосири тоҷик дар пайравии осори Абулқосим Фирдавсӣ дар қолаби назму наср офаридаанд;

в) тарҷумаҳои «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ ба забони халқҳои шуравӣ ба хотири ба доираи васеи ҷомеа муаррифӣ намудани ин асар ба вуҷуд омадаанд.

Нахустин муаллифи сарчашмаи илмӣ оид ба ҳаёти Абулқосим Фирдавсӣ ва «Шоҳнома»-и ӯ, ки дар шакли асари алоҳида ба табъ расидааст, Е.Э. Бертелс мебошад. Таҳқиқоти ӯ на танҳо ҳамчун манобеи илмӣ барои муҳаққиқон ва олимони шуравӣ, балки имрӯз ҳам ба сифати сарчашмаи илмӣ барои адабиётшиносон ва фирдавсишиносон хизмат мекунанд [179; 180].

Дар фирдавсишиносии тоҷик бошад нахустин пажуҳишро устод Садриддин Айнӣ, ки аз мубориზони бунёди ҳаёти нав ва ташаккули афкори нави адабии тоҷик мебошад, анҷом додааст. Ҳарчанд дар «Намунаи адабиёти тоҷик»-и Садриддин Айнӣ [88] пажуҳиш роҷеъ ба Абулқосим Фирдавсӣ ва осори ӯ ҷой надорад, аммо муаллиф тавонист таҳқиқоти хешро дар шакли алоҳида бо унвони «Дар бораи Фирдавсӣ ва «Шоҳнома»-и ӯ» бори нахуст дар маҷаллаи «Барои адабиёти

сотсиалистӣ» (соли 1934) [86] ва баъдтар дар шакли китоби алоҳидаи илмӣ (соли 1940) [87] ба табъ расонад.

Дар Тоҷикистони шуравӣ муҳаққиқон ва адабиётшиносон ба омӯзиши «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ таваҷҷуҳ зоҳир намуда, мавзуъҳои ба сиёсати шуравӣ номуносибро сарфи назар менамуданд. Рад намудани афкори феодалии замони классикӣ ва инъикоси онҳо дар осори Абулқосим Фирдавсӣ аз ҷониби адабиётшиносони тоҷик таҳқиқу баррасӣ шудааст. Ба ин радиф муҳаққиқони тоҷик Х. Мирзозода [119; 120], Х. Асозода [91; 92], В. Самад [140], Х. Отахонова [131; 132; 133], Р. Мусулмонқулов [126; 127], А. Маҳмадаминов [115] ва дигарон дохил мешаванд.

Марҳилаи аввали самти фирдавсишиносиро адабиётшинос Г. Шозиёева омӯхта, корҳои таҳқиқотии солҳои 30-40-уми асри XX-ро мавриди истифода қарор додааст. Маводди ин марҳаларо бештар натиҷаҳои илмии Анҷумани аввали нависандагон (соли 1934) ташкил медиҳад, ки истифодаи онҳоро адабиётшинос дар таҳқиқоти худ зарур донистааст [198; 199].

Дар адабиётшиносии тоҷик таҳқиқи афкори адабӣ аз шохаҳои нисбатан нав ба ҳисоб рафта, маҳз аз марҳилаи аввали замони шуравӣ сарчашма мегирад. Ба ин радиф муҳаққиқон ва мунаққидони ватаниву хориҷӣ, аз ҷумла С. Айнӣ [86; 87; 88], А. Мирзоев [117], В.В. Бартолд [174], А. Эделман [172], Е.Э. Бертелс [175; 176; 177; 178; 179] ва дигарон дохил шуда, онҳо дар таҳқиқоти худ оид ба афкори адабии классикӣ ва муосири тоҷик андешаҳо иброз намуданд.

Мазмун ва муҳтавои «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ ҳаёти маънавии ҷомеаро рушд додааст, ки онро метавон дар адабиёти тоҷик давраи ба вуҷуд омадани афкору андешаҳои нав, бедорфикрӣ ва марҳалаи бозгашт ба асолати хеш номид. Корҳои анҷомёфта дар ин замина дар самти фирдавсишиносӣ нишонаи ҳифзи тафаккур, арзишҳои маънавӣ, расму ойин ва асолати миллиро дорад.

Вобаста ба ҳаёти Абулқосим Фирдавсӣ ва «Шоҳнома»-и ӯ ишора ва андешаҳо мавҷуданд, ки бештари онҳо дар таълифоти адабиётшиносон ва донишмандони тоҷик, аз ҷумла Ш. Ҳусейнзода [159; 160], Х. Шарифов [161; 162], А. Афсаҳзод [94], А. Сатторов [142], Р. Мусулмонқулов [126; 127], К. Айнӣ [85], С. Муллоҷаев [124; 125], А. Мирзоев [117], М. Раҷабӣ [136] ва ҳамчунин олимону ховаршиносони рус Е.Э. Бертелс [175; 176; 177; 178; 179], И.С. Брагинский [181; 182; 183], М.Н. Османов [191], М. Явич [173] ва дигарон таъкид карда шудаанд.

Омӯзиш ва пажуҳиши илмӣ роҷеъ ба «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ дар Тоҷикистон дар солҳои 50-80-уми асри XX пас аз баргардон аз ҳуруфи форсӣ ба кириллӣ ва чопи комили «Шоҳнома» (ду маротиба дар 9 ҷилд), ки солҳои 1964-1966 ва бори дуюм солҳои 1988-1990 аз ҷониби К. Айнӣ, З. Аҳрорӣ, Б. Сирус, М. Девонақулов ба табъ расидааст, анҷом ёфтаанд.

Роҷеъ ба таҳқиқ ва тарҷумаҳо перомуни ҳаёти Абулқосим Фирдавсӣ ва «Шоҳнома»-и ӯ дар замони шуравӣ дар мақолаҳои илмии адабиётшиносони тоҷик, ба мисли Ш. Суфизода [143], С. Аъзамзод [95; 96] ва В. Шарипов [196] маълумот дода шудааст.

Дар миёни муҳаққиқон ва адабиётшиносони тоҷик А. Насриддин дар китоби «Матншиносии осори адабӣ» дар баробари баҳси нисбатан муфассал ва амиқтар дар хусуси нақди адабӣ ва матншиносӣ, ҳамчунин хусусиятҳои адабӣ ва бадеии «Шоҳнома»-ро низ омӯхтааст [130].

Дар ҷараёни таҳқиқ дар баробари манобеи илмӣ, ба мисли мақолаву монографияҳои илмӣ ҳамчунин аз асарҳои мансуру манзуми шоирону нависандагони шуравии тоҷик, ки аз «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ таъсир пазируфтаанд, истифода шудааст.

Шоирону нависандагони шуравии тоҷик суннатҳои адабиёти классикиро идома дода, тавонистанд дар руҳияи «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ эҷодиёти худро бо маҳорати хос таълиф ва ба адабиёти муосири тоҷик ба воситаи пайравӣ ба анъанаҳои адабии

гузашта навовариҳои бадеӣ ворид намоянд. Ба қатори чунин шоирону нависандагони навҷӯи муосири тоҷик А. Лоҳутӣ [49; 50; 51], С. Улуғзода [67; 68; 69], Ҷ. Икромӣ [37; 38; 39], Р. Ҷалил [70; 71], М. Турсунзода [63; 64; 65; 66], Ф. Муҳаммадиев [56; 57; 58], Ф. Ниёзӣ [60], М. Миршакар [52; 53; 54; 55], А. Деҳотӣ [29; 30], Л. Шералӣ [47; 48], Б. Собир [24; 25; 26], М. Қаноат [40; 41; 42; 43; 44], Гулрухсор [27; 28] ва дигарон дохил мешаванд.

Бо вуҷуди таҳия ва нашри теъдоди зиёди мақолаҳо, рисолаву асарҳои илмӣ ва тарҷумавӣ перомуни ҳаёт ва осори Абулқосим Фирдавсӣ, таълифи як қатор асарҳои манзуму мансур аз ҷониби шоирону нависандагони муосири тоҷик дар пайравӣ ба «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ ва чанде аз фикрҳои маҳдуд оид ба ҷойгоҳи мавзую муҳтавои асари безавол дар адабиётшиносии тоҷик, ҳамчунин ҷойгоҳи фирдавсишиносӣ дар ташаккули афкори адабии тоҷик то ҳол дар Тоҷикистон рисолаи илмӣ анҷом нашудааст.

Бинобар ин, мо омӯзишу таҳқиқи фирдавсишиносӣ ва нақши он дар рушди маънавиёти ҷомеаи шуравии тоҷикро аз самтҳои муҳимтарин дар илми адабиётшиносии тоҷик зарур дониста, баррасии онҳоро дар диссертатсия муҳим меҳисобем.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ.** Диссертатсияи мазкур бо мавзуи илмӣ-таҳқиқотӣ, талаботи асосии барномаҳои давлатӣ ва нақшаҳои стратегӣ амсоли Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 (аз 29.09.2020, №526), Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025» (аз 26.09.2025, таҳти №503) ва Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи озмуни ҷумҳуриявии «Шоҳномахонӣ» (аз 29.08.2025, таҳти №АП-862) алоқамандӣ дорад. Кори диссертатсионӣ дар доираи нақшаи корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи адабиёт ва журналистикаи Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи Моёншо Назаршоев иҷро гардидааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚ

**Мақсади таҳқиқ.** Мақсади асосии диссертатсия таҳқиқи фирдавсишиносӣ ва ташаккули афкори адабии тоҷик (солҳои 50-80-уми асри XX) буда, дар натиҷаи омӯзиш самтҳои гуногуни таҳқиқ, ҷойгоҳи он дар насру назм, тарҷума ва масъалаҳои иҷтимоии фирдавсишиносӣ баррасӣ гардидаанд. Масъалаҳои асосии фирдавсишиносӣ дар Тоҷикистони шуравиро маҳз корҳои пажуҳишии адабиётшиносону фирдавсишиносон, асарҳои бадеии адибон ва тарҷумаҳои гуногуни мутарҷимони шуравии тоҷик ташкил медиҳанд.

**Вазифаҳои таҳқиқ.** Бо таваҷҷуҳ ба ҳадафҳои мазкур барои расидан ба анҷоми *вазифаҳои таҳқиқ* баррасии матолиб ва нукоти зерин зарур дониста мешавад:

– таҳлили заминаҳои иҷтимоӣ-сиёсии замони шуравӣ ва таъсири онҳо дар ташаккули афкори адабии тоҷик;

– муайян намудани ҷойгоҳи Абулқосим Фирдавсӣ ва «Шоҳнома»-и ӯ дар адабиёти муосири тоҷик;

– таҳқиқи афкори адабӣ-эстетикии Абулқосим Фирдавсӣ ва таъсири он ба ҷомеаи шуравӣ;

– муайян намудани дараҷаи омӯзиши нашр ва таҳқиқи «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ;

– таҳқиқи ҳаёт ва осори Абулқосим Фирдавсӣ дар асоси сарчашмаҳои таърихӣ, осори манзуму мансури шоирону нависандагони тоҷик ва маъхазҳои таҳқиқии солҳои 50-80-уми асри XX;

– муайян намудани марҳалаҳои асосии самти фирдавсишиносӣ;

– таҳқиқи фирдавсишиносӣ дар солҳои 50-80-уми асри XX дар Тоҷикистон;

– баррасӣ намудани нуқтаи назари мунаққидон, муҳаққиқон ва адабиётшиносони шуравии тоҷик оид ба «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ дар доираи масоили пандуахлоқӣ;

– баррасӣ намудани аҳаммияти мавзуъҳои «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ барои ҷомеаи шуравӣ;

– таҳлили ғояҳои инсондӯстӣ, ватандӯстӣ, башардӯстӣ ва худшиносии миллӣ дар «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ ва таъсири онҳо ба ҷомеаи шуравии тоҷик;

– мушаххас намудани таҳқиқи минбаъдаи рушди фирдавсишиносӣ дар Тоҷикистони соҳибистиқлол.

**Объекти таҳқиқи** диссертатсияро самти фирдавсишиносӣ ва ташаккули афкори адабии тоҷик (солҳои 50-80-уми асри XX), ки дар асоси таҳлилҳои илмию назариявӣ, бадеӣ ва тарҷумавӣ ба вуҷуд омадааст, ташкил медиҳад.

**Мавзуи (предмети) таҳқиқи** диссертатсия фирдавсишиносӣ ва ташаккули афкори адабии тоҷик (солҳои 50-80-уми асри XX) мебошад. Дар ин замина вижагиҳои илмӣ, бадеӣ ва тарҷумавии самти фирдавсишиносӣ дар Тоҷикистони шуравӣ мушаххас гардида, ба афкори адабии тоҷик роҳ ёфтаанд.

**Асосҳои назарии таҳқиқ.** Зимни таълифи диссертатсия муаллиф аз афкори назарӣ ва таҷрибаҳои илмии мутахассисон, донишмандон ва адабиётшиносони маъруфи замони шуравӣ, ба монанди Е.Э. Бертелс [175; 176; 177; 178], И.С. Брагинский [181; 182; 183], С. Айнӣ [86; 87; 88], Б. Ғафуров [103; 104], А. Мирзоев [117], Ш. Ҳусейнзода [159; 160], М. Шакурӣ [165; 166; 167; 168; 169; 170], Х. Мирзозода [118; 119], Р. Ҳодизода [156; 157], А. Афсаҳзод [94], К. Айнӣ [85], Х. Отахонова [131; 132; 133], Х. Шарифзода [161; 162], М. Муллоаҳмад [121; 122; 123], А. Сатторзода [142], А. Маҳмадаминов [115], Г. Шозиёева [197; 198; 199] ва дигарон истифода карда, андеша ва дастовардҳои илмии онҳо ҳамчун заминаҳои назарии таҳқиқ корбурд гардидаанд.

**Навгонии илмии таҳқиқ.** Диссертатсия нахустин таҳқиқи монографиро дар мавзуи «Фирдавсишиносӣ ва ташаккули афкори адабии тоҷик (солҳои 50-80-уми асри XX)» фарогир мебошад. Дар

диссертатсия мушаххасоти *фирдавсишиносӣ* ҳамчун самти ҷудогонаи адабиётшиносии тоҷик дар замони шуравӣ, ки маҳз ба омӯзиши мероси адабии Абулқосим Фирдавсӣ бахшида шудааст, мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Мушаххасоти воҳиди таҳқикро таъсири фирдавсишиносӣ дар ташаккули афкори адабии тоҷик (солҳои 50-80-уми асри XX) ташкил медиҳад. Муаллиф самти фирдавсишиносиро ба таври васеъ омӯхта, хулосаҳои илмии хешро манзури муҳаққиқон намудааст.

Ҷанбаҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, тарҷумавӣ ва бадеии осори Абулқосим Фирдавсӣ, ки дар диссертатсия бори нахуст таҳқиқ шудаанд, аз дастовард ва навоварии илмии диссертант маҳсуб мешаванд. Навгониҳои илмии таҳқиқ метавонанд дар раванди озмуни ҷумҳуриявии «Шоҳномахонӣ», ки дастур ва ҳидояти бевоситаи Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошад, мавриди истифода қарор гиранд.

Фирдавсишиносӣ дар ташаккули афкори адабии тоҷик дар замони соҳибистиқлолии кишвар нақши бештарро касб намуда, омилҳои мусбатро ба вуҷуд овардааст.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

1. Пажуҳиш маълум намуд, ки новобаста аз тағйироти авзои иҷтимоиву сиёсӣ дар замони шуравӣ илм, фарҳанг, маданият ва адабиёт рушду ташаккул ёфтаанд. Дар ин замина рушди илм, фарҳанг ва адабиёт боиси ба вуҷуд овардани самтҳои алоҳида гардид. Фирдавсишиносӣ низ ҳамчун самти ҷудогона дар адабиётшиносии тоҷик ба ҳисоб рафта, дастовардҳои муҳимми илмӣ, адабӣ ва тарҷумавии он маҳз ба солҳои 50-80-уми асри XX тааллуқ доранд.

2. Таҳлилҳо нишон доданд, ки таъсир пазируфтани шоирон ва нависандагони шуравии тоҷик аз «Шоҳнома» боиси инкишофи адабиёти муосири тоҷик ва ҳамчунин рушди фирдавсишиносӣ дар Тоҷикистон гардидааст. Истифодаи ғояҳои классикӣ аз ҷониби шоирону нависандагони шуравӣ дар адабиёти муосир анъана ва навовариҳои зиёдро ворид намудааст.

3. Натиҷаҳои таҳқиқот гувоҳӣ медиҳанд, ки бори аввал зарурати нақши самти фирдавсишиносӣ дар ҳаёти маънавии ҷомеаи шуравӣ асоснок гардид. Корҳои анҷомёфтаи солҳои 50-80-уми асри XX дар ин самт нишонаи барқарории ҳувияти миллӣ, давраи бозгашт ба маънавиёт ва асолати хеш, оғози афкору андешаҳои тоза, ҳифзи арзишҳои маънавӣ, расму ойин ва асолати миллиро доранд.

4. Дар натиҷаи таҳқиқ маълум гашт, ки омӯзиш ва таҳқиқи ҳаёти Абулқосим Фирдавсӣ ва «Шоҳнома»-и ӯ дар замони шуравии солҳои 50-80-уми асри XX дурнамои рушди фирдавсишиносиро муайян кардааст. Дар ин замина дар замони Истиқлоли кишвар фирдавсишиносӣ дар адабиётшиносии тоҷик ҷойгоҳи вижаро касб намудааст. Дастовардҳои илмӣ, адабӣ ва тарҷумонии замони шуравӣ дар замони ҳозира ба манфиати баргузор намудани озмуни «Шоҳномахонӣ» буда, теъдоди зиёди афродро дар самти фирдавсишиносӣ омода месозад.

**Аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ.** Маводди диссертатсия ва дастовардҳои илмии бадастовардаи муаллифро дар баррасии масъалаҳои назариявию амалии адабиёти форсии тоҷикӣ, адабиёти муосири тоҷик, инчунин, дар таҳқиқоти монографӣ шинохти Абулқосим Фирдавсӣ ва «Шоҳнома»-и ӯ метавон истифода бурд. Илова ба ин, натиҷаҳои пажуҳиш дар шинохти раванди такомули падидаҳои адабиву назарӣ оид ба масъалаҳои инсондӯстӣ, башардӯстӣ ва ҳувияти миллӣ маводди муфид хоҳад дод.

Маводди пажуҳиши мазкурро зимни таълифи китобҳои дарсӣ ва дастурҳои таълимӣ вобаста ба адабиёти тоҷик, равобити адабӣ, таҳияи маводди таълимии дарсҳои амалии факултету шуъбаҳои филологияи тоҷик ва робитаи адабии мактабҳои олии ҷумҳурӣ, рисолаҳои магистрӣ, хатми донишҷӯён ва таҳқиқоти мухталифи илмӣ-академӣ истифода бурдан мумкин аст. Илова ба ин, маводди диссертатсия барои анҷом додани таҳқиқоти минбаъда замина фароҳам меоварад.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуи диссертатсия дар доираи шиносномаи ихтисоси 6.2.15. Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ таҳқиқ гардидааст ва масъалаҳои дахлдори он ба бандҳои зерини ихтисоси мазкур мутобиқат менамояд:

**– банди 3. Адабиёти тоҷик дар асрҳои IX-X.** Заминаҳои пайдоиш ва ташаккули жанрҳои шеърӣ. Зиндагинома ва осори шоирони аҳди Сомониён. Ҳамосасарой дар ин даврон. Арзиши адабӣ ва таърихии "Шоҳнома"-и Фирдавсӣ. Мавзуъ ва мазмуни осори манзум ва мансури ин давра.

**– банди 11. Адабиёти шуравии тоҷик.** Шаклу мундариҷаи тоза пайдо намудани назму наср. Таблиғи сиёсати замон ва тарғиби ғояҳои инқилоб дар каломи манзум ва мансур. Хусусияти идеологии адабиёт. Ташаккул ва таҳаввули жанрҳои ҳамосӣ дар адабиёт. Шинохти чеҳраҳои адабӣ ва фарҳангӣ. Таҷассуми мавзуъҳои таърихӣ тавассути осори назмиву насрӣ. Хусусиятҳои иҷтимоии адабиёт.

**– банди 12. Адабиёти даврони истиқлол.** Мавзуъҳои ватандӯстӣ, худшиносии миллӣ, таъриху фарҳанг, гуманизм, ормонҳои милливу таърихӣ ва ғайра дар осори адибони замони истиқлол. Сарчашмаҳо ва маъхазҳои таърихӣ роҷеъ ба таърихи робитаи адабии нависандагон ва шоирони тоҷик. Ташаккул ва таҳаввули адабиёти гузашта ва дурнамои он.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ.** Масъалаҳои асосии дар диссертатсия дарҷгардида бори аввал ба пажуҳиши комил кашида шудааст. Дар диссертатсия ҷанбаҳои асосии фирдавсишиносӣ, чун пажуҳишҳои илмӣ, тарҷумаи «Шоҳнома» ба забони халқҳои гуногуни ҷумҳуриҳои собиқ шуравӣ, таъсири афкору андешаҳои Абулқосим Фирдавсӣ ба афкори адабии тоҷик ва таъсир бардоштани шоирону нависандагони замони шуравии тоҷик дар солҳои 50-80-уми асри XX нишон дода шуда, дар шакли диссертатсияи мукаммал ба анҷом расидааст.

Таҳлилҳое, ки дар диссертатсия барои шинохти амиқи фирдавсишиносӣ дар Тоҷикистон (солҳои 50-80-уми асри XX) ва таъсири он ба мафкураи ҷомеаи шуравӣ анҷом ёфтаанд, аз ҷониби диссертант амиқ арзёбӣ гардидаанд.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Муҳтавои диссертатсия дар шакли гузориш ва маърузаҳо дар конфренсияи байналмилалӣ дар мавзуи «Нақши Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ-Румӣ дар ҳамгироии фарҳангии кишварҳо дар шароити ҷаҳонишавӣ» (Душанбе, 2023), конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Авлавияти омӯзиши забонҳои хориҷӣ дар низоми хизмати давлатӣ: таҳкими салоҳияти рақамӣ» (Душанбе, 2026), конференсияи илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ ва таҳкими ҳувияти миллӣ» (Кӯлоб, 2026), конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Масъалаҳои мубрами Филологияи Шарқ ва робитаҳои забониву адабӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ» (Душанбе, 2026), мавриди муҳокима ва баррасӣ қарор дода шудааст.

Диссертатсия дар ҷаласаи кафедраи адабиёт ва журналистикаи Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи Моёншо Назаршоев (протоколи №8 аз 29 апрели соли 2026) муҳокима гардида, ба ҳимоя пешниҳод шудааст.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Аз рӯйи мавзуи диссертатсия 11 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 7 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расидааст.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, се боб, зерфаслҳо, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ, рӯйхати адабиёти истифодашуда ва нашри таълифоти илмӣ иборат аст. Ҳаҷми умумии диссертатсия 199 саҳифаи чопи компютериро дар бар мегирад.

## БОБИ I. ЗАМИНАҲОИ ИҶТИМОӢ-СИЁСӢ ВА РУШДИ ФИРДАВСИШИНОСӢ (солҳои 50-80-уми асри XX)

### 1.1. Заминаҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ ва таъсири онҳо дар ташаккули афкори адабии тоҷик (дар асоси фирдавсишиносӣ)

Дар замони шуравӣ падидаҳои зиёди иҷтимоиву сиёсӣ ва фарҳангӣ ба вуҷуд омадаанд, ки марҳилаи рушд ба ҳисоб меравад. Адабиёт низ дар баробари дигар соҳаҳо новобаста аз дастуру супоришҳои Ҳукумати шуравӣ ташаккул меёфт. Чунин андешаҳоро муҳаққиқи тоҷик Х. Асозода чунин тавзеҳ додааст: «...То андоза адабиёти бадеӣ шакли фармоишӣ дошт ва аз рӯи нақшаи пешакии идораҳои ҳизбӣ инкишоф медид. Воқеияти зиндагии сохти сусиёлистӣ сарчашмаи асосии адабиёти шуравии тоҷик гардид» [91, с. 54].

Ҳамчунин, навҷӯиву тозакориҳои адабиву фарҳангӣ маҳз солҳои 50-80-уми асри XX ба вуҷуд омадаанд, ки сабаби асосиро баргузории Анҷумани бистуми ҳизби коммунист (1956) дар сатҳи умумишуравӣ ташкил медод. Пас аз ин рӯйдоди таърихӣ адабиёт ва фарҳанги халқу миллатҳои шуравӣ то ҳадди имкон асолати миллиро ба даст овардаанд. Дар ин раванд солҳои 50-80-уми асри XX марҳилаи тағйироти сифатӣ ва давраи навҷӯӣ ба ҳисоб меравад. Дар ин маврид муҳаққиқ С. Аъзамзод чунин ибрози андеша намудааст: «Ин рӯйкард мунтаҳо ба навоварӣ ва тағйироти сифатӣ дар адабиёт ва ба миён омадани тарҳи равияи нав боис гардида, дар роҳи таҷдиди ҳаёти фарҳангиву адабӣ, фароҳам омадани фазои нисбатан нарму озод дар тасвири зисту зиндагии давраи муосир, қолабшиканӣ – дур шудан аз берангии адабии солҳои пешин, дар сириштту рӯҳияи эҷодгарон бедор шудани ҷасорати адабӣ заминаи мусоид омода кард ва оғози «ҷаҳишҳое ба сӯи шеваи нави баён» дар арсаи адабиёт гардид» [95, с. 4].

Воқеан, адабиёти муосири тоҷик новобаста аз рӯйдодҳои мухталифи иҷтимоиву сиёсии шуравӣ, ба мисли адабиёти классикӣ

аҳаммияти худро аз даст надода, дар арсаи адабиёти ҷаҳон нуфуз пайдо кардааст.

Дар натиҷаи дар сатҳи давлатдорӣ қарор додани адабиёти муосири тоҷик таҳаввулоти зиёд ба вуҷуд омадаанд, ки онҳо бештар дар ҳаёти маънавии халқи тоҷик дар пайдоиши омилҳои мусбати объективона ба назар мерасиданд. Дар замони шуравии солҳои 50-80-уми асри XX арзишҳои заминавӣ, чун рушди ҳаёти адабӣ, тафаккури маънавӣ, асосҳои эҷодӣ, сабку салиқа ва арзишҳои волои адабӣ-бадеӣ нигоҳ дошта шудаанд.

Адабиёти муосири тоҷик аз оғози таъсисёбии Тоҷикистони Шуравӣ (1924) ҳамчун як ҷузъи фарҳанги миллӣ рушд намудааст. Вобаста ба ин, омӯзиши самтҳои илмии адабиёти классикӣ дар замони шуравӣ ва то давраи мо инкишоф ёфтаанд. Масалан, рӯдакишиносӣ, фирдавсишиносӣ, ҳофизшиносӣ, саъдишиносӣ, румишиносӣ, камолшиносӣ, ҷомишиносӣ ва дигар самтҳои ҷудогонаи адабиётшиносии тоҷик аҳаммияти вижа касб намуда, инкишоф ёфтаанд.

*Фирдавсишиносӣ* дар Тоҷикистони замони шуравӣ яке аз самтҳои аввалини адабиётшиносии тоҷик маҳсуб ёфта, дар марҳилаҳои гуногун омӯхта ва таҳқиқ мегардад. Таҳқиқи фирдавсишиносӣ дар Тоҷикистон новобаста аз ҳар гуна таъсироти бевоситаи худ ба афкори адабии ҷомеа чунин марҳилаҳои таърихиро дар бар мегирад:

- *марҳилаи аввал*, давраи Инқилоб то таъсисёбии Тоҷикистони шуравӣ (охири асри XIX ва аввали асри XX);
- *марҳилаи дуюм*, аз давраи таъсисёбӣ то фурӯпошии Иттиҳоди Шуравӣ (солҳои 1924 то 1989);
- *марҳилаи сеюм*, соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз соли 1991 асри XX то имрӯз) [156, с. 59-64].

Ба ҳамин далел, фирдавсишиносӣ дар замони шуравӣ дар ташаккул ва таҳаввули афкори адабии халқи тоҷик таъсири муассир гузошта, ба ду марҳила тақсим мешавад:

- марҳилаи аввал – солҳои 30-40-уми асри XX, яъне марҳалаи нахустини фирдавсишиносӣ дар Тоҷикистон;

- марҳилаи баъдӣ – солҳои 50-80-уми асри XX, яъне марҳалаи дуюми фирдавсишиносӣ то замони соҳибистиқлолии Тоҷикистон.

Марҳилаҳои болозикр ҳарчанд ҷиҳатҳои гуногуни сохтори иҷтимоиву сиёсиро дар бар мегирад, аммо илму фарҳанг бо тағйирёбии сохти давлатдорӣ то андоза рушд намудааст. Дар заминаи мазкур самти фирдавсишиносӣ низ бо вижагии сохторӣ ва мундариҷавӣ омилҳои иҷтимоӣ-сиёсиро ба вуҷуд овард, раванди ташаккули афкори ҷомеаро муайян намудааст. *Фирдавсишиносӣ* ҳамчун самти алоҳидаи пажуҳишӣ солҳои 30-юми асри XX оғоз ёфта, аз ҷониби муҳаққиқи тоҷик Г. Шозиёева дар шакли рисолаи илмӣ таҳти унвони «Оғози фирдавсишиносӣ дар Тоҷикистон (солҳои 30-40-уми асри XX)» анҷом шудааст. Кори илмӣ дар асоси маводди «Ҳазораи Ҳаким Фирдавсӣ дар арафаи Анҷумани аввалини нависандагони шуравӣ» (соли 1934) анҷом шудааст.

Марҳилаи дуюм, ки пайдоиш ва ташаккули фирдавсишиносии солҳои 50-80-уми асри гузаштаро дар бар мегирад, бозгӯи бурду бохт ва моҳияти ҷустуҷӯҳои илмиву бадеиро дар як давраи мураккаби дигаргуниҳои ғоявию иҷтимоӣ ва адабию фарҳангии тоҷикон фаро гирифта, дар зери таъсири сиёсати шуравӣ ҷараён доштааст.

Таҳаввули адабии замони шуравӣ роҳҳои пажуҳиш ва таҳқиқи осори адибони муосирро ҳамаҷониба омӯхта, восита ва усулҳои ҷиддӣ ва илмиро комил намудааст. «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ дар баробари қоидаву қарорҳои низоми давлатдории шуравӣ ҳамчун роҳнамои дӯстӣ ва пайвандгари халқҳои бародари шуравӣ дар он рӯзгор маҳсуб меёфт.

Бо вуҷуди таъсироти гуногуни замони шуравӣ тамоми дастовардҳои илмӣ ва тарҷумонӣ роҷеъ ба фирдавсишиносӣ маҳз ба баргузор гардидани даҳаҳо, ҳамоишу ҷаласаҳои ҷумҳуриявию

умумишуравӣ ва байналмилалӣ бахшида ба солгарди шоир вобастаанд. Дар ин асос, анҷумани XX ва XXII-и Иттиҳоди Шуравӣ дар ҳаёти маънавии давлатҳои собиқ шуравӣ табаддулоти бузургро ба амал овардаанд. Бевосита дар заминаи ин анҷуманҳо самти фирдавсишиносӣ солҳои 50-80-уми асри XX аҳаммияти бештар пайдо намудааст. Таҳқиқоти бештари ҳаёти шоир ва мазмуни «Шоҳнома» дар ин марҳалаи таърихӣ бештар дар остонаи ҷашнвора ва даҳаҳои адабӣ дар Тоҷикистон ба даст омаданд. Бо баргузор гардидани ҷашнвора ва даҳаҳо андешаҳои баландмазмуни шоир бештар муайян шуда, дар устувории сохти шуравӣ – инсондӯстӣ, ватанпарварӣ ва ягонагии миллӣ дар ҷомеа, ки дар замони шуравӣ унвони башардӯстӣ («интернатсионализм») доштааст, хизмат намуданд.

Ташаккул ва рушди фирдавсишиносиро бидуни тарҷумаи «Шоҳнома» ба забонҳои шуравӣ, бахусус, ба забони русӣ ҳамчун забони умумишуравӣ ва дигар забонҳои дунё тасаввур кардан ғайриимкон аст. Дар ин росто, хонандагоне, ки осори тарҷумашударо ба забонҳои дигар мехонданд, бо мероси ғании адабии халқи тоҷик ба таври кофӣ ошноӣ пайдо намуданд. Махсусан, бештари асарҳо ба забони русӣ таҳия ва чоп шудаанд, зеро забони русӣ забони расмии Иттиҳоди Шуравӣ ба ҳисоб мерафт. «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ на танҳо дар Институти шарқшиносии Академияи илмҳои Тоҷикистон, балки дар пажуҳишгоҳҳои шарқшиносии Иттиҳоди Шуравии Москва, Санкт-Петербург, Боку, Қазон, Алма-ато, Самарқанд ва ғайра мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор гирифт.

Дарвоқеъ, ҳамкориҳои фарҳангӣ-адабии халқҳои шуравӣ дар самти фирдавсишиносӣ ба шаклҳои зерин рушду такомул ёфтаанд:

а) баргузории рӯзҳо ва даҳаҳои адабиёт, маданият ва санъат, таҷлили санаҳои адабию таърихӣ (хосса, роҷеъ ба бузургдошти Абулқосим Фирдавсӣ – О.С.), ҳамчунин баргузории конфронс ва симпозиумҳои илмии ҷумҳуриявӣ ва умумишуравӣ теъдоди зиёди

адабиётшиносон ва фирдавсишиносонро ба майдони илмиву адабӣ ворид намудаанд;

б) чопи тарҷумаи «Шоҳнома» қобилияти касбии мутарҷимонро маълум намуда, тавассути он дастовардҳои адабиёти тоҷик ба халқҳои бародари шуравӣ муаррифӣ гардидаанд.

Дар давоми солҳои 50-80-уми асри XX дар остонаи таҷлили даҳаҳои адабиёти тоҷик, ҳамоишҳои илмӣ, фарҳангӣ ва адабӣ дар Тоҷикистон ва мамолики дигари шуравӣ порчаҳо аз «Шоҳнома» дар рӯзномаву маҷаллаҳо ва маҷмуи мақолаҳо ба табъ расидаанд. Вобаста ба ин, соли 1959 дар маҷаллаи «Тоҷикистон» достони «Ҷанги Рустам бо Исфандиёр», ки ба муносибати 1025-солагии Абулқосим Фирдавсӣ бахшида шудааст, ба табъ расидааст. Порчаҳо аз «Шоҳнома» ҳарчанд дар шакли фишурда зикр гардидаанд, аммо маъно ва муҳтавои онҳо ба афкори адабии тоҷик таъсири бевосита расониданд. Бахусус, достонҳои асар бештар солҳои 50-80-уми асри XX, яъне пас аз Ҷанги Бузурги Ватанӣ мавриди баҳрабардорӣ қарор дода шудааст. Масалан:

Таҳамтан ҳамерафт найза ба даст,
Чу берун шуд аз ҷойгоҳи нишаст.
Сипоҳаш бар ӯ хонданд офарин,
Ки бе ту мабод аспу кӯполу зин! [73, с. 14].

Ҳадафи нашри порчаҳо аз «Шоҳнома» ва зикри байтҳои ҷудогонаи он маҳз ба хотири тарбияи насли ҷавони тоҷик будааст. Масалан, мисраи «*Таҳамтан ҳамерафт найза ба даст*» барои талқин намудани ҷавонон ба мубориза барои Ватан ва бо истифода аз аслиҳаи ҷангӣ, яъне «найза» шикаст додани душман аст.

Ҳамчунин, дар арафаи 950-солагии рӯзи вафоти Абулқосим Фирдавсӣ (соли 1970) як қатор ҳамоишҳо баргузор гардида, корҳои зиёди илмӣ-таҳқиқотӣ ба анҷом расидаанд. Муҳаққиқи тоҷик Ш. Камол дар ин бора чунин қайд кардааст: «Иттиҳоди Шуравӣ 950-солагии рӯзи вафоти шоири ҷаҳонӣ, мутафаккири барҷаста, яке аз асосгузорони назми

классикии тоҷику форс Абулқосим Фирдавсии Тӯсиро қайд менамояд. Дар рафти баргузории он даҳҳо кори илмиву пажуҳишӣ анҷом ёфтаанд» [109, с. 4].

Воқеан, дар ҳар ҳамоишу ҷашнвораҳои ба бузургдошти Абулқосим Фирдавсӣ бахшидашуда донишмандону ховаршиносони машҳур ҷамъ шуда, аз бузургӣ ва осори арзишманди шоир сухан мегуфтанд. Ҷашни 950-солагии рӯзи вафоти Абулқосим Фирдавсӣ яке аз муҳимтарин ҳамоишҳо дар *фирдавсишиносии шуравӣ* ба ҳисоб меравад. Пас аз баргузории даҳаҳо, ҳамоишҳо ва ҷашнвораҳои намояндагони адабиёти форсӣ-тоҷикӣ, ба мисли Абулқосим Фирдавсӣ адабиёти муосири тоҷик рушду ташаккул ёфтааст. Афкору андешаҳои шоир дар бедории шуури ҷомеа, бахусус тоҷикон дар раванди сохти нави шуравӣ нақши вижа дошта, барои тарбияи адибони ҷавон ва ҳам барои ташаккули тафаккури иҷтимоиву равонии халқи тоҷик муфид арзёбӣ гардиданд. Осори шоирону нависандагони шуравӣ, ки дар пайравии Абулқосим Фирдавсӣ таълиф шудаанд, ҳаёти ояндаи ҷавононро равшан намуданд.

Мақоми Абулқосим Фирдавсӣ дар адабиёти муосири тоҷик зарур арзёбӣ шудааст, зеро афкору андешаҳои ӯ дар эҷоди адибони муосири тоҷик кӯмак намуда, адабиёти муосири тоҷикро рушд додааст. Бештари мавзуоти «Шоҳнома», ки ба худшиносӣ, инсондӯстӣ ва ифтихори миллӣ бахшида шудаанд, дар таълифоти шоирону нависандагони адабиёти муосири тоҷик инъикос ёфта, ба маънавиёти ҷомеаи шуравӣ нақши муассир гузоштанд.

Дар натиҷаи омӯзиши пурраи осори Абулқосим Фирдавсӣ аз ҷониби адибони ҷавон (онвақта)-и тоҷик дар адабиёти муосири тоҷик афкори баланди адабӣ-бадеӣ ба вуҷуд омадааст. Чунин тозакориҳои шоирону нависандагон ҷиҳати таъсирпазирӣ аз «Шоҳнома» пайдо гардида, матолиби Абулқосим Фирдавсӣ дар ашъори адибони шуравӣ аз нуқтаи назари давраи нав таҷассум ёфтаанд. Бо вуҷуди баъзе масъалаҳои ба замони шуравӣ мухолифи осори шоирони форсии тоҷикӣ, адабиёти

шуравии тоҷик дар заминаи адабиёти классикӣ ба вуҷуд омада, дар руҳияи он рушду такомул ёфтааст. Дар ин бора М. Турсунзода дар мақолаи худ зери унвони «Замон ва нависанда», ки ба ташаккули афкори адабии халқи тоҷик бахшида шудааст, бар ин назар аст: «Осори ниёгонро мо дар замони ҳозира бо усулҳои нав меомӯзем, зеро ба шарофати он мо адабиёти муосирро бунёд мекунем. Роҳи тараққиёти адабиёти тоҷик *роҳест гузашта ба сӯйи оянда*, барои оянда, барои шуравӣ» [150, с. 33].

Шоир ҷойгоҳи адабиёти классикии форсии тоҷикиро дар даврони шуравӣ дуруст ва муфассал омӯхта, ба ҷанбаҳои гуногуни он баҳои сазовор додааст. Чунин баҳогузорӣ қариб дар ҳамаи пажуҳишҳои аҳли илму адаб хислати тавсифӣ дорад. Дар ин замина таваҷҷуҳи вижа зоҳир намудани аҳли адаб ба ҷойгоҳи Абулқосим Фирдавсӣ ва «Шоҳнома»-и ӯ ба хотири эҳтиром гузоштан ба осори арзишманди ниёгон ва пос доштани худшиносии таърихиву миллӣ мебошад.

Ҳарчанд омӯзиши осори Абулқосим Фирдавсӣ зимни афкори иҷтимоӣ-сиёсии шуравӣ сурат гирифтааст, аммо мавзуъҳои зиёди матраҳшуда ба манфиати мафкураи миллӣ равона гардидаанд. Вобаста ба ин, ховаршиноси рус Е.Э. Бертелс дар асари худ таҳти унвони «Таърихи адабиёти форсӣ-тоҷикӣ» чунин қайд намудааст: «Адабиёти форсӣ-тоҷикӣ арзишҳои фарҳангии бисёре ба армуғон овардааст, ки яке аз волотарин арзишҳо «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ аст, ки дар миёни шоҳкориҳои адабиёти ҷаҳон ҷое устувор ва дурахшон дорад» [98, с. 275].

Муҳаққиқ ва шарқшиноси рус Е.Э. Бертелс ба таҳқиқи осори намояндагони адабиёти форсӣ-тоҷикӣ, бахусус ба ҳаёт ва осори Абулқосим Фирдавсӣ солҳои зиёд сарукор дошта, «Шоҳнома»-ро меҳвари асосии пажуҳиши хеш қарор додааст. Маҳз таҳқиқоти Е.Э. Бертелс арзишмандии ҷаҳонбинии шоир ва асари безаволи ӯро дар Иттиҳоди Шуравӣ ва ҷаҳон барҷаста нишон додааст.

Адабиётшиносон, донишмандон ва мутарҷимони шуравӣ бештар ба мазмун ва моҳияти «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ таваҷҷуҳ зоҳир намудаанд. Ба ин радиф, Е.Э. Бертелс [177, с. 561], И.С. Брагинский [181, с. 432], А. Эделман [172, с. 104-110], С. Айнӣ [87, с. 59], А. Лоҳутӣ [49, с. 246], С. Бону-Лоҳутӣ [83, с. 646], С. Улуғзода [151, с. 2], Ш. Ҳусейнзода [159, с. 224], Р. Ҳодизода [157, с. 288], К. Айнӣ [85, с. 2], Х. Отахонова [131, с. 79], Х. Шарифов [162, с. 163], Р. Мусулмонқулов [190, с. 240], М. Муллоаҳмад [122, с. 261], А. Сатторзода [142, с. 179] ва дигарон дохил мешаванд, ки ба таҳқиқи осори Абулқосим Фирдавсӣ ҳанӯз дар замони шуравӣ машғул буданд ва роҷеъ ба нуктаҳои гуногуни асари мазкур пажуҳишҳо анҷом додаанд.

Ҳарчанд ҳаёт ва осори Абулқосим Фирдавсӣ дар марҳалаҳои гуногуни таърихӣ мавриди таҳқиқу пажуҳиш қарор ёфта бошад ҳам, дар замони шуравӣ ба сифати самти алоҳидаи адабиётшиносии тоҷик таҳқиқоти бунёдиро асос гузошт. Муҳаққиқон ва донишмандони тоҷик то андозае тавонистанд дар фирдавсишиносӣ заминаи илмӣ-назариявӣ гузошта, пажуҳишҳои дақиқтарро ба анҷом расонанд. Ҷусторҳо дар ин замина нишон медиҳанд, ки доир ба «Шоҳнома» пажуҳишҳои ҷиддӣ низ ба анҷом расониданд.

Дар таҳқиқоти адабиётшиносон ва муҳаққиқони тоҷик шинохти шахсият ва афкору андешаҳои Абулқосим Фирдавсӣ то андоза бо далелҳо муайян гардиданд.

Ҷойгоҳи Абулқосим Фирдавсӣ дар адабиётшиносии тоҷик бештар дар марҳалаи дуюми замони шуравӣ, яъне солҳои 50-80-уми асри XX мушаххас шуда, дар шакли мақола ва китобҳои илмӣ ба нашр расиданд. Бо вуҷуди теъдоди зиёди таълифот оид ба ин мавзуъ масъалаҳои илмӣ, илмӣ-назариявӣ ва бадеӣ то ҳол мавриди таҳқиқи ҷиддӣ қарор нагирифтаанд. Бинобар ин, донишмандону олимон, муҳаққиқону мутарҷимон ва шоирону нависандагони солҳои 50-80-уми асри XX дар

доираи қонуни сохтори сиёсӣ самти фирдавсишиносиро то андоза рушд додаанд.

Дар Тоҷикистони шуравӣ муҳаққиқон ва пажуҳишгарон дар рафти омӯзиши осори классикони форсии тоҷикӣ, бавижа «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ дақиққорона назар намуда, таҳқиқотро дар заминаи «ташхиси адабӣ» («синтези адабӣ») анҷом додаанд. Ташхиси адабӣ ба андешаи адабиётшинос Х. Мирзозода «бо ёрии усули илмию назариявии адабиётшиносӣ ва шарқшиносии шуравии рус ва халқҳои дигари Иттиҳоди Шуравӣ адабиётшиносии тоҷик аз пояи тоинқилобиаш ба зинаи нав – адабиётшиносии шуравии марксистӣ-ленинӣ бардошта шуд. Ибтидои адабиётшиносии шуравии тоҷик аз китоби «Намунаи адабиёти точик»-и устод С. Айнӣ, ки синтези анъанаи тазкиранависӣ ва ибтидои адабиётшиносии советист, оғоз ёфтааст» [119, с. 7].

«Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ низ аз намунаҳои барҷастаи адабиёти форсӣ-тоҷикӣ маҳсуб мешавад, ки дар замони шуравӣ таҳия ва чопи он тавассути «усули синтези анъанавӣ» анҷом ёфтааст. Масалан, Абулқосим Фирдавсӣ «Шоҳнома»-ро бо исми Худо (ба забони арабӣ) шуруъ намудааст, аммо дар ҳар ду нашри шуравӣ (1964-1968 ва 1986-1990) аз асари мазкур онро ҳазф кардаанд.

Танҳо «Оғози китоб»-и «Шоҳнома» дар нашрҳои шуравӣ оварда шудааст:

Ба номи Худованди ҷону хирад,  
К-аз ин бартар андеша барнагзарад,  
Худованди ному худованди ҷой,  
Худованди рӯзидеҳу раҳнамой [1, с. 7].

Ҳарчанд боби болозикр дар нашри шуравии ин асари безавол омада бошад, мисраи аввали он, ки хилофи сохтори шуравӣ будааст, зикр нашудааст. «Шоҳнома» дар натиҷаи ҳазфи баъзе байтҳо ва тағйироти вожаҳо боиси коҳиш ёфтани мазмуни асар мегардид ва ин амал бештар дар қисматҳои аввал ба назар мерасанд.

Адабиётшинос Х. Асозода низ ин ҳолатро ба мушоҳида гирифта, чунин андеша баён намудааст: «Мутаассифона, адабиётшиносони собиқ шуравӣ ҷиҳати тадқиқоти хеш он маводди шеъриро интихоб карданд, ки ба дарди ҷомеаи шуравӣ (сотсиалистӣ) даво шуда метавонист. Масалан, мавзуъҳои танқиди шоҳу амир, замон, сохти давлатдорӣ ва ғайра дар монографияҳои муҳаққиқини тоҷикӣ далели чунин масъалаҳо буда, мавқеи аввалиндараҷа доштанд» [91, с. 14].

Воқеан, байтҳои зиёде, ки ба таърифу тавсифи шоҳону амалдорон бахшида шудаанд, ба сохтори шуравӣ муқобил арзёбӣ гардидаанд. Чунин абёт низ дар нашри шуравии «Шоҳнома» оварда нашудаанд. Чунончи:

Бузургиву дайҳиму шоҳӣ марост,
Кӣ гӯяд, ки ҷуз ман касе подшост?!
Ба доруву дармон ҷаҳон гашт рост,
Ки бемориву марг касро накост [1, с. 65].

«Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ аз муҳимтарин асарҳои арзишманди классикӣ ба ҳисоб рафта, новобаста аз ҳар гуна талаботи он замон (сензураи шуравӣ) дар ҷомеаи шуравӣ нақши муассир гузоштааст. Азбаски халқу миллатҳои шуравӣ дар зери сиёсати шуравии «баробарӣ ва ягонагӣ» ва ливои «Зинда бод дӯстии халқҳо!» зиндагӣ намудаанд, чунин андешаҳои шоир ба ҷомеа номувофиқ буданд.

«Шоҳнома» аз замони таълифи худ то имрӯз ҳамеша дар хидмати башар қарор дорад ва дар баробари хусусиятҳои олии шеърӣ, забонӣ ва услубӣ доштанаш боз арзишҳои тарбиявӣ-ахлоқии инсониро таҷассум мекунад. Сабаби асосии муассир будани асари безавол ба сиёсати шуравӣ, пеш аз ҳама, андешаҳои инсондӯстонаи шоир ташкил медиҳад. Аз ҷумлаи мавзуъҳое, ки дар «Шоҳнома» оварда шудаанд, мавзуи сулҳу амонӣ ва ҳаёти осоишта дар мадди назар ва таваҷҷуҳи шоир қарор гирифтааст:

Зи баҳри бузургони Эронзамин

Бар *осоиш* ин ранҷ кардӣ гузин.

Ҳама сар ба сар *некхоҳи* туем,

Ситуда ба фарри кулоҳи туем [2, с. 47].

Тасвири амалҳои неки инсонӣ, чун сулҳу оромӣ ва хирадмандиву некхоҳӣ ба «Шоҳнома» умри абадӣ бахшидаанд. Ба андешаи Садриддин Айнӣ «Шоҳнома» аз муқаддасоти имрӯзу фардо ва «аз он осори бузурги гузаштаи форсу тоҷик, ки барои имрӯз ва фардо хидмат мекунад, ҳамеша ва ҳамвора баробари башар умраш ҷовидон аст» меҳисобад [87, с. 3].

Андешаҳои баланди инсондӯстонаи Ҳаким Фирдавсӣ, ки то имрӯз арзиши худро нигоҳ доштаанд, дар раванди ҷаҳонишавӣ барои тарбияи ахлоқии ҳар фарди сайёра имрӯз ва фардо низ хидмат менамоянд, зеро онҳо асоси воқеӣ дошта, ҳар нуктаи шоир аз ҳаёти одамони гуногун гирифта шудааст.

Осори пурарзиши бузургонамон, махсусан Ҳаким Фирдавсӣ барои кулли форстаборону форсизабонони дунё муқаддасанд. Онҳо «Шоҳнома»-ро «шаҳодатномаи миллат» ва «осори ҷовидонаи Шарқ» меҳисобанд. Худи Ҳаким Фирдавсӣ навиштааст:

Биноҳои обод гардад хароб

Зи борону аз тобиши офтоб.

Пай афкандам аз назм кохе баланд,

Ки аз боду борон наёбад газанд [1, с. 5].

Шоир бар пояи абёти боло аз ҷовидонагии шоҳасари худ, ки арзишҳои маданиву фарҳангии халқи соҳибтамаддуни форсу тоҷикро дар бар мегирад, сухан гуфтааст. Ҳар марҳалаи пас аз Абулқосим Фирдавсӣ ба вуқуъомада натавонистааст ба решаҳои бунёдии халқи форсу тоҷикӣ осебе расонад. Решаҳои бунёдии асарро масъалаҳое ташкил медиҳанд, ки шоир онҳоро дар маҷмуъ «кохи назм» номидааст. Офаридани кохи назм гувоҳи ҳунари фитрӣ, ҷаҳонбинии васеъ ва мақому манзалати волои шоир мебошад.

Каломи равон ва ҷаҳонбинии хосси Абулқосим Фирдавсӣ ҳамеша ба забон ва фарҳанги халқҳои шуравӣ (махсусан солҳои 50-80-уми асри XX) таъсири мусбат расонидааст. Чунин таъсирбахшии «Шоҳнома» ҷиҳати мавзуъ ва муҳтавои арзишманд, андешаҳои амиқ ва дақиқ аз ҷониби нависанда бо унвони вижагиҳои ғоявию бадеӣ, аз қабили инсондӯстӣ, ватандӯстӣ, ҳувияти миллӣ, башардӯстӣ ва дигар масъалаҳои муҳим дар адабиётшиносии тоҷик таҳқиқоти тоза ба шумор меравад.

Мавзуъҳои маънавӣ, ки аз масъалаҳои муҳимми фирдавсишиносии солҳои 50-80-уми асри XX ба ҳисоб мераванд, дар замони шуравӣ, бахусус дар Тоҷикистони шуравӣ таваҷҷуҳи аҳли адабро ҷалб намудааст. Ин матолибро муҳаққиқи тоҷик Ш. Камол чунин арзёбӣ намудааст: «Акнун дар замони мо эҷодиёти Абулқосим Фирдавсӣ садчанд қимат пайдо кардааст. Адабиётшиносон, муаррихон ва олимони шарқшинос ҳоло ба шарофати сиёсати миллии ленинӣ на танҳо осори парокандаи ӯро аз ҳар гӯшаю канор ҷамъ карда чоп менамоянд, балки ҳар он чи ки ба ӯ оид аст ва он чи ки дар ҳаққи ин шахси сухансанҷ бузургон гуфтаанд, ба чоп ҳозир ва дастраси хонандагони сершумори имрӯза менамоянд» [109, с. 4].

Мушоҳидаи Ш. Камол дар ҷамъоварӣ ва мураттаб сохтани «Шоҳнома» саҳми сазовор гузошта, ҷойгоҳ ва мақому манзалати Абулқосим Фирдавсиро новобаста аз ҳар гуна сохти давлатдорӣ, ба мисли замони шуравӣ барҷаста нишон додааст.

Солҳои 50-80-уми асри XX арзиши вижа пайдо намудани осори Абулқосим Фирдавсӣ боиси муттаҳид гардидани на танҳо халқҳои ҳамҷавору ҳамзабон, балки ҳамаи халқҳои сермиллати шуравӣ гардидааст. Ҳамчунин, Абулқосим Фирдавсӣ дар «Шоҳнома» маҳз чунин амалҳоро зикр намудааст, ки руҳияи инсондӯстиву ягонагӣ ва хирадмандиро дар бар мегиранд. Шоир дар баробари таъкиди ақидаҳои волои инсониву башарӣ халқу миллатҳои ҷаҳонро аз ҳам ҷудо

нанамудааст. Дар ин асно бобҳои алоҳидаи асар, чун «Оғози китоб»-и «Шоҳнома», «Гуфтор дар офариниши олам», «Гуфтор андар ситоиши хирад», «Ситоиши Пайғамбар ва ёронаш», «Гуфтор андар офариниши Офтоб», «Гуфтор дар офариниши мардум», «Дар офариниши Моҳ», «Гуфтор андар фароҳам овардани «Шоҳнома», «Достони Дақиқии шоир», «Гуфтор дар бунёд ниҳодани китоб», «Андар ситоиши Абумансур ибни Муҳаммад» ва «Андар ситоиши Султон Маҳмуд»-ро комилан ба чунин масъалаҳо бахшидааст.

Шоир дар боби «Гуфтор дар офариниши мардум» ягонагии инсониятро бидуни ҷудо кардан ба халқияту миллат ва табақабандӣ чунин тасвир намудааст:

Чу з-ин бигзарӣ, мардум омад падид,
Шуд ин бандҳоро саросар калид.
Сараш рост бар шуд чу сарви баланд,
Ба гуфтори хубу хирад корбанд [1, с. 28].

Абулқосим Фирдавсӣ қадру манзалат ва сарбаландии шахсро ба сарви баланд монанд кардааст ва ин амалҳоро дар шоистагии гуфтори хуб, ҳушу рой ва хирад меҳисобад. Ҳамчунин шоир ин амалҳоро калиди розу ниёз ва бандҳои мардумони ҷаҳон ном мебарад.

Масъалаи меҳварии ҳаёти иҷтимоиро дар Иттиҳоди Шуравӣ баробарии халқу миллатҳо ташкил додааст, ки дар «Шоҳнома» маҳз чунин мавзуъҳо таҷассум ёфтаанд. Пеш аз ҳама, мавзуъҳои мазкур дар китобҳои дарсии муассисаҳои таълимии умумӣ тарғиб гардида, барои тарбияи насли шуравӣ ва минбаъда заруранд. Ба ҳамин далел муҳаққиқи тоҷик С. Муллочаев низ чунин изҳор доштааст: «Абулқосим Фирдавсӣ аз зумраи он бузургони нозукбаён мебошад, ки байтҳои аз нӯги килки сеҳрангезаш таровида, дар шуури сиёсии мардум инқилоби пурғалаён ва дар рагу пайи ошиқон оташи пуртобе афкандаанд. Мавзуи некӣ аз муҳимтарин арзишҳои инсоният аст» [125, с. 3].

Андешаҳои С. Муллочаев дар мавриди таъсири «Шоҳнома» дар эҷоди адибони муосир ва хусусан, дар шуури ҷомеа баръало мушоҳида мешавад. Абулқосим Фирдавсӣ тавонистааст, мавзуъҳои мубрам ва вазифаҳои калидии инсондӯстиро дар «Шоҳнома» баён созад ва дар ташаккули тафаккури аҳли башар ба таври комил саҳм гузорад.

Дар «Шоҳнома» чунин андешаҳои сеҳрангез ва манфиатбахши ҷомеаи башар басо зиёданд:

Биё, то ҷаҳонро ба бад наспарем,
Ба кӯшиш ҳама дасти *некӣ* барем.
Набошад ҳаме неку бад пойдор,
Ҳамон беҳ, ки *некӣ* бувад ёдгор [1, с. 122].

Озодагӣ ва покии ҷаҳон ба андешаи шоир танҳо бо некиву накуӣ ба вуҷуд меояд. Абадияти ҷаҳон, ба андешаи шоир, на танҳо дар «бадиву бадкорӣ лоиқ донистан» аст, балки дар «ҷовидона пос доштани *некӣ*» падидор мегардад.

Дар баробари муассир будани мавзуъ, мазмун ва муҳтавои «Шоҳнома» ба шуури сиёсии шуравӣ, ҷомеаи тоҷик онро ба сифати арзиши ниёгони хеш пазируфт. Новобаста аз сохтори шуравӣ, ки дорои низоми муайяни сиёсиву иҷтимоӣ будааст, омӯзиш ва таҳқиқи осори шоирону нависандагони классик, бахусус, Абулқосим Фирдавсӣ мақоми хосса доштааст. Таваҷҷуҳи ҳукумати шуравӣ нисбат ба адабиёти халқҳои муттаҳидшуда, хосса адабиёти тоҷик назаррас буда, таҳлилу таҳқиқоти ҷиддиро ба вуҷуд овардаанд. Вобаста ба ин адабиётшиноси тоҷик С. Табаров чунин гуфтааст: «Аз ҷумлаи намояндагони адабиёти тоҷик он адибоне, ки идеали пешқадам ва афкори револютсиониро (инқилоб) дастгирӣ менамуданд, аз рӯзҳои аввали ба вуқуъ омадани Револютсияи сотсиалистии Октябр дар васф ва тасвири он камар бастанд» [145, с. 9].

С. Табаров, ки адабиёти муосири тоҷикро дар пояи адабиёти форсӣ-тоҷикӣ таҳқиқ намудааст, нубуғу истеъдоди намояндагони

пешқадами адабиёти муосирро дар доштани афкору андешаҳои классикӣ ва эҷоди мавзуоти баланд меҳисобад.

Дар «Шоҳнома» чунин шиорҳо бо мафҳумҳои «яке рехт рахту яке ёфт тахт», «мавҷ задани хун», «саре зери наълу саре бо кулоҳ» ва ғайра нишон дода шудаанд:

Сар аз теғборон чу барги дарахт,

Яке *рехт рахту* яке *ёфт тахт*.

Ҳаме *мавҷ зад хун* дар он размгоҳ,

*Саре зери наълу саре бо кулоҳ* [1, с. 28].

Абулқосим Фирдавсӣ нишебу фарозҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ, ки форсизабонон дар таърихи садсолаҳо онҳоро аз сар гузаронидaнд, дар ҳар ҳолат дақиқ ба қалам додааст. Дар натиҷаи ҳар гуна инқилоби таърихӣ хунрезиҳо ба амал омада, қувваи ҳушманду соҳибандеша дастболо мегардад.

Яке аз омилҳои муҳимми сиёсӣ ва иҷтимоии замони шуравӣ тағйир ёфтани тафаккури ҷомеа маҳсуб мешуд, ки дар заминаи он мутобиқ кардани шоҳкориҳои нобиғагони форсии тоҷикӣ ба сохтори шуравӣ ба роҳ монда шуд. Афкори мазкур, ки «афкори шуравӣ» унвон доштааст, аз ҷониби одамони ин давра, ки *синфи ягона* (*синфи коргар*), яъне баробарии ҷомеаро ташкил медод, мусбат арзёбӣ гардидааст.

Дар «Шоҳнома» андешаҳои зиёде мавҷуданд, ки ба ҷомеаи шуравии тоҷик таъсири мусбат расониданд:

Сухан чун баробар шавад бо хирад,

Равони сароянда ромиш барад.

Касеро, ки андеша нох(в)аш бувад,

Бад-он нохушӣ рои ӯ каш бувад [1, с. 341].

Аз абёти боло бармеояд, ки сухани андешамандона ва созгор дар ҳар сурат мартабаи шахсро баланд мекунад ва сухани нохубу нохуш шахсро ба пастӣ мебарад. Ҳамин тавр, сухани андешамандона дар ҳар давру замон, новобаста аз сохтору низоми сиёсии давлат арзиши волои

инсоният маҳсуб мешавад. Дар замони шуравӣ сухани хубро «идеяи баробар» ва «идеяи маданӣ» меномиданд. Дар ин бора Ш. Ҳусейнзода бо мушоҳидаи амиқи худ ба ғояҳои («идеяҳои») сохтори шуравӣ холисона баҳо дода, чунин иброз доштааст: «Сохтмони азими коммунизм, тантанаи идеологияи марксизм-ленинизм, маданияти шаклан миллӣ ва мазмунан сотсиалистии халқҳои Иттиҳоди Шуравиро ғанитар мегардонад, *идеяҳои баробар* ва *ягонагии идеявии халқҳо маданияти* онҳоро низ ба ҳам наздик менамояд» [159, с. 10].

Ягонагӣ ва баробарии халқҳои шуравӣ ба андешаи адабиётшинос Ш. Ҳусейнзода аз арзишҳои миллии халқи тоҷик маҳсуб меёбанд. Чунин арзишҳои миллии халқи тоҷик дар «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ барҷаста таҷассум ёфта, дар ҷомеаи муосири шуравӣ борҳо таҷриба шудаанд.

Вобаста ба ин Абулқосим Фирдавсӣ дар ҷойи дигар чунин гуфтааст:

Зи *некӯ* сухан беҳ чӣ андар ҷаҳон?

Бар ӯ офарин аз *кеҳону меҳон*! [1, с. 37].

Ҷомеаи Тоҷикистони шуравӣ новобаста аз насли хурду бузург (*кеҳону меҳон*) пайваста дар руҳияи некиву накӯкорӣ тарбия ёфтаанд. Ҳамчунин, сохтори шуравӣ маданияти шаклан миллӣ ва мазмунан сотсиалистии халқҳои собиқ Иттиҳоди Шуравиро пайваста ғанӣ намуда, ягонагии идеявии халқҳо ва маданияти онҳоро низ таъмин намудааст.

Дар ҳаёти халқҳои шуравӣ, бавижа, халқи тоҷик солҳои 50-80-уми асри XX нисбат ба даҳсолаҳои аввал давраи беҳтарини шуравӣ маҳсуб мешавад. Дар ин давра шуури иҷтимоӣ то андоза тағйир меёфт, зеро давраи классикӣ ба давраи муосир гузаштан барои халқи тоҷик давраи ташаккули илм, фарҳанг ва адабиёт ба ҳисоб мерафт. Дар натиҷаи шаклпазирии як ҳокимият ба ҳокимияти дигар вижагиҳои маънавӣ, равонӣ ва маърифатӣ дар ҳаёти ҷомеа босуръат тағйир меёфт. Омӯзиш ва таҳқиқи осори ниёгон аз ҷониби муҳаққиқон ва донишмандони тоҷик

пажуҳишҳои навро ба вуҷуд овард. Ҳамчунин, баргузории ҳар гуна ҳамоиш ва даҳаҳои адабиёт, фарҳанг ва маданият ба манфиати халқҳои шуравӣ, хосса, халқи тоҷик будааст. Маҳз чунин ҳамоишҳову даҳаҳо олимону донишмандон ва шоирону нависандагонро ба майдони илму адабиёт овардаанд, ки ба эҷоди бадеӣ ва таҳқиқот даст мезананд. Албатта, ба ин гурӯҳ С. Айнӣ [87, с. 59], А. Лоҳутӣ [49, с. 246], С. Улуғзода [151, с. 2], М. Турсунзода [149, с. 2], М. Миршакар [52, с. 156], Б. Ғафуров [103, с. 384], С. Табаров [144, с. 123], Р. Ҷалил [70, с. 464], Ҷ. Икромӣ [39, с. 213], А. Деҳотӣ [29, с. 323], А. Мирзоев [117, с. 288], Ш. Ҳусейнзода [159, с. 224], Ю. Бобоев [100, с. 204], Х. Мирзозода [119, с. 489], М. Шукуров [167, с. 273], Р. Ҳодизода [157, с. 288], К. Айнӣ [85, с. 2], А. Сайфуллоев [139, с. 224], Х. Шарифов [162, с. 163], А. Сатторов [142, с. 179] ва дигарон дохил мешаванд, ки дар адабиёти муосири тоҷик ва адабиётшиносӣ нақши бориз гузоштанд.

Аз оғози таъсисёбии сохти шуравӣ осори бузургони классикии тоҷик ба сифати махзани илму дониш чун манбаи омӯзиш хидмат менамоянд. Аз ин рӯ, дар замони шуравӣ баргардон ва нашри асарҳои бузургони классикиро дар Тоҷикистони шуравӣ ба роҳ монданд. «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ аз ҷумлаи чунин асарҳои бузурги классикӣ мебошад, ки ду маротиба таҳия ва чоп шудааст.

Нуктаи дигар ин аст, ки заминаи асосии иҷтимоӣ ва таърихии таҳаввули афкори адабии Тоҷикистони шуравӣ (солҳои 50-80-уми асри XX)-ро маҳз шоҳкориҳои ниёгонамон ташкил дода, инкишофи минбаъдаи адабиёти муосири тоҷикро муайян месозад. Рушди адабиёти муосири тоҷик дар солҳои 50-80-уми асри гузашта барои ривоҷи дӯстиву бародарии халқҳои сермиллати Иттиҳоди шуравӣ хидмат намудааст. Ба андешаи муҳаққиқи тоҷик С. Табаров «...барои инкишофи минбаъдаи дӯстии ҳамаи халқҳои мамлакати азими сотсиалистӣ, барои бештар ривоҷу равнақ ёфтани адабиёти сермиллат ва гуногунзабони советӣ, барои боз ҳам мустаҳкамтар ва қавитар гардидани алоқаи

нависандагони рус, тоҷик, украин, ӯзбек, грузин ва дигар халқҳои мамлакатамон бо ҳаёт ва меҳнати қаҳрамононаи коргарон, деҳқонон, зиёиён баҳри иҷрои плани сохтмони коммунизм дар Иттиҳоди Шуравӣ ёрии калоне хоҳад расонд» [144, с. 47].

Дар заминаи робитаи адабии халқҳои бародару дӯсти шуравӣ дастовардҳои зиёди фирдавсишиносӣ аз ҷониби муҳаққиқон, мутарҷимон ва шарқшиносони рус, украин, тотор, белорус, қазоқ, ӯзбек, туркман, қирғиз ва ғайра ба даст омаданд. Маҳз тарҷума ва пажуҳишҳои онҳо дар доираи фирдавсишиносии минбаъда низ руҳи Абулқосим Фирдавсӣ ва асолати «Шоҳнома»-и ӯро абадӣ зинда медоранд.

Албатта, мусбат арзёбӣ гардидани адабиёти форсӣ-тоҷикии замони шуравиро маҳз се омили асосии сохтори шуравӣ ташкил медиҳад:

– башардӯстӣ (*интернатсионализми шуравӣ*);

– инсондӯстӣ (*гуманизми шуравӣ*);

– ватанпарварӣ (*патриотизми шуравӣ*).

Метавон гуфт, ки «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ комилан аз омилҳои қайдгардида таркиб ёфтааст ва ҳар як достони он мазмуни башардӯстӣ, инсондӯстӣ ва ватанпарвариро дорад.

Мавзуи дӯстиву рафоқат ва башардӯстӣ аз муҳимтарин омили сохтори шуравӣ маҳсуб мешавад, зеро маҳз тавассути он омилҳои инсондӯстӣ ва ватанпарварӣ ҳаллу фасл мегарданд. Ба ин маънӣ адабиётшиноси тоҷик А. Сайфуллоев чунин андеша баён намудааст: «Интернатсионализм на танҳо мазмуну моҳияти адабиёт ва санъати советиро ташкил мекунад, балки дар шаклҳои миллӣ низ таъсир мегузорад. Тараққиёти адабиёти сермиллати советӣ ин фикрро бо мисолҳои бисёре тасдиқ мекунад» [139, с. 4].

Воқеан, дар зери ливои башардӯстӣ (интернатсионализм), ки А. Сайфуллоев онро омили тағйирёбандаи адабиёти муосири тоҷик ва маданияти навини ҷомеаи тоҷик меҳисобад, то андозае он аз натиҷаҳои бадастомадаи осори адибони классикӣ маншаъ мегирад.

Абулқосим Фирдавсӣ дар «Шоҳнома» пайваста аз муттаҳидии форстаборону форсизабонон сухан гуфтааст. Барои пурра дарк кардани арзишҳои маънавии асари безавол шоир фарҳангу маданият ва ҳаёти маънавии ниёгонро меҳвари асосӣ қарор додааст. Ҳамчунин, шоир асари безаволро на танҳо барои ҳамзабонону ҳамтаборони хеш офаридааст, балки ӯ дар инъикоси мавзуъҳои ҷиддии умумибашарӣ дастболост. Аз ин рӯ, дар замони шуравӣ ӯро «шоири башарият» ва «шоири интернатсионал» ном мебурданд. Масалан, Абулқосим Фирдавсӣ дар қисмати аввали «Шоҳнома» дар боби алоҳидаи «Гуфтор дар офариниши мардум» чунин навиштааст:

Пазирандаи ҳушу рою хирад,
Мар ӯро даду дом фармон барад.
Зи роҳи хирад бингарӣ андаке,
Ки маънии мардум чӣ бошад, яке [1, с. 28].

Шоир бар он ақида аст, ки қадру манзалати мардуми ҷаҳон бояд баробар бошад ва бояд пайваста аз ақлу хирад истифода намояд. Маҳз чунин андешаҳо дар масъалаи баробарии башардӯстонаи халқи сермиллати замони шуравӣ хизмат намуданд. Муҳаққиқи тоҷик Ю. Бобоев дар ин хусус чунин навиштааст: «Ҳаёт ва фаъолияти ҳаррӯзаи одамони шуравӣ пурранг ва зебост. Ин зебоӣ ва ин шаъну шукӯҳ ҳанӯз дар *замони классикӣ то имрӯз* дар беҳтарин асарҳои адабиёти мо инъикос меёбад. Меҳнати коргар, колхозчӣ, бинокори сохтмони бузурги шуравӣ (коммунизм) кори пуршараф, шуҷоат ва қаҳрамонӣ мебошад» [99, с. 67].

Хушбахтона, равшанфикрони замони шуравии тоҷик шаъну шукӯҳи халқи тоҷикро дар беҳтарин асарҳои адабиёти ниёгон, аз ҷумла, «Шоҳнома» медонистанд. Аз ин рӯ, онҳо дар ворид намудани осори ниёгон ба маводди таълимии макотиби миёна, донишгоҳу донишкадаҳо ва пажуҳишгоҳҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, баргузор намудани даҳаҳо ва ҳамоишҳои илмӣ-бадеӣ, баргардон ва чопи асарҳои ҷудогонаи шоирону

мутафаккирони форсӣ-тоҷикӣ; тарғиби осори ниёгон дар байни халқҳои бародари шуравӣ ва ғайра пайваста саъю кӯшиш намуданд.

Дар баробари дар миқёси собиқ давлатҳои шуравӣ густариш ёфтани ғояҳои осори ниёгон, бавижа, осори Абулқосим Фирдавсӣ ва дар натиҷаи амалӣ гардидани онҳо шоҳкориҳои азими нобиғагони форсии тоҷикӣ, ҳатто дар сатҳи байналмилалӣ аҳаммият касб намуданд. Дар ин росто, адабиётшиноси тоҷик М. Шукуров чунин ибрози андеша намудааст: «Адабиёти халқҳои Осиёи Миёна аз амали мутақобили таҷрибаи бадеии чандинасраи халқ ва анъанаҳои нав дар замони шуравӣ сифати тозае пайдо кард, ки дар он чи решаҳои чуқури таърихии он ва чи шароити нави рӯзгори халқ, робитаҳои рӯзафзуни байналмилалии маданияти имрӯзаи ӯ ифода ёфтааст. Ҳозир ҳам гуфтан мумкин аст, ки синтез ин як шудани қадимтарин ва навтарин анъанаҳо дар ҳар давраи таърихи адабиёти советии тоҷик хусусияти дигар дошта бошад ҳам, доимо инкишоф меёфт ва амиқтар мешуд. Имрӯз ин раванд шаклҳои наве пайдо карда, натиҷаҳои тозае дода истодааст» [167, с. 9].

Таҳқиқу пажуҳиши паҳлуҳои мураккабу печидаи афкори иҷтимоӣ-сиёсии замони Абулқосим Фирдавсӣ аз ҷониби донишмандон ва муҳаққиқони тоҷик назаррас мебошад. Дар ин радиф олимон, мутарҷимон ва шарқшиносони шуравӣ, аз қабили ӯзбекҳо, қазоқҳо, тоторҳо ва дигарон низ корҳои илмӣ-таҳқиқотии дастҷамъонаро ба анҷом расондаанд. Ба радифи чунин муҳаққиқон ва донишмандон М.Н. Усмонов, В. Жуковский, Ю.Н. Марр, А. Гвахария, С. Умарян, Б. Бежаниани, М. Рафили, А. Гатлин, А. Барамидзе ва дигарон дохил шуда, теъдоди зиёди корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва бадеиро таълиф намуданд. Заҳмат ва талошҳои ин донишмандон дар самти фирдавсишиносӣ ба солҳои 50-80-уми асри XX марбутанд.

Бояд қайд кард, ки солҳои 50-80-уми асри XX дар Тоҷикистон нобаваста аз ҳар гуна таҳаввулоти иҷтимоӣ-сиёсӣ масъалаи муносибат ба илм, фарҳанг ва адабиёти тоҷик меҳвари асосӣ маҳсуб мешуд, ки

чунин масъалаҳо аз ҷониби аҳли адаби шуравӣ ба миён гузошта шуданд. Афкору андешаҳои Абулқосим Фирдавсӣ то ҳадди имкон дар ҳаёти иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва адабӣ таъсири назаррас гузоштаанд.

Абёти зерини шоир, ки роҳнамои ҳаёти шоистаи инсоният маҳсуб меёбанд, таъсири самти фирдавсишиносиро дар ташаккули афкори адабии тоҷик нишон медиҳад:

Дигар бо хирадманд мардум нишин,
Ки нодон набошад бар оину дин.
Ки доно туро душмани ҷон бувад
Беҳ аз дӯстмарде, ки нодон бувад [1, с. 253].

Гузаронидани вақт бо хирадмандон манфиати зиёд меоварад ва дар бисёр мавридҳо нишастан бо душмани нодон беҳтар аз душмани доно мебошад, зеро зарари он камтар аст. Пас маълум мешавад, ки шоир меъёри суҳбат оростан бо одамонро ҳамеша санҷида, анҷом додааст.

Ҳамин тавр, фирдавсишиносӣ дар Тоҷикистони шуравии солҳои 50-80-уми асри XX дар заминаи вижагиҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ рушд намуда, афкори адабии ҷомеаро дар қолаби замони муосир ва чаҳорчӯбаи осори ниёгон нигоҳ доштааст. Дар ин асос халқи тоҷик тавонист бо ёрмандӣ аз осори ниёгони хеш, чун Абулқосим Фирдавсӣ соҳиби андешаҳои фарогир ва маҳорати касбӣ гардад ва дар сохтори нави шуравӣ ба ҷомеа манфиат бахшад.

## 1.2. Рушди фирдавсишиносӣ дар Тоҷикистон (солҳои 50-80-уми асри XX)

Марҳилаи дуюми асри XX, ки солҳои 50-80-уми асри XX-ро дар бар мегирад, барои халқи тоҷик марҳилаи муҳимми рушди илм, адабиёт, фарҳанг ва маданият ба ҳисоб меравад. Бо ташаккул ёфтани адабиёти тоҷик осори шоирону нависандагон самтҳои алоҳидаро ба вуҷуд овардаанд. Яке аз чунин самтҳои ҷудогона фирдавсишиносӣ мебошад, ки маҳз дар замони шуравӣ пайдо шуда, ба афкори адабии тоҷик таъсири

вижа гузоштааст. Рушди фирдавсишиносиро зимни омилҳои зерин таҳқиқ ва пажуҳиш намудем:

1. Нашри «Шоҳнома» ва таъсири он дар таҳаввули афкори адабии тоҷик (солҳои 50-80-уми асри XX).

2. Саҳми муҳаққиқони шуравӣ дар рушди фирдавсишиносӣ.

3. Саҳми мутарҷимони шуравӣ дар рушди фирдавсишиносӣ.

### *1.2.1. Нашри «Шоҳнома» ва таъсири он дар таҳаввули афкори адабии тоҷик (солҳои 50-80-уми асри XX)*

«Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ дар марҳалаҳои гуногуни таърихӣ омӯхта шуда, таълифоти гуногуни илмиву адабиро ба вуҷуд овардааст. Таҳия ва нашри достонҳои «Шоҳнома» нахуст дар рӯзномаву маҷаллаҳо ва сипас дар шакли комил аз нимаи аввали асри XX шуруъ шудааст. Маҳз нашрҳои асари безавол дар ин давра дар чанд шакл дар марказҳои махсуси илмӣ ва институтҳои шарқшиносии Тоҷикистон, Эрон, Ӯзбекистон, Олмон, Англия, Ҳиндустон, Русия, Афғонистон ва мамолики дигар ба забонҳои гуногуни шуравӣ матраҳ гардида, дар самти фирдавсишиносӣ асос гузоштанд.

Нашри «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ ба забони тоҷикӣ ва тарҷумаи он ба забонҳои дигар кори саҳлу осон набуда, аз ҳамдигар тафовути зиёд дорад. Мураттибон дар таҳия намудани асар ҳам ба теъдод ва ҳам ба сифат, мавзуъ ва мазмуни он таваҷҷуҳ намуда, дар бартараф кардани иштибоҳҳо пайваста кӯшиш намуданд.

Нукоти асосие, ки пайвандии халқи тоҷикро бо Абулқосим Фирдавсӣ нишон медиҳад, нашри порчаҳои «Шоҳнома» дар рӯзномаву маҷалла ва китобҳои дарсӣ мебошад. Ҳарчанд то замони шуравӣ дар таҳия ва нашри «Шоҳнома» байтҳои зиёд ҷамъоварӣ шудаанд, дар замони шуравӣ низ дар асоси муқоисаи нусхаҳои гуногуни марбут ба асрҳои пешин ба даст омаданд.

Нашри «Шоҳнома» дар Тоҷикистони шуравӣ аз марҳилаҳои зерин иборат мебошад:

– нашри порчаҳои «Шоҳнома» бо ҳуруфи лотинӣ то кириллӣ [72; 73];
– нашри порчаҳои «Шоҳнома» бо ҳуруфи кириллӣ то ҷилдҳои комили асар [33; 34; 35];
– нашри достонҳои «Шоҳнома» ба наср, ки моҳияти асарро бештар ба ҷомеа шинос намудааст [31; 32].

Нашри «Шоҳнома» бо ҳуруфи лотиниро метавон марҳилаи нави замони шуравӣ номида, муаррифии нахустини асар маҳсуб меёбад. Нашрҳои баъдӣ, ки шакли комили «Шоҳнома»-ро дар бар мегиранд, вобаста ба мафкураи замон интихоб шудаанд. Интихоби абёти асар ба талаботи сохти шуравӣ созгор буда, исми Худованду пайғамбарон ва вожаҳои марбут ба дину мазҳаб ҳазф мешуданд (дар зерфасли аввал шарҳ додем).

Дар марҳилаи дуюми замони шуравии солҳои 50-80-ро асри XX матни «Шоҳнома» бо хатти фаҳмои кириллӣ баргардонида шудааст. Бо вуҷуди камбудиҳо, ислоҳот ва нашри илмӣ-интиқодии асар ба ҳуруфи кириллӣ беҳтарин нусхаи «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ дар Тоҷикистони шуравӣ мебошад. Нашри китоб дар ин марҳила, ки ду маротиба анҷом шудааст, дар таҳқиқи минбаъда хизмат кардааст.

Нашри «Шоҳнома» ҳамзамон ба дараҷаи омӯзиши Абулқосим Фирдавсӣ ва мазмуни асар сатҳи шинохти фирдавсишиносиро дар Тоҷикистон муайян намуда, барои омӯзиши амиқ ва ҳамаҷонибаи минбаъда заминаи муайян фароҳам овардааст.

Омӯзиши ҳаёти Абулқосим Фирдавсӣ ва «Шоҳнома»-и ӯ самти фирдавсишиносиро дар замони шуравӣ рушд дода, заминаҳои зеринро ба вуҷуд овардааст:

– афкору андешаҳои шоир ва таъсири онҳо ба ҷомеаи шуравии тоҷик;

– мушаххас кардани марҳилаҳои фирдавсишиносӣ дар замони шуравӣ;

– ғояҳои инсондӯстӣ, ватандӯстӣ ва ҳувияти миллӣ дар «Шоҳнома» ва тарғиби онҳо дар байни ҷомеаи шуравӣ, ба вижа ҷомеаи тоҷик;

– муайян кардани нақши «Шоҳнома» дар пажуҳишҳои илмии самтҳои гуногун, ба мисли адабиётшиносӣ, забоншиносӣ, фалсафа, ҷомеашиносӣ, ҳуқуқшиносӣ, сиёсатшиносӣ, равоншиносӣ ва ғайра.

Таърихи ҷамъоварӣ ва тасҳеҳу нашри «Шоҳнома» бисёр ҷолиб ва омӯзанда аст, зеро ин асар аз ҷумлаи осори адабии гаронбаҳои башарият ба шумор рафта, нусхаҳои хаттии он басо зиёданд. Дар баробари нусхаҳои хаттии асари безавол тарҷумаҳои он низ ба забонҳои гуногуни ҷаҳон анҷом ёфтаанд.

Дар Тоҷикистони шуравӣ нашрҳои комили «Шоҳнома» соли 1955 оғоз ёфта, бар пояи таҷриба ва касбияти муҳаққиқону адабиётшиносон дар асоси усули муосири матншиносӣ таҳия шудааст.

Шарқшиноси рус Е.Э. Бертелс навиштааст, ки «ҳарчанд таҳқиқот оид ба Абулқосим Фирдавсӣ ва «Шоҳнома»-и ӯ хеле зиёд аст, аммо ҳанӯз нашри муътамади матни достон ва пажуҳишҳои комил ва ба шакли натиҷагирии ҳамаи корҳои анҷомёфта таълиф нашудаанд» [176, с. 176]. Агар ин суханони муҳаққиқи рус муддати то солҳои 50-уми асри гузаштаро дар бар гирифта бошад, пас аз он «дар тӯли наздик ба шаст соли охир дар Шарқу Ғарб дар мавриди чопи илмии «Шоҳнома» ва тадқиқи рӯзгори ҳамосаи бузурги Фирдавсӣ натиҷаҳои чашмрасе ба даст омадаанд, ки теъдоди зиёд ва сифатан пешравие дороанд» [178, с. 7].

Таҳлил ва таҳқиқи «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ дар ҳама давру замон ба таҳия, чопи асар ва дастрасии он ба хонандагон вобаста аст. Муҳаққиқон ва адабиётшиносони замони шуравии тоҷик дар пажуҳиши ҷиҳатҳои гуногуни илмии «Шоҳнома» нахуст чопи пурраи

онро зарур шумориданд. Воқеан, таҳқиқи «Шоҳнома» дар Тоҷикистони шуравӣ низ дар асоси нашри комили асари мазкур ба даст омад.

Дар солҳои аввали ташкилёбии Тоҷикистони шуравӣ (шуруъ аз солҳои 30-уми асри гузашта) қисматҳое аз «Шоҳнома» дар шакли алоҳида ба хатти лотинӣ ба нашр расидааст. Пас аз он соли 1939 Тоҷикистони шуравӣ расман ба хатти кириллӣ гузаштааст, ки нахуст порчаҳои кӯтоҳ аз «Шоҳнома» ва баъдтар мақолаҳои илмӣ дар саҳифаҳои рӯзномаву маҷаллаҳо ба табъ расидаанд.

Воқеан, рушди фирдавсишиносӣ дар Тоҷикистон, пеш аз ҳама, аз чопи достонҳои «Шоҳнома» дар рӯзномаву маҷаллаҳо сарчашма мегирад. Порчаҳо аз «Шоҳнома» дар нахустин рӯзномаву маҷаллаҳо, чун «Бухорои Шариф», «Раҳбари дониш», «Садои Шарқ», «Иди тоҷик» (баъдан «Тоҷикистони сурх», «Барои адабиёти советӣ», «Ҳақиқати Ӯзбекистон», «Помир», «Тоҷикистони советӣ» ва «Ҷумҳурият»), «Занони Тоҷикистон», «Мактаби советӣ» ва дигар маводди матбуотӣ нашр шудаанд. Муҳим будани чопи достонҳои «Шоҳнома», пеш аз ҳама, тарбия намудани насли ҷавони шуравӣ ва роҳнамоӣ намудани онҳо дар руҳияи арзишҳои инсонӣ будааст. Дар ин роҳ ҷавонони бедордили шуравии тоҷик аз ин имкониятҳо истифода карда, барои пешрафту комёбиҳои Ватани хеш хидматҳо намудаанд.

Нашри порчаҳои «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ дар рӯзномаву маҷаллаҳо на танҳо ҷаҳони маънавии халқи тоҷик, балки тарҷумаҳои гуногуни порчаҳои асар ба забонҳои гуногун тафаккур ва ҷаҳонбинии халқҳои дигари шуравиро то андоза дигаргун сохт, зеро дар онҳо арзишҳои волои инсонӣ – дӯстӣ, некӣ, ростӣ, сулҳ ва ғайра пурра таҷассум ёфтаанд, ки ғояҳои асосии ҷомеаи шуравиро ташкил медоданд.

Нашри қисматҳои «Шоҳнома» дар саҳифаҳои рӯзномаву маҷаллаҳои кишвар то нимаи дувуми асри гузашта новобаста аз ҳалои маънавии ҷомеа ҷиҳати нашри номукаммали асари безавол эҳсос мегардид.

Солҳои 50-80-уми асри XX марҳалаи ҷадиди фирдавсишиносӣ дар тасҳеҳу нашри «Шоҳнома» ба ҳисоб меравад. Ҳарчанд шакли мукаммали «Шоҳнома» дар Эрон пештар нашр шудааст, нашри китоб дар Тоҷикистон ба хатти кириллӣ доираи илмиву адабии тоҷику ӯзбекро ба таҳрик овард.

Дар нашрҳои комили «Шоҳнома» хидматҳои муҳаққиқони тоҷик ва рус зиёд буда, аз муътабартарин ва комилтарин нашрҳо ба ҳисоб меравaнд.

Дар Тоҷикистони шуравии солҳои 50-80-уми асри XX дар мавриди ҷамъоварӣ, чоп ва пажуҳиши ҳаёт ва «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ, нахустин маротиба дар Академияи илмҳои Тоҷикистони шуравӣ (ҳозира Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон) ва донишгоҳҳои кишвар корҳои заминавию бунёдӣ анҷом ёфтаанд.

Интишороти матни комили «Шоҳнома» дар 9 ҷилд бо заҳмати гуруҳи шарқшиносон ва адабиётшиносони Москва ва Ленинград ба вуҷуд омадааст. Нашри мазкур то имрӯз сутуни фирдавсишиносиро устувор нигоҳ дошта, теъдоди хонандагон ва фирдавсишиносонро афзудааст.

Нашри комили «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ номи Е.Э. Бертелсро ҷовидона намуд. Таҳти ин олими неруманд ва шогирдонаш асари безавол тасҳеҳ ва нашр шуда, дар байни шарқшиносон ва фирдавсишиносони ҷаҳон «чопи Маскав» унвон гирфитааст.

Дар замони шуравӣ нашри комили «Шоҳнома» дар 9 ҷилд ду маротиба, яъне чопи нахуст солҳои 50 ва 60-ум ва чопи дувум солҳои 80-уми асри XX анҷом дода шудаанд. Чопи дувуми «Шоҳнома» ба хатти кириллӣ нисбатан камиштибоҳтар ва комилтар аст. Солҳои 50-80-уми асри XX ба ғайр аз чопи комили «Шоҳнома» порчаҳои алоҳида низ дар рӯзномаву маҷаллаҳо ба нашр расидаанд.

Шарқшиноси шуравӣ М.Н. Усмонов дар таҳияи матни илмиву интиқодии «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ, ки солҳои зиёд заҳмат

кашидааст, нақши вижа дорад. Маҳз бо кӯшишу талошҳои ин муҳаққиқи шуравӣ асари безавол солҳои 1960-1971 нашр шудааст. Аз ибтидои солҳои 50-уми асри гузашта гурӯҳе аз шарқшиносон ва донишмандони Институти шарқшиносии Академияи илмҳои Иттиҳоди Шуравӣ бо дастур ва супориши директор Б. Ғафуров, таҳти сарпарастии Е.Э. Бертелс дар таҳияи «Шоҳнома» ҳиммат бастаанд. Гуруҳи олимон ва донишмандони шуравӣ соли 1957 бо роҳнамоиву роҳбарии Абдулҳусайни Нӯшин, яъне пас аз вафоти Е.Э. Бертелс ба тасҳеҳи матни илмӣ-интиқодии «Шоҳнома» оғоз карданд. Олимон ин нашри асарро бар пояи муқоисаи дастнависи Лондон (асри XIII) маҳфуз дар Музейи Британия вобаста аст, тарҷумаи арабии «Шоҳнома» мураттиби Қивомуддин Фатҳ ибни Алии Бундории Исфаҳонӣ соли 1223-1224-и мелодӣ дар Димишқ таҳия намуданд. Ҳамчунин, ду нусхаи қарни XV, ки Институти мероси хаттии Россия маҳфузанд, ҷиҳати асолати матни ҳамосавӣ доштан дар таҳияи нашри мазур истифода шудаанд. Дар нашри мазкур се ҷилди «Шоҳнома» (аз нуҳ ҷилд) ва дар чопи дувуми тасҳеҳшуда (бо илова шудани панҷ дастнависи ҷадид) матни чаҳор ҷилди асарро омода ва матни панҷ ҷилдро таҳрир ва омода ба нашр кардааст. Дар он давра муҳаққиқон М.Н. Усмонов ва Р. Алиев муҳаққиқи эронӣ Аҳмади Таботабоӣ ба сифати ҳамкор ба тасҳеҳи муҷаддади ҷилдҳои аввал ва дувуми он дастаҷамъона шуруъ намуда, «Шоҳнома» дар шакли комил дар Эрон солҳои 1971-1974 ба нашр расид ва «вероиши дувуми чопи Москав» унвон гирифт.

Нашри нахустин ва комили «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ дар Тоҷикистони шуравӣ соли 1964 аз ҷониби муҳаққиқони тоҷик К. Айнӣ, З. Аҳрорӣ, Б. Сирус ва ҳайати таҳририя М. Турсунзода, А. Мирзоев, К. Айнӣ ва дигарон анҷом ёфтааст. Дар раванди таҳия ва чопи ҷилдҳои гуногуни «Шоҳнома» нусхаву дастхатҳои аслии он чун манбаи

асосӣ мавриди истифода қарор дода шудааст[1]. Аз чопи мукаммали «Шоҳнома»-и А. Фирдавсӣ ба ҳуруфи кириллӣ бармеояд, ки хидматҳои ходимони илмӣ ва донишмандони Академияи фанҳои Тоҷикистони шуравӣ (ҳозира Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон) назаррас мебошад. Онҳо дар таҳияи бисёрҷилдаи ин асари безавол аз нусхаву дастхатҳои маҳфузшуда дар китобхонаву осорхонаҳои қадиму нодири ҷаҳон, ба мисли Теҳрон (Эрон), Ленинград (Русия), Самарқанд (Ӯзбекистон), Деҳлӣ (Ҳиндустон) ва ғайра истифода намудаанд. Маҳз «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ, ки ба ҳуруфи кириллӣ нашр шудааст, асоси фирдавсишиносӣ дар Тоҷикистон маҳсуб мешавад.

Нашри «Шоҳнома» дар Тоҷикистон бо сарсухани академик А. Мирзоев на танҳо ба сифати матни илмии комили осори Абулқосим Фирдавсӣ, балки заминаи фирдавсишиносӣ то замони муосир маҳсуб мешавад.

«Шоҳнома» бо вуҷуди нашри комил ба шуур ва маънавияти халқи тоҷик таъсири муассир гузоштааст. Таҳлили дақиқи нашрҳои гуногуни «Шоҳнома» дар Тоҷикистони шуравии солҳои 50-80-уми асри XX-ро бар пояи ду омили муҳими илмии мазкур натиҷагирӣ намуда, бо таҳлилҳои дақиқ шарҳ медиҳем:

– нашри «Шоҳнома» ва норасоиву иштибоҳот (тавзеҳоти мураттибон дар поварақ);

– нашри порчаҳои махсуси «Шоҳнома» ва ғояҳои замони шуравӣ.

[1] “Шоҳнома”-и А. Фирдавсӣ – бо тасҳеҳ ва таҳрири Саид Нафисӣ, дар 10 ҷилд, Теҳрон соли 1313-1314 (фарқҳои иловагии ин нусха, ки ба поварақии матни ҳозира дохил карда шудаанд, дар зери аломати шартии “Шоҳнома” хоҳанд омад;
“Шоҳнома”-и А. Фирдавсӣ. Ин нусхаи дастхат таҳти рақами С1654 дар фонди дастхатҳои шарқии Шуъбаи Ленинградии Институти Халқҳои Осиёи Академияи фанҳои СССР нигоҳ дошта мешавад;
“Шоҳнома”-и А. Фирдавсӣ. Ин нусхаи дастхат таҳти рақами 794 дар фонди дастхатҳои шарқии Академияи фанҳои Тоҷикистони шуравӣ маҳфуз аст;
“Шоҳнома”-и А. Фирдавсӣ. Нусхаи дастхати китобхонаи музеи Британиё, фотокопияи ин нусха дар зери рақами 68 дар фонди дастхатҳои шарқии Академияи фанҳои Тоҷикистони шуравӣ нигоҳ дошта мешавад;
“Шоҳнома”-и А. Фирдавсӣ. Чопи сангии Ҳиндустон, соли 1291 ҳиҷрӣ;
“Шоҳнома”-и А. Фирдавсӣ. Бо тасҳеҳ ва муқобалаи Муҳаммад Рамазонӣ, дар 5 ҷилд, Теҳрон, соли 1311, 1312 шамсӣ ва ғ.

Ҳамин тавр, нашри аввалини «Шоҳнома», ки ҷилди якуми он ба соли 1964 тааллуқ дорад, дар натиҷаи пурратарин матни асар бо таҳрири Бойсанғурӣ ба вуҷуд омадааст. Дар таҳияи асар бо ҳуруфи кириллӣ аз ҷониби мураттибон дар поварақ шарҳ дода шудааст. Масалан, дар таҳияи ин нашри асар байтҳо чунин омадаанд:

Аз ӯ шодмонӣ, *ӯят ғам аст*,

Аз ӯят фузунӣ, *аз ӯят кам аст* [1, с. 17].

Мураттибон ба шакли аслии «Шоҳнома»-и таҳияи Бойсанғурӣ дар поварақ чунин ишора мекунанд:

В-аз ӯ шодмонӣ *в-аз ӯ хуррамист*,

Аз ӯ ҳам фузунию ҳам *з-ӯ камист* [1, с. 17].

Сабаби маҳбубияти Абулқосим Фирдавсиро дар байни тоҷикон маҳз маънову мазмун ва муҳтавои «Шоҳнома» ташкил медиҳад. Илова бар ин, азбаски арзишҳои маънавии башар дар ин асар таҷассум ёфтаанд, Абулқосим Фирдавсӣ низ дар байни халқҳои бародари шуравӣ қадру манзалати вижа пайдо менамуд.

Сабаби норасоиву иштибоҳоти нашри «Шоҳнома» ҳангоми баргардон аз ҳуруфи арабиасос ба ҳуруфи кириллӣ дар гузоштани ҳарфҳо мебошад. Дар рафти пурра риоя нагардидани сохтори забонӣ мураттибони «Шоҳнома» ба иштибоҳ роҳ додаанд ва бо тағйирёбии вожаҳо, мафҳум, маъно ва мантиқ бештар вақт иваз гардиданд. Масалан, ҳарфи ت (те) ба ث ҳарфҳои (се) ё ин ки ب (бе), ص (сод) ба ض (зод), ر (ре) ба ز (зе) ё ин ки ژ (же), ع (айн) ба غ (ғайн), س (син) ба ش (шин), якрангии ҳарфҳои (хе) خ, (ҳе) ح, (ҷе) ج, (че) چ ва ғайра тағйир ёфтааст. Чунончи:

*Буридан* аз ӯ боз хуни падар

Ба динору дебову *тоҷу камар*.

Фиристода гуфту сипаҳбад шунид,

*Бар он* бандро посух омад калид [1, с. 59].

Матни дурусти байтҳо чунин аст:

*Харидан* аз ӯ боз хуни падар

Ба динору дебову *ганҷу гуҳар*.

Фиристода гуфту сипаҳбад шунид,

*Мар он* бандро посух омад калид [1, с. 184].

Бо вуҷуди нашри «Шоҳнома» ба хатти кириллӣ соли 1964 бо кӯшиши Сотим Улуғзода «Шоҳнома» ба наср дар ду ҷилд низ таълиф шудааст. Дар он муҳимтарин достонҳои «Шоҳнома» оварда шудаанд. Нашри «Шоҳнома» дар шакли мансур ба насли ҷавони шуравӣ имконияти пурратари дарк карданро додааст. Омӯхтани «Шоҳнома» ба наср дар баробари назм ҳанӯз дар замони шуравӣ дар мактабҳои миёна оғоз ёфта, дар маҳфилҳо ва ҳамоишҳо аз онҳо истифода намудаанд. Хушбахтона, ин анъана то замони соҳибистиқлолии Тоҷикистон идома ёфта истодааст.

Нашри «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ дар Тоҷикистони шуравӣ минбаъд боиси тарҷума ва пажуҳиши он ба забони русӣ низ гардид.

«Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ дар нуҳ ҷилд аз ҷониби шарқшиносони Тоҷикистон, Эрон ва Русия таҳти назари Е.Э. Бертелс (1960-1971) ба чоп расидааст. Нашри дуюми «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ бо таҷдиди назар ва иловаҳои зарурӣ аз ҷониби М. Усмонов дар ду ҷилд ба табъ расидаанд.

Дар миқёси шуравӣ ба ғайр аз чопи «Шоҳнома», ҳамчунин шарҳу тафсири асар ва луғоту фарҳангҳои ҷудогона таҳия ва чоп шудаанд.Пас аз нашри комили «Шоҳнома» дар нӯҳ ҷилд ҳамчунин масъалаи таҳияи «Фарҳанги «Шоҳнома» ба миён омад, ки барои доираи васеи мутахассисон, донишмандон ва фирдавсишиносон басо зарур ба шумор мерафт. Дар ин росто, муҳаққиқ А. Афсаҳзод чунин ибрози андеша намудааст: «Масъалаи ба вуҷуд овардани фарҳанги комили «Шоҳнома» аз тарафи гурӯҳи шоҳномашиносони Институти шарқшиносии АФ СССР бо роҳбарии М.Н. Осмонов ва донишманди тоҷик Н.А. Маъсумӣ

зикр ёфтааст, барои иҷрои ҳамаи корҳо муддати муайян дар назар дошта шуда буд» [94, с. 3].

Вале ин фарҳанг дар замони худ анҷом наёфт. Танҳо яке аз тасҳеҳгарони матни маскавии "Шоҳнома" Абдулҳусайни Нушин баъди фирор ба Иттиҳоди Шуравӣ муддате баробари кори таҳияи ҳамосаи миллӣ ба таълифи фарҳанги "Шоҳнома" машғул гардид, ки он солҳо баъд дар соли 2006 дар Теҳрон бо номи "Вожаномак" (Фарҳанги вожаҳои душвори "Шоҳнама" рӯи чоп омад.

Ҳамчунин, шарқшиноси шуравӣ М.Н. Усмонов солҳои зиёд ба омӯзиши «Шоҳнома» машғул будааст. Ӯ паҳлуҳои гуногуни «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсиро пажуҳиш намудааст. Мақолаҳои ӯ «Асари эпикии қаҳрамонии «Худойнома» ва «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ», «Дар бораи баъзе саҳнаҳои ҳаёти Фирдавсӣ», «Ёддоштҳо оид ба герменевтикаи «Шоҳнома», ки дар солҳои гуногун (1951-1989) навишта шудаанд, нашр шудаанд.

Бо кӯшиш ва заҳматҳои М.Н. Усмонов гурӯҳи калони ходимони илмии Институти шарқшиносии Академияи фанҳои ИҶШС ва Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии Академияи илмҳои Тоҷикистон таҳқиқоти илмӣ роҷеъ ба ҳаёт ва «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ ба даст омаданд. Дар ин замина «Фарҳанги мухтасари «Шоҳнома» омода шудааст, ки барои амиқтар дарк намудани асари безавол хизмат намудааст. «Фарҳанги мухтасари «Шоҳнома» ҳарчанд таркиби луғавӣ, калимаву вожаҳо ва воҳидҳои забониро дар бар гирифта бошад, инчунин он дорои мазмун ва муҳтавои адабӣ мебошад. Фарҳанги мазкур ҳамчун маводди муътамади илмӣ дар илми адабиётшиносӣ шинохта шудааст. [203, с. 492].

Ҳамин тавр, нашрҳои гуногуни «Шоҳнома» самти *фирдавсишиносиро* рушд дода, дар афкори маънавии халқҳои шуравӣ, бахусус, халқи тоҷик таъсири муассир гузоштаанд. Ҳамчунин, нашрҳои комили «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ дар таҳқиқоти илмӣ ва

тарҷумаи ба забонҳои гуногуни шуравӣ, таъсирпазирии шоирон ва нависандагони ин давра аз андешаҳои шоир ба ҷомеаи шуравӣ таъсири вижа расонидааст.

### *1.2.2. Саҳми муҳаққиқони шуравӣ дар рушди фирдавсишиносӣ*

Дар марҳилаҳои гуногуни адабиёти форсӣ-тоҷикӣ, хосса, дар замони шуравӣ «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ бештар мавриди таҳқиқ қарор ёфта, то замони мо пажуҳишҳои зиёди илмӣ ба вуҷуд омадаанд.

Дар ҷараёни таҳқиқ ба натиҷа расидем, ки фирдавсишиносӣ дар Тоҷикистони шуравӣ ба ду шакли муайян ташаккул ёфтааст:

– таҳқиқи пажуҳишӣ роҷеъ ба ҳаёти шоир ва «Шоҳнома»-и ӯ дар шакли мақола ва монографияҳои илмӣ;

– таҳқиқи илмӣ ва инъикоси бадеии ҳаёти шоир ва «Шоҳнома»-и ӯ дар шакли роман ва очерки бадеӣ (романи «Фирдавсӣ»-и Сотим Улуғзода (1988) ва «Абулқосим Фирдавсӣ»-и Аҳмад Абдуллоев (1987).

Аз ин рӯ, баррасӣ ва омӯзишро дар самти фирдавсишиносӣ аз пажуҳишҳои илмӣ шуруъ мекунем, ки вобаста ба он корҳои зиёд анҷом ёфтаанд, зеро Абулқосим Фирдавсӣ аз зумраи он шоирони форсии тоҷикӣ мебошад, ки ҳазорсолагии ӯро нахустин маротиба соли 1934 дар Тоҷикистони шуравӣ ҷашн гирифтанд. Дар заминаи ҷашни ҳазораи шоир пажуҳишҳои илмии адабиётшиносон ва муҳаққиқони шуравӣ шуруъ гардида, солҳои 50-80-уми асри XX вусъат ёфтанд. Дар ин радиф саҳми адибон ва муҳаққиқони тоҷик, ба мисли С. Айнӣ, А. Лоҳутӣ, С. Улуғзода, Б. Ғафуров, А. Мирзоев, Ш. Ҳусейнзода, Х. Мирзозода, К. Айнӣ, А. Абдуллоев, М. Шукуров, Р. Ҳодизода, А. Афсаҳзод, К. Айнӣ, Х. Отахонова, С. Ҳасанова, А. Маҳмадаминов, Х. Шарифов, М. Муллоаҳмад ва дигарон дар фирдавсишиносӣ басо бузург аст.

Маҳз вижагиҳои *фирдавсишиносӣ дар Тоҷикистон* (солҳои 50-80-уми асри XX) бар пояи пажуҳиш ва таҳқиқоти шарқшиносон, адабиётшиносон ва фирдавсишиносони мазкур дар шакли манобеи илмӣ, чун мақолаҳои илмӣ ба табъ расидаанд, аммо то ҳол асари мукаммали илмӣ анҷом дода нашудааст.

«Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ дар Тоҷикистон пас аз Н. Бектош (1932) [97], аз ҷониби Садриддин Айнӣ (1934) ба шакли комилтар пажуҳиш шудааст [86]. Дар ҷараёни пажуҳиши ҳаёт ва осори Абулқосим Фирдавсӣ Садриддин Айнӣ ду самти муҳимтарини фирдавсишиносиро нишон додааст:

– таъсирпазирӣ дар эҷоди осори манзуму мансури адабиёти муосир;

– таъсирпазирӣ дар таълифи корҳои таҳқиқотӣ.

Чунин бардоштҳои Садриддин Айнӣ ҳанӯз соли 1934 дар Анҷумани аввалини нависандагон ва таҷлили ҳазораи Фирдавсӣ ироа гардидаанд. Иқдоми мазкур минбаъд низ дар осори шоирону нависандагони адабиёти муосири тоҷик идома ёфтааст, ки мо ин масъаларо дар боби дуюми рисола мавриди пажуҳиш қарор додаем.

Нуктаҳои болоро метавон бо андешаҳои адабиётшиноси тоҷик Х. Мирзозода собит намуд: «Соли 1934 ҷашн гирифтани ҳазорсолагии зодрӯзи Абулқосим Фирдавсӣ дар миқёси Иттиҳоди Шуравӣ ва ҷаҳон ба омӯзиши васеи саромадони сухани адабиёти форсӣ-тоҷикӣ роҳи васеъ кушод. Дар ин роҳ Садриддин Айнӣ бо рисолаи «Фирдавсӣ ва «Шоҳнома»-и ӯ» (1935) қадами аввалин гузоштааст» [119, с. 8].

Мақолаи Н. Бектош перомуни ҳаёт ва фаъолияти Абулқосим Фирдавсӣ соли 1932 чоп шудааст, ҷанбаҳои илмӣ-пажуҳиширо дар бар мегирад [97, с. 9-12]. Ҳарчанд дар самти фирдавсишиносӣ мақолаи мазкур бори аввал чоп шуда бошад, мақолаи «Фирдавсӣ ва «Шоҳнома»-и ӯ»-и Садриддин Айнӣ дар адабиётшиносии тоҷик дастоварди илмиву пажуҳишии амиқтар ба ҳисоб меравад. Нахустин кори илмӣ-таҳқиқотии

Садриддин Айнӣ дар омӯзиши ҳаёти шоир ва «Шоҳнома»-и ӯ, ки соли 1934 дар арафаи ҳазораи Абулқосим Фирдавсӣ анҷом ёфтааст, соли 1950 бо тағйиру илова ва такмилҳои илмӣ бознашр гардидааст. Мақолаи мазкур бо таҳлил ва баррасиҳои ҷиддӣ анҷом ёфта, вижагии ҳаёт ва осори Абулқосим Фирдавсиро дар бар мегирад. Мақола аз муқаддима ва қисматҳои «Таърихи шоҳноманависӣ», «Авлоди Фирдавсӣ», «Шоҳнома» ба дигар забонҳо», «Фирдавсӣ дар муаррифии шоирони Эрон» ва «Забони «Шоҳнома» ва забони муосири тоҷик» иборат аст. Ҳамаи қисматҳои мақола дорои диду пажуҳишҳои тоза буда, дар асоси сарчашмаҳои илмӣ-пажуҳишӣ анҷом ёфтаанд.

Шинохти Садриддин Айнӣ ҳамчун нахустин фирдавсишинос дар адабиётшиносии тоҷик аз ҷониби адабиётшинос Г.П. Шозиёева дар монографияи илмии «Оғози фирдавсишиносӣ дар Тоҷикистон (солҳои 30-40-уми асри XX)» дарҷ гардидааст. Хушбахтона, Садриддин Айнӣ на танҳо дар фирдавсишиносӣ, балки дар адабиётшиносии тоҷик марҳалаи минбаъдаро такмил дода, онро «давраи рушди адабиёти форсӣ-тоҷикӣ» ном гузоштааст [198, с. 178].

Дар баробари таҳқиқи ҷанбаҳои ҳамосии «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ аз ҷониби Садриддин Айнӣ достонҳои ин асари безавол ба таври васеъ ҳам дар адабиёти шифоҳӣ ва ҳам дар адабиёти хаттии халқҳои ҷаҳон истифода мешаванд.

Достонҳои «Шоҳнома» дар Тоҷикистони шуравӣ бештар аз ҷониби муҳаққиқон ва адабиётшиносони тоҷику рус таҳқиқ гардидаанд. Е.Э. Бертелс яке аз муҳаққиқон ва донишмандони шуравӣ мебошад, ки «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсиро мавриди таҳқиқи ҷиддӣ қарор додааст. Муҳаққиқ дар мақолаи худ «Фирдавсӣ ва осори ӯ» чунин тазаккур додааст: «Фирдавсӣ аз шоирони барҷастаи форсии тоҷикӣ буда, бо асари безаволи худ «Шоҳнома» ба дили хонандаи хурду бузург роҳ ёфтааст, зеро асари мазкур аз мавзуъҳои баланди фарҳангӣ, бадеӣ, таърихӣ ва ғайра иборат аст» [179, с. 113].

Андешаҳои баландмазмуни Абулқосим Фирдавсӣ ҳамеша дар мадди назари муҳаққиқон ва пажуҳишгарони ҷаҳон қарор гирифта меояд. Муҳаққиқи рус М. Явич ба ин маънӣ чунин андеша баён намудааст: «Гуманизми (инсондӯстии) Фирдавсӣ зеҳни дақиқбинона, далерӣ ва мардонагии қаҳрамонҳои ӯ, эътироз бар зидди истибдоду зулм ҳамеша роҳи тамоми одамони пешқадам, чун замони ҳозира низ роҳи ҳамаи инсонҳо дар самти рушдёбӣ мебошад» [173, с. 22].

Маврид ба зикр аст, ки муҳаққиқон ва адабиётшиносони шуравӣ Садриддин Айниро муҳаққиқи дақиқбини осори Абулқосим Фирдавсӣ ва нахустин фирдавсишинос дониста, зеҳни фитрӣ, фикри равон, ҷаҳонбинии васеъ, ғояҳои вижаи башардӯстонаи ӯро барҷаста нишон медиҳанд ва дар ин росто пажуҳишҳои судмандро ба анҷом расондаанд.

Сотим Улуғзода пас аз Садриддин Айнӣ чи дар таҳқиқоти илмӣ ва чи дар таълифи «Шоҳнома» ба наср саҳми арзанда гузоштааст. Соли 1985 дар рӯзномаи «Адабиёт ва санъат» қиссае роҷеъ ба рӯзгори Абулқосим Фирдавсӣ бо номи «Суханофарин» ва баъдтар соли 1988 он дар шакли романи «Фирдавсӣ» ба чоп расидааст. Дар он муаллиф бештар ғояҳои инсондӯстона ва ватанпарварона таҷассум намудааст [151, с. 2].

Сотим Улуғзода аз шоҳбайтҳои ин асари безавол, ки афкору андешаи ӯро мукаммал менамоянд, дар таҳқиқоташ истифода намудааст:

Ба боло ба кирдори озодсарв,
Ба рух чун баҳору ба рафтан тазарв.
*Дили бихрадон* дошт, *мағзи равон*,
Ду китфи ялону ҳуши мӯбадон [3, с. 41].

Сабаби овардани абёти мазкур назари неки нависанда нисбат ба инсони дорои кирдори хуб, чун «*дили бихрадон*» ва «*мағзи равон*» мебошад, ки дар «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ ин масъалаи муҳим инъикос ёфтааст. Воқеан, аз эҷодиёти Сотим Улуғзода бармеояд, ки Абулқосим Фирдавсӣ барояш манбаи илҳому эҷод ва мактаби

ватанпарварию инсондӯстӣ будааст. Аз тасвирҳои нависанда бармеояд, ки арзишҳои маънавӣ ва сифатҳои ахлоқӣ барои ӯ дар меҳвари зиндагӣ қарор мегирад.

Осори адабии бузургони адабиёти форсӣ-тоҷикӣ дар замони шуравӣ мавриди таваҷҷуҳи аҳли илму адаб, бавижа, адабиётшиносон ва донишмандони ватаниву хориҷӣ қарор доштааст. Донишманди тоҷик М. Шукуров дар радифи чунин пажуҳишгарон гуногунмавзуӣ ва арзишмандии «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсиро таҳқиқ ва баррасӣ намудааст. Сабаби шуҳратёр гардидани Абулқосим Фирдавсӣ дар байни омма ва аҳли илмро маҳз бозтоби бадеии мавзуъҳои инсондӯстонаву воқеъбинона, ба мисли ватандӯстӣ, ҳувияти миллӣ ва тарбияи насли оянда ташкил медиҳанд. Воқеан, андешаҳои инсондӯстонаи Ҳаким Фирдавсӣ новобаста аз ҳар гуна андешаҳои интиқодии донишмандони ватанӣ ва хориҷӣ аз ҷониби хонандагони сермиллати шуравӣ пазируфта шуд. Дар ин бора М. Шукуров чунин ибрози андеша намудааст: «Яке аз муҳимтарин дастовардҳои танқиди адабии тоҷик дар солҳои ҳафтод ин аст, ки дар саҳни умумии адабиёти сермиллати шуравӣ аз назар гузаронидани тамоюлоти алоҳидаи адабиёти тоҷик хеле қувват гирифт» [169, с. 3].

Муаррихи маъруф Бобоҷон Ғафуров (1908-1977) дар омӯзиши таърих, маданият ва адабиёти тоҷик хизматҳои шоён намудааст. Шоҳасари ӯ – «Тоҷикон» асари гуногунҷанба буда, марҳалаҳои гуногуни таърихии халқи тоҷик ва ҳамчунин ҳаёт ва эҷодиёти шоирону мутафаккирони форсии тоҷикиро муфассал баён мекунад. Дар рафти таҳқиқи марҳалаҳои таърихӣ ӯ, пеш аз ҳама, муҳити адабиро муайян намудааст. Масалан, боби «Оид ба масъалаи пайдоиш ва инкишофи забони адабиёти классикии тоҷик»-ро муаррих пурра ба ҳаёт ва эҷодиёти бузургони форсии тоҷикӣ бахшидааст. Муаллиф дар хусуси пайдоиши забони адабиёти ниёгони худ сухан ба миён оварда, аз сарчашмаҳои қадим истифода намудааст: «Инкишофи пуршукӯҳи адабиёти классикии

тоҷику форс, махсусан, аз давраи Сомониён, аз даврае, ки Рӯдакӣ (охири асри IX-миёнаи асри X) ва Фирдавсӣ (933/934-1020 ё 1025) ва инчунин, ҳамзамонҳои онҳо Дақиқӣ (соли ваф. 977), Абулҳасан Шаҳиди Балхӣ, Абушукури Балхӣ ва дигарон асарҳои пурқимати бадеиашонро ба забони форсӣ эҷод кардаанд, сар мешавад» [104, с. 506].

Бобоҷон Ғафуров дар китоби «Тоҷикон» вобаста ба омӯзиши ҳаёт ва осори Абулқосим Фирдавсӣ вижагиҳои таърихӣ ва адабиро муайян кардааст. Ӯ ҳар нуктаро бо далел исбот намуда, онҳоро бо таснифҳои илмӣ-таҳқиқотӣ мавриди баррасӣ қарор додааст. Масалан, дар зерфасли сеюм, ки «Илм ва адабиёти халқи тоҷик (асрҳои IX-X)» унвон дорад, муҳаққиқ тараққиёти адабиёти бадеиро ба асрҳои IX ва X нисбат дода, роҷеъ ба ин нукта чунин ибрози андеша менамояд: «Вазъияти сиёсии Осиёи Миёна ҳанӯз дар ибтидои асри IX барои тараққии адабиёти нави китобии тоҷик, ки бар асоси эҷодиёти даҳанакии халқ қарор гирифта буд, шароити мусоид фароҳам овард, вале ин шароит самараҳои худро дар вақти Сомониён бахшид. Бинобар ин, ҳам аҳди Сомониён давраи пайдоиши адабиёти классикии тоҷику форс ба шумор меравад» [104, с. 511].

Бобоҷон Ғафуров Абулқосим Фирдавсиро аз шоирони баланмартабаи давраи Сомониён ҳисобида, шахсият ва эҷодиёти ӯро дар шакли мавзуи алоҳида таҳлил намудааст. Дар зербоби мазкур муаллиф ҳаёт ва осори Абулқосим Фирдавсиро тавзеҳ додааст: «Бузургтарин шоири он замон Абулқосим Фирдавсӣ байни солҳои 934 ва ё 941 дар деҳаи Бож, наздикии Тӯс аз оилаи аъёни миёнаҳол таваллуд ёфта, маълумоти нисбат ба он давра хубе ба даст овард. Ӯ ғайр аз забони модарии худ дарӣ забони арабӣ ва паҳлавиро (форсии миёна) низ нағз аз худ кард. Ба ин восита дар вақти таълифи «Шоҳнома» вай имкон дошт аз тамоми асарҳое, ки бо ин забонҳо навишта шуда буданд, истифода намояд» [104, с. 515].

Таҳлилҳои муаррих ва донишманди тоҷик Бобоҷон Ғафуров нисбат ба пажуҳишҳои дигар муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷ аз кишвар ба куллӣ фарқ доранд. Ҳарчанд пеш аз ӯ шарқшиносон ва муҳаққиқони шуравӣ – Е.Э. Бертелс, И.С. Брагинский ва дигарон таваллуд шудани Абулқосим Фирдавсиро дар «оилаи заминдори давлатманд» меҳисобанд, Бобоҷон Ғафуров ӯро «аз оилаи аъёни миёнаҳол» меҳисобад.

Бобоҷон Ғафуров дар баробари шарҳи таърихии ҳаёт ва осори Абулқосим Фирдавсӣ арзишҳои адабии асари ӯро низ ба риштаи таҳқиқ кашида, чунин зикр кардааст: «Фирдавсӣ дар асоси нишон додани гузаштаи пур аз қаҳрамонии халқ бедор намудани ҳисси ватандӯстии онро вазифаи достони худ медонист. Ӯ ба эҷоди ин асар беҳтарин айёми умри худро сарф кард» [104, с. 516].

Бобоҷон Ғафуров ҳатто барои исботи фикраш, ки Абулқосим Фирдавсӣ ними умрашро ба «Шоҳнома»-аш сарф кардааст, аз мисраъҳои «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ истифода намудаст:

Ман аз шасту шаш суст гаштам чу маст,
Ба ҷои инонам асо шуд ба даст.
Рухи лолагун гашта бар сони коҳ,
Чу кофур шуд ранги мӯи сиёҳ [104, с. 516].

Бобоҷон Ғафуров ба бисёр масъалаҳои таҳқиқнашудаи ҳаёт ва эҷодиёти Абулқосим Фирдавсӣ равшанӣ андохтааст. Ҳамчунин, Бобоҷон Ғафуров мавзуъ ва нуктаҳои зиёди «Шоҳнома»-ро шарҳ дода, аз ҷумла чунин навиштааст: «Тамоми ҳамосаи Фирдавсӣ бо руҳияи хайрхоҳӣ нисбат ба *аҳли меҳнат* – барзгарону пешаварон фаро гирифта шудааст. Шоири бузург онҳоро бо беҳтарин *сифатҳои инсонӣ – ҷавонмардӣ* ва *олиҳимматӣ* ороста тасвир менамояд. Фирдавсӣ дар бобати фаҳмидани моҳияти неҳзати маздакия аз тамоми ҳамасрони худ пеш гузаштааст. Ӯ ба маздакиён бо назари нек нигариста, онҳоро «гурусна ва азияткашида» меномад» [104, с. 516].

Дар заминаи андешаҳои мазкур Бобоҷон Ғафуров сифатҳои инсонӣ, аз қабили ҷавонмардиву олиҳимматиро сифатҳои аслии «аҳли меҳнат» медонад, зеро синфи асосии Иттиҳоди Шуравиро синфи «меҳнаткашони халқ» ташкил медод. Боиси хушбахтист, ки фарҳанг, маданият ва анаъанаҳои қадимии халқи тамаддунофарамонро, ки Абулқосим Фирдавсӣ пурра онҳоро дар асари безаволаш ба қалам додааст, дар замони давлатдории Иттиҳоди Шуравӣ истифода намуданд.

Ҳадафи Бобоҷон Ғафуров омӯхтан ва таҳқиқи мероси ниёгон буда, дар ин роҳ ӯ таҳлилҳои зиёди илмӣ-таҳқиқотиро ба анҷом расонидааст: «Мо бояд мероси мадании халқи худро омӯзем. Омӯзиши асарҳои классикони адабиёти форсӣ-тоҷикӣ яке аз вазифаҳои муҳимтарини мост. Зеро мо ин адабиёти ғанӣ ва ғояҳои баланди ватандӯстонаи онро дар кори тарбияи ватанпарварӣ ҳанӯз ба таври бояду шояд истифода намекунем. Вазифаҳои ҳарҷониба аз худ намудани мероси адабӣ аз мо корҳои илмию тадқиқотии ҷиддиро талаб менамояд» [184, с. 2].

Ҳамин тавр, Бобоҷон Ғафуров дар баробари таҳқиқи таърихи халқи тоҷик ба адабиёти классикии форсии тоҷикӣ диққати махсус дода, пажуҳишҳои судмандро ба анҷом расондааст.

Роҷеъ ба омӯзиш ва таҳқиқи ҳаёт ва осори Абулқосим Фирдавсӣ муҳаққиқон ва адабиётшиносони шуравии тоҷик нуктаҳои амиқи илмиро пажуҳиш намудаанд. Ба ин радиф академик А. Мирзоев дохил мешавад. Ӯ дар самтҳои гуногуни адабиётшиносӣ, чун таърихи адабиёти форсӣ-тоҷикӣ, танқиди адабӣ, матншиносӣ, назарияи адабиёт, равобити адабӣ ва ғайра таҳқиқот анҷом додааст. Осори илмии А. Мирзоев то ҳол дар мадди назари олимону донишмандони ватаниву хориҷӣ қарор дорад. Таҳқиқоти илмии адабиётшиноси тоҷик дар самти омӯзиши «Шоҳнома»-и ӯ низ пояи устувори фирдавсишиносӣ мебошад.

Кӯшишу талошҳои пайвастаи А. Мирзоев дар таҳқиқи осори намояндагони адабиёти форсӣ-тоҷикӣ бесобиқа буда, дар фирдавсишиносӣ низ хидматҳои назаррас намудааст. Ӯ дар таҳияи

достонҳои «Шоҳнома», бахусус, «Достони Заҳҳок» [33], «Ҷанги Рустам бо Деви сафед» [68], «Достони Кова ва Заҳҳок» [34], «Достони Сиёвуш» [35] ва ғайра саҳми арзанда дорад.

Ҳарчанд А. Мирзоев роҷеъ ба Абулқосим Фирдавсӣ танҳо ишораҳо намудааст, аммо ин ишораҳо андешаҳои дақиқ ва ҷанбаҳои арзишманди илмиву пажуҳишӣ таҷассум мекунанд. Ба ин маъно чунин ишора намудааст: «Дуруст аст, ки «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ, чи навъе ки маълум аст, қисмати умдаи афкори ҷамъиятӣ-тарбиявии асри XX-ро ташкил дода, аҳаммияти илму дониш ва мавқеи онро дар пешрафти ҳаёти ҷамъиятӣ ва амсоли онро низ инъикос мекунад» [117, с. 162].

Адабиётшиноси тоҷик А. Мирзоев дар чопи нахустини «Шоҳнома» сарсухан навиштааст. Муҳаққиқи нуктасанҷ дар пешгуфтори мазкур андешаҳои дақиқ баён намуда, ба ҷиҳатҳои забонӣ ва шарҳу тафсири луғот таваҷҷуҳ намудааст. Ба ҳамин мақсад, ӯ чунин ибрози андеша намудааст: «Луғоти «Шоҳнома» аз нуқтаи назари ба хонандагони имрӯза то чи дараҷа мафҳум будани худ асосан ба се гурӯҳ тақсим мешаванд: гуруҳи аввал калимаҳое мебошанд, ки дар муддати тақрибан ин ҳазор соли гузашта чи аз ҷиҳати шакл ва чи мазмун дуруст тағйир наёфтаанд. Гурӯҳи дуввум калимаҳое мебошанд, ки шаклан дар забони гуфтугӯӣ тағйир ёфтаанд. Гурӯҳи саввум калимаҳоеанд, ки тамоман аз истеъмоли имрӯзаи забони гуфтугӯӣ хориҷ гардидаанд. Аз ин ҷиҳат, дар вақти ба алифбои нав гузаронидани матни «Шоҳнома» равияи зерин пеш гирифта шуд» [1, с. 7].

Дар баробари адабиётшинос А. Мирзоев донишманди дигари тоҷик М. Шукуров (1925-2012), ки ба омӯзиши «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ махсус напардохта бошад ҳам, аммо чанд нуктаи хоссаи дақиқро зикр намудааст.

Воқеан, академик М. Шукуров аз зумраи донишмандон ва адабиётшиносони барҷаста ба шумор меравад, ки дар адабиётшиносии тоҷик теъдоди зиёди корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ анҷом додааст. Муаллиф

дар баробари пажуҳиш намудани ҷанбаҳои зиёди илмиву адабӣ дар асарҳои илмии худ «Анъана, халқият ва маҳорат» (1964), «Паҳлуҳои тадқиқоти бадеӣ» (1976), «Таърихи адабиёти советии тоҷик» (1980) ва «Пайванди замонҳо ва халқҳо» (1982) ва ғайра таҳлилҳои зиёд марбут ба самти фирдавсишиносиро ҳам зикр кардааст.

Ҳарчанд М. Шукуров асари алоҳида роҷеъ ба ҳаёт ва осори Абулқосим Фирдавсӣ надошта бошад ҳам, нуктаҳои вижаи илмиро зиёд ба қалам додааст. Муҳаққиқ Абулқосим Фирдавсиро шоири воқеъбин (реалист) номидааст: «Образҳои шоирона ва рангҳои дурахшони насри реалистии тоҷик бештар аз шеъри Рӯдакӣ ва Фирдавсӣ, Саъдӣ ва Ҳофиз, Ҷомӣ, Сайидо ва мисли инҳо омадааст» [165, с. 11].

Дар баробари пажуҳишҳои илмии С. Айнӣ, А. Лоҳутӣ, Б. Ғафуров, Ш. Ҳусейнзода, А. Мирзоев ва М. Шукуров муҳимтарин таҳқиқотро оид ба ҳаёт ва осори Абулқосим Фирдавсӣ С.А. Ҳасанова анҷом дода, кори илмии ҷудогона зери унвони «Дидгоҳи иҷтимоӣ-этикии Абулқосим Фирдавсӣ» («Социально-этические взгляды Абулкасима Фирдоуси») [194, с. 160] ба нашр расонидааст. Дар рисолаи мазкур мавзуъҳои ахлоқиву маънавӣ, ба мисли некиву накукорӣ, дӯстиву рафоқат, инсондӯстиву ватанпарварӣ ва ғайра матраҳ гардидаанд. Дар рисола ҳарчанд ҷанбаҳои фалсафӣ ифода ёфта бошанд ҳам, вижагиҳои адабиву бадеӣ низ мариди таҳқиқ қарор ёфтаанд.

Муаллиф дар баробари пажуҳиши ҳаёт, муҳити адабӣ ва фаъолияти эҷодии Абулқосим Фирдавсӣ, ҳамчунин мавзуъҳоеро матраҳ намудааст, ки ба шахсият, ҷаҳонбинӣ, ҷаҳони маънавӣ ва қобилияти фикрии шоир бахшида шудаанд. Масъалаҳои башардӯстона, ки Абулқосим Фирдавсӣ тасвир кардааст, дар зерфаслҳои алоҳида – «Дар бораи хирад», «Дар бораи ақл», «Дар бораи некӣ ва бадӣ», «Дар бораи меҳнатдӯстӣ», «Дар бораи ростӣ ва дурӯғгӯӣ», «Дар бораи дӯстӣ», «Дар бораи Ватан» ва дигар масъалаҳои маънавию ахлоқӣ шарҳ дода шудаанд. Муҳаққиқ дар боби «Дар бораи хирад», иброзу андешаҳо

намуда, мафҳуми хирадро ба ду шакл – дониш ва хирад тавзеҳ додааст, ки дар дарки маънавии инсоният то ҳанӯз мавриди баҳс қарор дорад. Роҷеъ ба он муаллиф чунин ибрози андеша намудааст: «Дар «Шоҳнома» вожаҳои дониш ва илм басо зиёд истифода шудаанд. Ҳанӯз ин масъалаҳо дар замони Абулқосим Фирдавсӣ танҳо ба донишмандону мутафаккирон хос будааст. Шоир доштани дониши кофиро маҷмуи «хирад доштан»-ро сифат кардааст» [194, с. 123].

Албатта, доштани дониш, яъне ҷамъи илмҳои гуногун инсонро ба хирадманд будан наздик месозад. Мафҳуми мазкур на танҳо дар давраи шоир амал кардааст, балки он дар давраҳои гуногуни таърихӣ вуҷуд доштааст.

Ҳамин тавр, дар баробари анҷом ёфтани як қатор таҳқиқоту пажуҳишҳои илмӣ дар Тоҷикистони замони шуравӣ ҳаёти Абулқосим Фирдавсӣ дар шакли асари насрӣ ва аз рӯи он роман ва очерк эҷод шудаанд, ки яке романи «Фирдавсӣ»-и Сотим Улуғзода (1988) ва дигаре очерки илмӣ-бадеии «Абулқосим Фирдавсӣ»-и Аҳмад Абдуллоев (1987) мебошанд:

### *А) Саҳми Сотим Улуғзода дар таҳқиқи Абулқосим Фирдавсӣ ва «Шоҳнома»-и ӯ*

Сотим Улуғзода аз нависандагони шинохта ва сермаҳсули адабиёти муосири тоҷик буда, сабку услуб ва салиқаи хос доштааст. Ӯ бештар дар таълифоти осори таърихӣ, ёддоштнависӣ ва воқеънигорӣ шуҳрат пайдо намуда, дар рушд ва такомули адабиёти муосир саҳми арзанда гузоштааст.

Сотим Улуғзода дар баробари устод Садриддин Айнӣ низ дар руҳияи асари безаволи Абулқосим Фирдавсӣ эҷодиёти худро ғанӣ гардонидааст. Шоҳкориҳои Сотим Улуғзода (1911-1997) то ҳанӯз на танҳо дар адабиётшиносӣ, балки дар фирдавсишиносӣ мавқеи баланд касб намудаанд.

Дар осори Сотим Улуғзода бештар ғояҳои инсондӯстӣ, худшиносӣ ва озодандешӣ таҷассум ёфтаанд. Ҷиҳати арҷ гузоштан ба арзишҳои моддиву маънавӣ нависанда дар адабиёти муосири тоҷик асарҳои адабиву таърихиро таълиф намудааст.

Нависандаи навҷӯву соҳибсабк Сотим Улуғзода дар адабиёти муосири тоҷик ду кори шоиста дар самти фирдавсишиносӣ анҷом додааст:

а) офаридани достонҳои «Шоҳнома» ба наср;

б) таълифи романи «Фирдавсӣ» дар заминаи зиндагиномаи шоир.

Ҷаҳонбинӣ, дақиқназарӣ ва зеҳни баланд ба Сотим Улуғзода имкон додааст, ки ҳаёти Абулқосим Фирдавсиро дар асари мукаммали бадеии худ «Фирдавсӣ» ба таври комил инъикос намояд.

Шуҳрати бештар пайдо кардани шахсияти Абулқосим Фирдавсӣ ва достонҳои «Шоҳнома» дар давраи шуравӣ кори саҳлу осон набуд, аммо нависандаи тавоно ҳаёти шоирро бо роҳу усулҳои осонтар дар шакли наср эҷод намояд. Дар ин росто, Сотим Улуғзода ҳамчун намояндаи боризи адабиёти муосири тоҷик, ҳаёт, муҳити адабӣ ва фаъолияти шоирро ба шакли романи ҷудогона таҳти унвони «Фирдавсӣ» таълиф намуда, бори дигар ба халқу миллатҳои гуногуни шуравӣ, бахусус халқи тоҷик муаррифӣ намудааст.

Сотим Улуғзода нисбат ба дигар адибони тоҷик ба омӯзиши ҳаёти Абулқосим Фирдавсӣ ва «Шоҳнома»-и ӯ бештар таваҷҷуҳ намудааст. Романи «Фирдавсӣ»-и Сотим Улуғзода соли 1986 нахуст дар чанд шумораи маҷаллаи «Садои Шарқ» ба табъ расидааст, ки кӯшишҳои нахустини нависанда ба ҳисоб меравplanд. Муаллиф дар романи мазкур айёми аз хурдсолӣ то пирии шоирро бо тамоми ҷузъиёташ тасвир намудааст.

Ҳадафи Сотим Улуғзода аз омӯхтани осори Абулқосим Фирдавсӣ дар он буд, ки бо далелҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ ва адабӣ, ки дар «Шоҳнома» хеле зиёданд, бо диди бадеӣ нигарад. Бо истифода аз далелҳои зиёди

«Шоҳнома» Сотим Улуғзода на танҳо ба пажуҳиши онҳо иқдом намуд, балки аз он дар роман фаровон истифода намудааст.

Маҳсули эҷодии Сотим Улуғзода бештар афкору андешаҳои маънавӣ-ақлӣ ва маърифатиро ташкил медиҳад, ки то ҳол барои ҷомеа манфиатбахш аст.

Сотим Улуғзода эҳёгар ва талқинкунандаи осори бузургон буда, нуктаҳои зиёди ҳаёт ва фаъолияти онҳоро ба риштаи таҳқиқ кашидааст. Ба ҳамин далел, Р. Ҳошим дар мақолааш «Устоди сухан» чунин қайд кардааст: «Асарҳои таърихӣ-бадеии Сотим Улуғзода дар хусуси муборизаи гузаштагони мо ба муқобили арабҳо («Ривояти суғдӣ») дар бораи Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Ибни Сино, Темурмалик, Восеъ ва Аҳмади Дониш ҳама дар асоси ҳуҷҷатҳои таърихӣ, муҳокимаи ҳаматарафаи нависанда пухта ва аз ҷиҳати таърихӣ саҳеҳу дуруст ба хонандагон манзур карда шудаанд» [158, с. 4].

Романи мазкур на танҳо натиҷаи кори бузурги таҳқиқотии Сотим Улуғзода, балки ба сифати кори бузург дар самти *фирдавсишиносӣ* хизмат менамояд. Муаллиф дар романи мазкур усули чеҳраофариниро ба кор бурда, Абулқосим Фирдавсиро асоси он ҳисобидааст, ки давраҳои гуногунро ба қалам додааст. Неруи муаллиф дар офаридани роман нишон додани таҷрибаи ғании ҳаёти маънавӣ ва моддии мардуми тоҷик мебошад, ки он барои дарки ҳисси ватандӯстию инсонпарварӣ ва робитаи ногусастанӣ бо ҷаҳони имрӯза мебошад.

Дар романи «Фирдавсӣ»-и Сотим Улуғзода ба шоир мақому мартабаи воло додааст ва беҳтарин мавзуъҳоро тасвир намудааст. Чеҳраи ҳунарии Абулқосим Фирдавсӣ дар ҳар мавзуе, ки дар «Шоҳнома» инъикос ёфтаанд, гувоҳи аз таърих, маданият, илм ва фарҳанги ниёгони хеш огоҳи комил доштани ӯст. Воқеан, «Абулқосим Фирдавсӣ дар қалами Сотим Улуғзода бештар ба чеҳраи илмӣ табдил ёфта, посухҳояш ҳам ҷанбаи илмӣ пайдо кардаанд» [69, с. 4].

Абулқосим Фирдавсӣ дар шинохти Сотим Улуғзода дар баробари шоир будан муаррихи бузург низ тасвир ёфтааст, зеро дар романи «Фирдавсӣ»-и ӯ баҳсҳои илми таърих ва манбаъшиносӣ хеле зиёд ба назар мерасанд. Нависанда дар офаридани симои шоир дар романи худ ҳам нуктаи назари адабиётшиносӣ ва ҳам таъриихшиносиро истифода кардааст.

Сотим Улуғзода симои шоири бузургро тавре матраҳ сохтааст, ки бештари маълумотро аз худи «Шоҳнома» истифода кардааст. Сотим Улуғзода танҳо мазмунҳоро ба шакли наср барои насли муосир матраҳ намудааст.

Нависанда романро тавре офаридааст, ки Абулқосим Фирдавсӣ дар ҳаёти воқеӣ бештари онҳоро аз сар гузаронидааст. Илова ба ин, хизмати Сотим Улуғзода дар баробари офаридани романи бадеӣ дар доираи ҳаёт ва фаъолияти Абулқосим Фирдавсӣ ҳмачунин достонҳои «Шоҳнома»-ро бо наср таълиф намудааст.

Муаллиф соли 1976 қисми якуми достонҳои «Шоҳнома»-ро бо теъдоди 50 000 ва соли 1977 қисми дуюми онро бо ҳамин теъдод таҳия ва нашр кардааст.

Сотим Улуғзода «Достонҳои «Шоҳнома»-ро ба мисли Абулқосим Фирдавсӣ дар се бахш, яъне асотирӣ (аз рӯзгори Каюмарс то подшоҳии Фаридун), ривоятӣ (аз шӯриши Кова то куштани Рустам) ва таърихӣ (рӯзгори давлатдории Ашкониён ва Сосониён) офаридааст. Вобаста ба ин қисми якум қисматҳои «Каюмарс ва авлоди ӯ», «Заҳҳок» ва «Фаридун» дар бар мегирад, ки ба бахши асотирӣ тааллуқ доранд. Достонҳои «Коваи оҳангар», «Достони Фаридун ва писарони ӯ», «Эраҷ», «Манучеҳр», «Достони Симурғ ва Зол», «Достони Зол ва Рӯдоба», «Зодани Рустам аз модар», «Ҷанг», «Рустами Достон», «Достони Рустам ва Суҳроб», «Достони Сиёвуш»-и қисми якум ва «Достони Бежан ва Манижа», «Достони Исфандиёри рӯинтан», «Ҳафт хони Исфандиёр», «Достони разми Рустам бо Исфандиёр» ва «Ҳалоки Рустам»-и қисми

дуюм ба бахши ривоятӣ ва қисматҳои «Достони Ардашери Бобакон», «Достони Баҳроми Чӯбина», «Борбад ва Хусрав», «Тохтани Саъди Ваққос ба Эрон»-и қисми дуюм ба бахши таърихӣ вобастаанд.

«Достонҳои «Шоҳнома»-и Сотим Улуғзода мазмун ва муҳтавои «Шоҳнома»-ро ба маротиб осон намудааст, зеро он бо забони муосири адабии тоҷик офарида шудааст. Ҳангоми мутолиаи он хонанда аз фарҳанг, маданият ва таърихи ниёгони худ огоҳ мешавад. Дар баробари истифодаи забони муосири тоҷик нависанда забони классикиро низ нигоҳ доштааст, зеро тавассути он насли муосир арзишҳои ниёгони худро пос медоранд.

Сотим Улуғзода дар «Достонҳои «Шоҳнома»-и худ масъалаҳои меҳандӯстию ватанхоҳӣ, некиву накӯкориро ба мисли Абулқосим Фирдавсӣ ба қалам додааст. Рафтор, кирдор ва хислатҳои қаҳрамонҳои асар, ба мисли Ҷамшед, Ҳушанг, Эраҷ, Афросиёб, Ковус, Таҳмина, Рустам, Суҳроб, Фаридун, Кайхусрав, Фарангис, Таҳмурас, Манучеҳр, Сиёвуш, Гурдофарид, Бежан, Манижа, Рӯдоба, Исфандиёр, Ардашер ва дигарон дар «Достонҳои «Шоҳнома» айнан такрор шудааст.

Нависанда ҳангоми нишон додани воқеаҳои таърихиву ривоятӣ ва симои қаҳрамонҳо пайваста ба «Шоҳнома» такя мекунад. Ӯ барои равшан намудани лаҳзаҳову воқеот ва ҳаводис мазмуну муҳтавои достонҳои «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсиро пурра риоя кардааст.

Моҳирона ва устодона таълиф намудани «Достонҳои «Шоҳнома» ба Сотим Улуғзода шуҳрати доимиро бахшидааст. Масалан, пас аз тадбир ҷустани Рустам аз Симурғ моҷарои кушта шудани Исфандиёр ба дасти Рустам дар нигориши Сотим Улуғзода чунин ба қалам дода шудааст: «-Эй размовари аз разм сернагашта! – хитоб кард Рустам. – Аз яздони пок битарс, дилу хирадатро дар мағок наяндоз. Ман имрӯз на барои ҷанг, балки барои сулҳ омадам. Биёву меҳмони ман бош. Дари ганҷи деринаамро, ки ба рӯзгори дароз гирд кардаам, мекушояму ҳамаро ба ту мебахшам ва бо ту ба назди шоҳ меравам: маро хоҳ бандад ва хоҳ

кушад, фармон аз ӯст. Исфандиёр гуфт: – Ман на он мардам, ки рӯзи набард фиреби рақиброр хӯрам! То чанд аз оштӣ суханони нобакор мегӯӣ? Мехоҳӣ, ки ман аз фармони шоҳ баргардаму ба ғазаби худо гирифтор шавам? На! Ё ин фусунро бас кун ва дастатро ба банд бинеҳ ва ё ман туро ба зӯрӣ мебандам, агар дар ин разм зинда монӣ» [69, с. 4].

Матлаби мазкур дар «Шоҳнома» чунин ба қалам дода шудааст:

Рустамро дигар чора намонд.
Таҳамтан к-аз андар камон ронд зуд
Бад-он сон ки Симурғ фармуда буд,
Бизад рост бар чашми Исфандиёр,
Сияҳ шуд ҷаҳон пеши он номдор.
Нигун шуд сари шоҳи яздонпараст,
Бияфтод чочӣ камонаш зи даст.
Гирифташ фашу ёли аспи сиёҳ,
Зи хун лаъл шуд хоки овардгоҳ [3. с.102].

Ҳамчунин, нависанда дар охири қисми якуми «Достонҳои «Шоҳнома» достони «Шикояти Фирдавсӣ аз пирии худ» ва дар қисмати охири китоби дуюм «Гиряи Фирдавсӣ ба марги писараш»-ро аз «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ айнан овардааст.

Сотим Улуғзода ҳангоми навиштани «Достонҳои «Шоҳнома» нуктаҳои зеринро риоя кардааст:

– шарҳи шахсияти Абулқосим Фирдавсӣ ба «Шоҳнома»-и ӯ;
– арҷ гузоштан ба асолати арзишҳои моддиву маънавӣ, чун забон, фарҳанг ва маданияти аҷдодӣ;
– баланд бардоштани ҳисси ватандӯстӣ ва худшиносии миллӣ;
– эҳёи анъана, урфу одат ва расму ойинҳои қадимаи аҷдодӣ, чун Садда, Меҳргон ва ғайра).

Ҳамин тавр, романи «Фирдавсӣ» ва «Достонҳои «Шоҳнома» аз ҷониби Сотим Улуғзода то замони мо ба насли муосир эътибор ва ифтихори миллиро бештар ироа намудаанд. Бо назардошти маводди

мавҷуда метавон гуфт, ки дар хусуси дастовардҳои нависанда дар самти фирдавсишиносӣ имкон дорад, дар оянда рисолаи алоҳидаи илмӣ таҳия гардад.

### *Б) Саҳми Аҳмад Абдуллоев дар таҳқиқи «Шоҳнома» (дар заминаи очерки илмӣ-бадеии «Абулқосим Фирдавсӣ»)*

Аҳмад Абдуллоев аз зумраи муҳаққиқони муосири тоҷик мебошад, ки дар баробари саҳми вижа доштан дар таҳқиқ ва пажуҳиши мавзуъҳои гуногуни адабиётшиносии тоҷик ба таълифи осори адабӣ низ пардохтааст. Яке аз чунин асарҳои адабии ӯ очерки илмию бадеии «Абулқосим Фирдавсӣ» мебошад, ки соли 1987 ба нашр расидааст. Дар китоби мазкур ҳаёт ва фаъолияти Абулқосим Фирдавсӣ ба таври барҷаста нишон дода шудааст [10, с. 166].

Очерки илмию бадеии «Абулқосим Фирдавсӣ»-и Аҳмад Абдуллоев ҳарчанд бештар ҷанбаҳои бадеиро дар бар гирифта бошад ҳам, дар он масъалаҳои зиёди илмӣ-пажуҳишӣ матраҳ шудаанд.

Ҳадафи таълиф намудани очерки мазкур аз ҷониби Аҳмад Абдуллоев, пеш аз ҳама, нишон додани шахсияти Абулқосим Фирдавсӣ ва «Шоҳнома»-и ӯ, ки таърихи бисёрасраи ниёгонро дар бар мегирад, мебошад. Дар осори ӯ ҷусторҳои адабӣ, бадеӣ ва илмӣ дар очерки мазкур ба назар мерасанд, ки бо истифода аз сарчашмаву манбаъҳои гуногун ҷамъоварӣ шудаанд. Аз омӯзиш ва баррасии очерки илмию бадеии «Абулқосим Фирдавсӣ»-и Аҳмад Абдуллоев маълум мешавад, ки муаллиф аз адабиёти форсӣ-тоҷикӣ, хусусан, асрҳои X-XI комилан бархӯрдор буда, корнамоӣ, фоҷеа ва ривоятҳои зиёдро далел овардааст.

Очерки мазкур аз муқаддима, мавзуъҳои гуногун ва тавзеҳот иборат буда, давраи хурдсолии шоирро зери унвони «Тулуи ахтар» то марги шоир бо номи «Ғуруби шамс»-ро ба қалам додааст. Ҳамчунин, дар асари мазкур «Достони Дақиқӣ» (ҳазор байти мондагори Дақиқӣ дар «Шоҳнома» – О.С.), «Марги фарзанд» (марги писари шоир – О.С.),

достонҳои машҳури асари безавол – «Достони Рустам ва Суҳроб», «Шоир ва шоҳ» (ситези Султон Маҳмуд бо шоир – О.С.), «Ҳаҷви Султон» ва ғайраро барҷаста нишон додааст.

Масалан, ҷиҳатҳои илмӣ дар шакли бадеӣ дар очерки илмию бадеии «Абулқосим Фирдавсӣ»-и муҳаққиқ ба таври зайл омадааст: «Саҳарии барвақт, тақрибан соати панҷи яке аз рӯзҳои баҳорони соли 934 мелодӣ. Осмони деҳаи хушобуҳавои ба ном Божи ноҳияи Табарони музофоти Тӯс софу беғубор буд» [10, с. 8]. Аз ин ҷо бармеояд, ки муаллиф дар иброз намудани бадеияти сухан бештар ба маълумотҳои илмӣ такя намудааст, зеро бештари манбаъҳо сана ва ҷойи таваллудро ба соли 934 дар деҳаи Бож баробар мекунанд.

Абулқосим Фирдавсӣ дар таълифи «Шоҳнома» аз истифодаи калимаву вожаҳои бегона канораҷуйӣ намудааст. Аҳмад Абдуллоев ин матлабро дар навиштаи хеш чунин овардааст: «Вале омӯзиши забону адабиёти араб барои Фирдавсӣ бо дину оини он халқ тавъам набуд. Вай аз оинҳои арабӣ худро дур мегирифт ва роҳу равияи ниёгонро азиз медошт» [10, с. 13].

Абулқосим Фирдавсӣ ба сифати шоири миллатдӯст ва раиятпарвар заҳмати сисола кашида, ба ҷаҳониён собит намудааст, ки халқи форсу тоҷик аз куҳантарин халқиятҳои ҷаҳон аст. Ин андешаро Аҳмад Абдуллоев дар очерк зикр намудааст:

Басе ранҷ бурдам, басе нома хондам,
Зи гуфтори тозию ҳам паҳлавонӣ [12, с. 13].

Заҳмату ранҷи шоир дар дастрасии маълумоти бостон ва матраҳ намудани он дар «Шоҳнома» буда, «Фирдавсӣ дар бораи офариниш, саргузашти Каюмарсу Ҷамшед ва дигарон ривоятҳои бостонӣ қиссаҳо омӯхта буд. Китобҳои «Ёдгори Зарирон» ва «Корномаи Ардашери Бобакон»-ро пайваста мутолиа намудааст» [12, с. 13].

Аҳмад Абдуллоев таърихи гузаштаро чунин ба қалам додааст: «Вақте ки шоири гениалӣ Фирдавсӣ соли 975 мелодӣ ба назми

«Шоҳнома» шурӯъ намуд, айни авҷу шуҳрати давлати муқтадири он рӯзгор – Сомониён буд» [10, с. 33]. Барои дақиқ кардани маълумоти дуруст ба Аҳмад Абдуллоев муяссар гадид, ки очерки илмию бадеии ӯ қобили таваҷҷуҳи хонанда ва муҳаққиқони соҳа гардад.

Ҳамин тавр, ҳарчанд ҳар ду асар бештар вижагиҳои бадеиро дар бар гирифта бошанд, таҳлил намудани масъалаҳои илмӣ низ дар онҳо басо зарур аст. Зарурати баҳси илмӣ метавонад муҳтавои асарҳои зикргардидаро дар алоҳидагӣ мавриди пажуҳиш қарор диҳад.

### *1.2.3. Саҳми мутарҷимони шуравӣ дар рушди фирдавсишиносӣ*

Тарҷумаи осори шоирон ва мутафаккирони классикии форсии тоҷикӣ дар марҳилаҳои гуногуни таърихӣ, бахусус дар замони шуравӣ мавқеи баландро касб намудааст. Тарҷумаи бадеӣ дар рушд ва ташаккули адабиёт ва равобити адабӣ мавқеи вижа дорад, зеро дар натиҷаи он теъдоди зиёди манбаъҳои адабӣ ва бадеӣ ба забонҳои гуногуни ҷаҳон тарҷума ва чоп шудаанд. Дар заминаи мазкур шакли комили «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ ба забонҳои гуногуни шуравии солҳои 50-80-уми асри гузашта тарҷума шудааст.

Тарҷумаи ин асари безавол шинохти шоир ва андешаҳои баландмазмуни ӯро на танҳо дар сарзамини паҳновари Шарқ, балки берун аз он таҳким бахшида, хазинаи маънавию маърифатии тамаддуни ҷаҳониро ғанӣ гардонидааст. Шакли комили «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ *дар Тоҷикистон* солҳои 50-80-уми асри XX аз ҷониби мутарҷимони касбӣ анҷом шудааст. Аз ҷумла, А. Лоҳутӣ, С. Бону-Лоҳутӣ, С. Липкин, В. Державин, И. Селвинский, М. Лозинский, И. Соколова ва дигарон «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсиро дақиқ тарҷума намуданд. Ин марҳилаи таърихиро метавон авҷи тарҷумаи осори классикии форсии тоҷикӣ, аз қабили «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ ба забонҳои ҷумҳуриҳои собиқ шуравӣ номидан равост. Дар

раванди шуравӣ забони русӣ на танҳо вазифаи забони умумишуравиро иҷро кардааст, балки ба сифати забони миёнарав низ хизмат кардааст. Ҳамчунин, дар баробари забонирусӣ ҳамчун забони расмии қонунгузории шуравӣ шинохтан, дар ҷараёни рушду таҳаввули тарҷумаи бадеӣ низ мавқеи вижа доштааст.

Тарҷумаҳои «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ дар Тоҷикистони шуравии солҳои 50-80-уми асри XX дар ду шакл мавқеъ пайдо намудаанд:

– тарҷумаи «Шоҳнома» ба забонҳои гуногуни шуравӣ;

– тарҷумаи манобеъ ва таҳқиқоти илмии муҳаққиқону пажуҳишгарони солҳои 50-80-уми асри XX, бахусус мақолаҳои илмӣ ба забонҳои гуногуни халқҳои шуравӣ.

«Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ чи дар таҳқиқ ва чи дар тарҷума ҷойгоҳи баланд дорад. Дар ҳар давраи таърихӣ ҷойгоҳи шоир нигоҳ дошта шуда, афкору андешаҳои волои ҷаҳониро ба бор овардааст. Дар ин маврид муҳаққиқ Ш. Камол «Фирдавсии достонсаро баъди Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, дувумин шахси таърихофарест, ки пояи назми баландпояи адабиёти классикии мо ба шумор меравад» [109, с. 4].

Тарҷумаи бадеии солҳои 50-80-уми асри XX дар байни хоссу ом мусбат арзёбӣ шуда, дар баробари ташаккул додани завқи хонандагони шуравӣ, ҳамчунин дар ташаккул ва таҳаввули адабиёти тоҷик, бавижа, фирдавсишиносӣ заминаи воқеиро ба вуҷуд овард. Перомуни таъсири тарҷумаи «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ ба эҷодиёти адибони шуравӣ андешаҳо зиёданд. Мушахассоти таъсири асари безавол осори адибони шуравӣ ва ҳиссаи муассири онҳо дар бавуҷудоӣ ва инкишофи назм ва насри муосири тоҷик басо зиёданд. Ғояҳои классикии ба замони шуравӣ ҳамоҳангбуда дар адабиёти муосири тоҷик воқеъбинона (реалистона) мавриди таҳқиқ қарор ёфтаанд. Вобаста ба ин академик М. Шукуров чунин андешаронӣ намудааст: «Принсипҳои асосии жанрҳои таърихии адабиёти тоҷик, принсипҳои ғоявӣ ва эстетикии дарки

воқеияти иҷтимоии гузаштаи дур ва наздик такмил ёфта, боиси амиқтар рафтани реализми тасвир гардид» [167, с. 182].

Солҳои 50-80-уми асри XX дар Иттиҳоди Шуравӣ, хосса, дар Тоҷикистон дар рӯзномаву маҷаллаҳо маводди ҷолиб оид ба Абулқосим Фирдавсӣ ва «Шоҳнома»-и ӯ ба нашр расиданд. Бахусус, фикру андешаҳои муҳаққиқон, адабиётшиносон, шоирону нависандагони хориҷӣ, аз қабили В. Гюго, И. Гёте ва дигарон ба забони тоҷикӣ дар шакли назму наср тарҷума ва нашр шуданд. Дар ин бора, И. Гёте роҷеъ ба адабиёти форсӣ-тоҷикӣ ба чунин тарз тарҷума чунин тазаккур додааст: «Мардуми форс дар тӯли панҷ аср аз ҳамаи шоирони худ фақат ҳафт тан (Фирдавсӣ, Низомӣ, Анварӣ, Румӣ, Саъдӣ, Ҳофиз ва Ҷомӣ)-ро эътироф кардаанд ва ҳол он ки дар байни шоирони написандидаи онҳо мардони аз ман ҳам бузургтаре ҳастанд» [101, с. 97].

В. Гюго оид ба бузургии Фирдавсӣ ашъори арзишмандро таълиф намудааст, қисмате аз онро чунин мисол меорем:

Варо дар шаҳри Майсур дида будам,
Ба сар дастор аз *нури саҳар* дошт.
Ҷалоле чун шукӯҳи подшоҳон,
Қабои арғувонранге ба бар дошт [101, с. 97].

Аз ин ҷо бармеояд, ки В. Гюго зимни ибрози андешаҳои худ ба таври густурда сувари хаёлро истифода намуда, Абулқосим Фирдавсиро ба «нури саҳар» монанд карда, «пири хирадманд» унвон кардааст.

Аз таҷрибаҳои мутарҷимони ватаниву хориҷӣ бармеояд, ки таълифоти онҳо дар интихоби усул, шакл ва мазмун бениҳоят баланд арзёбӣ мешаванд. Мутарҷимон зери таъсири сиёсати идеологии шуравӣ қарор дошта, нахуст ғояҳои ватандӯстӣ, инсондӯстӣ ва ягонагии Абулқосим Фирдавсӣ, ки *гуманизм, патриотизм ва интернатсионализми шуравиро* ташкил медоданд, тарҷума намуданд.

Дар ташаккул ва рушди фирдавсишиносӣ дар Тоҷикистон тарҷумаҳои «Шоҳнома» замина фароҳам оварда, бештар солҳои 50-80-

уми садаи гузашта анҷом ёфтаанд. Вобаста ба ин, ҳамоишу ҷашнвораҳои бузургдошти Абулқосим Фирдавсӣ боиси рушди тарҷумаи «Шоҳнома» гардидаанд. Тарҷумаҳои гуногуни «Шоҳнома» аз забони тоҷикӣ ба дигар забонҳои халқҳои Иттиҳоди Шуравӣ, аз ҷумла, ба забони русӣ ҳам аз ҷиҳати теъдод ва ҳам мазмуну муҳтаво ташаккул ёфтаанд. Табиист, ки тарҷумаи «Шоҳнома» дар замони шуравӣ хусусияти касбиро доштааст, зеро онҳо таҳлилҳои назариявии фирдавсишиносиро ташкил медиҳанд.

Воқеан, тарҷумаи асари бадеӣ аз як забон ба забони дигар дар он вақт эътироф мешавад, ки агар тарҷумон мазмуну муҳтаво, ғояи асосӣ, сужа, консепсияи эстетикии муаллифи асар, мавқеи сиёсӣ ва ҷаҳонбинии асарро нигоҳ дошта тавонад. Дар замони шуравӣ, бавижа дар марҳилаи аввал қисматҳои ҷудогонаи «Шоҳнома» тарҷума шуда, аз ҷониби хонандаи шуравӣ баланд пазируфта шудаанд. Дар тарҷумаи «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ ба забони русӣ тарҷумонҳои соҳибтаҷриба, аз қабили С. Бону-Лоҳутӣ, С. Липкин, В. Державин, И. Селвинский, М. Лозинский хидматҳои шоён намудаанд. Ҷусторҳои мо дар самти тарҷумаи «Шоҳнома» ва қисмҳои алоҳидаи он маҳз дар асоси чунин тарҷумаҳои аслӣ ва касбӣ сурат гирифтаанд.

Дар ин асос нашри «Шоҳнома» маводди омӯзанда ва созгор барои аҳли адаб ва ҷомеаи шуравӣ ба ҳисоб рафта, аз ҷониби мутарҷими рус А.А. Ромаскевич таҳия шудааст.

Яке аз тарҷумонҳои барҷастаи адабиёти форсӣ-тоҷикӣ ба забони русӣ В.В. Державин ба ҳисоб меравад, ки дар тарҷумаҳои ӯ истеъдоди фитрии шоирӣ низ бараъло ба назар мерасад. Тарҷумон дар ҷараёни тарҷумаи «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ на танҳо мазмуну муҳтаво, балки оҳанг, латофат ва фасоҳати забони асарро дар тарҷумаи русӣ низ нигоҳ доштааст. Тарҷумаҳои ӯ нахуст дар шакли порчаҳо аз достонҳои асари безавол дар Сталинобод (Душанбеи ҳозира) ба табъ расидаанд.

В.В. Державин боби «Талаб кардани Исфандиёр аз падар»-ро тарҷума карда, онро соли 1950 дар китоби «Абулькасим Фирдоуси. Из

«Шахнаме» нашр кардааст. Оғози достон шаклан тағйир ёфтааст, зеро ӯ боби мазкурро бо боби дигари асар – «Рустам Исфандиёрро ба чашм андохтааст» якҷоя тарҷума кардааст.

Ҳадафи тарҷумон ҳифзи иродаи муаллиф ва нигаҳдошти маънои аслӣ будааст:

Чу баргашт шаб гирд карда инон,
Сапеда баровард рахшон синон.
Нишаст аз бари тахти зар шаҳрёр,
Бишуд пеши ӯ фаррух Исфандёр [1, с. 226].

Ин порчаро В.В. Державин чунин тарҷума кардааст:

Ночь, повернув узду, во мглу ушла,
Заря над миром копья подняла.
Сел на златом престоле шах великий
И сын пред ним предстал прекрасноликий [74, с. 356].

Тарҷумаи порчаҳои достонҳои «Шоҳнома», ки аз ҷониби В.В Державин анҷом ёфтаанд, дар зери таҳрири муҳаққиқи рус М. Явич дар китоби «Абулкасим Фирдоуси. Из Шахнаме» нашр гардидааст. М. Явич ба кори тарҷумонии В.В. Державин баҳои баланд додааст. Пас аз тарҷума ва нашри ду қисми «Шоҳнома» ба забони русӣ шуҳрати мутарҷими рус В.В Державин баланд гардид. М. Явич тарҷумаи комили осори Абулқосим Фирдавсиро ба забони русӣ кори хеле душвор ҳисобидааст. Воқеан, тарҷумаи достонҳои «Шоҳнома» ба забони русӣ, ки аз ҷониби В.В Державин анҷом ёфтааст, барои хонандаи рус хеле фаҳмо ва қобили дарк аст.

Воқеан, «Шоҳнома» аз ҷониби В.В. Державин дар сатҳи касбӣ тарҷума шудааст. Китоби «Избранные четверостишия персидско-таджикских поэтов-классиков», ки соли 1965 дар Душанбе нашр шудааст, тарҷумаҳои В.В. Державинро дар бар мегирад. Ҳамчунин, дар ин муддат дар баробари тарҷумаи В.В. Державин тарҷумони дигари рус

Ситсилия Бону Лоҳутӣ (ҳамсари А. Лоҳутӣ) ба тарҷумаи «Шоҳнома» ба забони русӣ машғул будааст.

Дар Маскав мутарҷими шинохтаи шуравӣ Ситсилия Бону бо ҳамроҳии ҳамсараш Абулқосим Лоҳутӣ дар тарҷумаи «Шоҳнома» ширкат варзидааст. Бо кӯшиш ва заҳматҳои ӯ соли 1957 ҷилди якуми «Шоҳнома» бо таҳрири Абулқосим Лоҳутӣ ба забони русӣ дар нашриёти Академияи илмҳои ИҶШС нашр шудааст. Ҳарчанд Абулқосим Лоҳутӣ орзуи дидани тарҷумаи мукаммали «Шоҳнома»-ро ба забони русӣ доштааст, аммо орзуи ӯ амалӣ нашуд, зеро ӯ чанд муддат пештар аз нашри ҷилди аввали «Шоҳнома» вафот кардааст. Ситсилия Бону ба хотири ҳамсараш ва барои амалӣ намудани орзуҳои ӯ дар қисмати силсилавии «Ёдгориҳои адабӣ» («Литературные памятники») тарҷумаи достонҳои «Шоҳнома»-ро идома бахшида, онро дар 6 ҷилд (солҳои 1957-1989) ба итмом расондааст. Масалан:

Ба номи Худованди ҷону хирад,
К-аз ин бартар андеша бар нагзарад.
Худованди ному Худованди ҷон,
Худованди рӯзидеҳу раҳнамой [1, с. 4].

Ситсилия Бону Лоҳутӣ ин қисматро дар шакли зер тарҷума намудааст:

Во имя создавшего душу и ум,
Над кем не подняться парению дум
Кто место всему и названье дает,
Дарует нам блага, ведет нас вперед [78, с. 3].

Аз натиҷаи таҳлилҳои қиёсии қисматҳои зиёди матни аслии «Шоҳнома» ва тарҷумаи онҳо аз ҷониби Ситсилия Бону Лоҳутӣ маълум мешавад, ки тарҷумаҳо ӯ арзишманд буда, мазмун, мавзуъ, ғоя, тасвир ва ҳисси ботинии шоир дар матни тарҷума нигоҳ дошта шудаанд. Ҳамчунин, нусхаи асл аз тарҷумаи Ситсилия Бону Лоҳутӣ тафовути зиёди ҷиддӣ надорад. Баръакс, ҳангоми мутолиаи тарҷумаи достонҳои

«Шоҳнома» оҳангу нафосат ва мазмуни байтҳо бараъло ҳис мешавад. Тарҷумаи Ситсилия Бону Лоҳутӣ ҷиддӣ, образнок ва шоирона аст.

Воқеан, тарҷумаҳои «Шоҳнома» чандин маротиба дар ҷилдҳои алоҳида ба табъ расидаанд, ки муҳимтарин достонҳоро дар бар мегирад. Масалан, тарҷумаҳои В.В. Державин ва С. Липкин (дар ду ҷилд) таҳти унвони «Шоҳнома» («Шахнаме» (1950), С.Б. Лоҳутӣ «Аз оғози ҳукмронии Яздгурд, писари Баҳроми Гур» («От начала царствования Йездгерда, сына Бахрама Гура до конца книги» (1960), «Аз достони Рустам ва Сухроб то Рустам ва Хоқони Чин» («От сказания о Рустеме и Сохрабе до сказания о Рустеме и Хакане Чина» (1960), С. Липкин «Сказание о Бахроме Чубина. Из «Шахнамэ» (1952), Ситсилия Бону Лоҳутӣ, А. Лоҳутӣ ва А.А. Стариков «Шоҳнома. Аз оғози достон то достони Суҳроб» («Шахнаме. От начала поэмы до сказания о Сохрабе» (Том первый, 1957) ва ғайра аз ин қабиланд.

Адабиётшиноси тоҷик А. Самадов, ки таҳқиқоти зиёде дар мавриди тарҷумаҳои русии «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ анҷом додааст, чунин ибрози андеша намудааст: «Дар тули даҳсолаҳои қарни гузашта Иттиҳоди Шуравӣ дар соҳаи тарҷума чунон таҷрибаи зиёд ва муваффақиятҳои назаррасе ба даст овард, ки назирашро дар ягон мамлакати ҷаҳон мушоҳида карда намешуд» [141, с. 73].

Аҳли илму адаб дар замони шуравии солҳои 50-80-уми асри XX ба гузаштаи фарҳанг ва адабиёти ғании худ шавқу ҳаваси зиёд дошта, онро бо тарзу усулҳои нав пажуҳиш намуданд. Муҳаққиқон ва адабиётшиносони шуравӣ бо назари тозаи шуравӣ дар таҳқиқ ва пажуҳиши осори намояндагони адабиёти классикии тоҷик хизмати барҷаста намудаанд.

Ҷиҳатҳои илмӣ ва таҳлилҳои амиқи тарҷумаҳои бадеии солҳои 50-80-уми асри XX дар Тоҷикистон аз дигар марҳалаҳои таърихӣ ба маротиб фарқ доранд, зеро бар пояи онҳо пажуҳишҳои минбаъда низ анҷом меёбанд.

Таҳқиқ ва баррасии боби аввали диссертатсия, ки дар он заминаҳои иҷтимоӣ ва сиёсии солҳои 50-80-уми асри XX мавриди арзёбӣ қарор гирифт, нишон медиҳад, ки дар тағйир ёфтани тафаккури иҷтимоии Тоҷикистон омилҳои сиёсӣ, маънавӣ ва фарҳангие мавҷуд будаанд, ки онҳо боиси ташаккулу таҳаввули назарраси зеҳниву фарҳангии ҷомеа гардида, дар бедории шуури мардум ва огоҳ намудани ҷомеа аз осори ниёгон, аз ҷумла, Абулқосим Фирдавсӣ нақши хосса гузоштаанд. Инкишофи фирдавсишиносӣ дар замони шуравӣ маҳз тахти таҳқиқоти илмӣ, тарҷумаҳо ва баргузории ҳамоишҳои гуногун бахшида ба бузургдошти Абулқосим Фирдавсӣ ба вуҷуд омадааст.

Муҳаққиқон ва мутарҷимони шуравии солҳои 50-80-уми асри XX таҳқиқоти илмӣ ва асарҳои тарҷумавии «Шоҳнома» ба забонҳои гуногуни шуравиро ба вуҷуд оварда, адибон аз осори Абулқосим Фирдавсӣ ва «Шоҳнома»-и ӯ низ таъсир пазируфтаанд. Пажуҳиш ва тарҷумаҳои ин даврана танҳо заминаи самти *фирдавсишиносӣ дар Тоҷикистон* қавӣ нигоҳ доштанд, балки онҳо афкори ҷомеаи шуравӣ ва маънавиёти халқро ба маротиб дигаргун сохтаанд.

Баррасии масъалаҳои фаслҳои фавқ моро ба чунин хулосаҳо овард:

Аввалан, Абулқосим Фирдавсӣ бо «Шоҳнома»-и худ дар ҳар давру замон, бахусус, дар замони шуравӣ ҷойгоҳи вижа дорад. Дар адабиётшиносии тоҷик омӯзиши «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ самти ҷудогона зери унвони фирдавсишиносӣ ба вуҷуд овардааст.

Дуюм, дар замони шуравӣ нашри мукаммали «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ ба миён омадааст. Дар замони шуравӣ, хосса, солҳои 50-80-уми асри гузашта «Шоҳнома»-и нӯҳҷилда ду маротиба, луғати мукаммал, тарҷумаҳо ва корҳои илмӣ анҷом ёфтаанд.

Сеюм, рушди фирдавсишиносӣ дар Тоҷикистон дар ду самти алоҳида, яъне тарҷума ва таҳқиқ ба назар мерасад.

Хулоса, дар диссертатсия омилҳои муҳимми самти фирдавсишиносӣ, ба мисли заминаҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ ва таъсири онҳо дар ташаккули афкори адабии тоҷик, нашри «Шоҳнома» ва таъсири он дар ҷомеаи тоҷик ва саҳми муҳаққиқону мутарҷимони шуравӣ дар рушди фирдавсишиносии солҳои 50-80-уми асри XX мавриди пажуҳиш қарор ёфта, дарунмояи афкору андешаҳои Абулқосим Фирдавсӣ мушаххас гардидаанд. Таҳлилҳои дар боби мазкур анҷомгирифта собит месозанд, ки таҳқиқи ҳаёти Абулқосим Фирдавсӣ ва «Шоҳнома»-ӯ дар замони шуравии солҳои 50-80-уми асри XX таҳқиқи тоза ба ҳисоб рафта, ташаккул ва таҳаввули самти фирдавсишиносиро муайян мекунад.

Ҳамчунин, таҳқиқи фирдавсишиносӣ чеҳраи воқеии шоир, таъсири афкору андешаҳои ӯ дар ҳифзи манфиатҳои миллӣ ва рушди шуури ҷомеаи шуравӣ муайян мекунад.

## БОБИ II. ФИРДАВСИШИНОСӢ ВА АДАБИЁТИ МУОСИРИ ТОҶИК (солҳои 50-80-уми асри XX)

Дар адабиёти муосири тоҷик масъалаҳои зиёд мушоҳида мешаванд, аммо то ҳол таҳқиқи комили онҳо вуҷуд надорад. Пурра татбиқу таҳқиқ шудани таъсири адабиёти классикии форсии тоҷикӣ ба адабиёти муосири тоҷик яке аз масъалаҳои мубрами адабиётшиносии тоҷик ба ҳисоб меравад. Воқеан, намояндагони адабиёти муосири тоҷик ҳарчанд дар муҳити ягонаи умумииттифоқӣ фаъолият намудаанд, аммо онҳо пайваста ба адабиёти классикии форсии тоҷикӣ арҷ гузошта, дар пайравии осори шоирони гузашта осорашонро таълиф менамуданд. Аз ин рӯ, метавон қайд кард, ки истифодаи афкори Абулқосим Фирдавсӣ ва «Шоҳнома»-и ӯ дар асарҳои манзум ва мансури замони шуравии тоҷик як самти муҳимми фирдавсишиносӣ маҳсуб шуда, дорои вижагиҳои хосси худ мебошад. Дар ин замина дар адабиётшиносии тоҷик таҳқиқи масоили марбут ба таъсири афкори классикон дар назму насри муосир мавқеъ ва нақши назаррас дорад.

### 2.1. «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ ва насри муосири тоҷик (солҳои 50-80-уми асри XX)

Дар замони нав барои ташаккул ва таҳаввули бештари насри адабиёти шуравӣ С. Айнӣ замина гузошта, минбаъд С. Улуғзода, Ҷ. Икромӣ, Р. Ҷалил, Ф. Муҳаммадиев, Ф. Ниёзӣ ва дигарон онро рушд додаанд.

Муҳаққиқон ва адибони ватаниву хориҷӣ насрро бештар ба адабиёти муосир ва маъмулан ба адабиёти даврони шуравӣ алоқаманд мекунанд, ки дар ин бора адиби тоҷик А. Шукӯҳӣ чунин қайд мекунад: «Наср дар адабиёти тоҷик хеле аз қадим мавҷуд бошад ҳам, он чун жанри муҳим фақат баъди Револютсияи Октябр ба шарофати асарҳои устод Айнӣ мустақил шуда, тараққӣ кард» [171, с. 44].

Нависандагони тоҷик пайваста дар офаридани шоҳкориҳои азими худ аз жанрҳои гуногуни мансур, чун ҳикоя, достон, роман, номаву мукотибот ва ғайра истифода намудаанд. Дар заминаи ин муҳаққиқи тоҷик М. Раҷабӣ чунин нуқтаи назар баён намудааст: «Андаруни ҳикояву очерки тоҷик фаровон истифода гардидани номаву мукотиба ба анъанаҳои устувори адабиёти классикии форсу тоҷик ва дигар халқҳои Шарқ низ вобастагие дорад. Дар баъзе достонҳои «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ, дар достонҳои Низомӣ «Лайлӣ ва Маҷнун», «Ҳафт пайкар», «Искандарнома», дар достони Алишери Навоӣ «Фарҳоду Ширин», дар «Лайлӣ ва Маҷнун»-и Абдураҳмони Ҷомӣ ва дигар «Лайлӣ ва Маҷнун»-ҳо номаву мукотиба истифода шудааст. Дар адабиёти классикӣ баъзе хусусиятҳо бо тақозои замон якбора мавриди таваҷҷуҳи махсус қарор гирифта ва аз нав эҳё шуд» [136, с. 31].

Дар адабиёти муосири тоҷик вижагиҳои зиёди классикӣ истифода шуда, мувофиқ ба вазъи сиёсиву иҷтимоӣ дар эҷодиёти шоирону нависандагон таҷассум ёфтаанд. Сабаби тағйир додани навъ ва шакли онҳо маҳз бо тақозои замон вобастагӣ доштааст. Масалан, дар роҳандозӣ намудани ғояҳои волои «Шоҳнома», аз қабили ватандӯстӣ, ягонагӣ, муттаҳидӣ, инсондӯстӣ ва амсоли инҳо дар ҷомеаи шуравӣ аҳли адаб хидматҳои арзишманд намудаанд. Нависандагон ва адибони шуравӣ тағйир додани адабиёти муосири тоҷикро «инқилоби адабӣ» номида, ба он пайваста аҳаммияти ҷиддӣ медоданд.

Адиби тоҷик А. Шукӯҳӣ, ки дар баробари офаридани асарҳои баландмазмун ба таҳлил намудани вижагиҳои адабиёти шуравии тоҷик низ машғул будааст, чунин иброз доштааст: «Замони шуравӣ инқилоби адабиро ба вуҷуд овард ва дар рафти он тағйироти зиёди нав низ ба назар мерасанд. Дар насри мо ана ҳамин тағйиротҳо, дигаргуниҳои азим инъикос ёфта истодаанд. Роману повестҳои нависандагони маъруфи мо Ҷалол Икромӣ, Сотим Улуғзода, Раҳим Ҷалил, Фотеҳ Ниёзӣ, асарҳои Абдусалом Деҳотӣ, Ҳаким Карим ва Толис дар қатори китобҳои устод

Айнӣ хазинаи адабиёти шуравиро бой карданд, насри имрӯзаи тоҷикро ба вуҷуд оварданд» [171, с. 44].

Тағйирот дар адабиёти муосири тоҷик ва ба вуҷуд омадани «инқилоби адабӣ» дар замони шуравӣ агар аз як ҷониб ворид шудани нуктаҳои нав дар эҷодиёти адибони муосири тоҷик бошад, аз ҷониби дигар пояи адабиёти классикӣ нигоҳ дошта шуд. Ҳамин аст, ки дар адабиёти муосири тоҷик таъсири афкору анддешаҳои Абулқосим Фирдавсӣ зиёд ба мушоҳида мерасад. Ғояҳои «Шоҳнома» дар насри адабиёти муосири тоҷик нахустин маротиба аз ҷониби Садриддин Айнӣ истифода шудаанд.

Садриддин Айнӣ (1878-1954) ҳамчун сардафтари адабиёти муосири тоҷик тавонистааст, ки аз осори ниёгони хеш таъсир пазирад. Ҳадафи дар боби мазкур ҷой додани Садриддин Айниро маҳз осори мансури ӯ ташкил медиҳанд, ки ҳарчанд онҳоро муаллиф солҳои 30-40-ми асри XX офаридааст, аммо шакли пурраи асарҳои ӯ бештар солҳои 50 ва 60-уми асри гузашта ба табъ расидаанд. Бавижа, нашри асарҳои «Ғуломон» (1953), «Ёддоштҳо» (1950), «Марги судхӯр» (1953), «Таърихи Инқилоби Бухоро» (1987) маҳз ба солҳои 50 ва 60-ми асри XX рабт доранд.

Дарвоқеъ, Садриддин Айнӣ дар офаридани осори худ аз шоирони классикии форсии тоҷикӣ, бахусус, Абулқосим Фирдавсӣ таъсир пазируфта, афкору андешаҳои адабӣ-эстетикиашро истифода намудааст. Аз ин рӯ, тавассути чунин ибтикору тадбирҳо на танҳо ба фирдавсишиносӣ бунёд гузоштааст, балки ҳакими суханро ба ҷомеаи шуравӣ муаррифӣ намудааст. Роҷеъ ба хусусият ва дастовардҳои Садриддин Айнӣ дар фирдавсишиносӣ адабиётшиносони тоҷик А. Мирзоев, Ш. Ҳусейзода, М. Шукуров, Р. Ҳодизода, Х. Отахонова, Х. Шарифов, М. Муллоаҳмадов, А. Сатторзода, А. Набавӣ, Г. Шозиёева ва дигарон ибрози назар намудаанд.

Садриддин Айнӣ дар мақолаи илмии «Аскари сурх ва сиёсати Шарқ» мамолики Шарқ, ба мисли Миср, Арабистон, Эрон, Ҳиндустон ва

дигар кишварҳоро ба муттаҳидӣ даъват менамояд. Ҳадафи нависанда сарҷамъ намудани халқҳои Шарқ мебошад, то тарафи муқобил, чун Фарангистону Турк набояд ин сарзаминҳоро ба нестӣ баранд. Нависанда дар ин хусус чунин нигоштааст: «Эй ононе, ки аз даъват ва ҳиммати ҳукуматҳои сарватдор, билхосса, аз кибриё ва ҷабарути англисони ғаддор заъфро ба худ медиҳед, яқин донед» [17, с. 135].

Ба ҳамин маънӣ, чунин байтро аз «Шоҳнома» далел овардааст:

Париву паланг анҷуман карду шер,

Зи даррандагон гургу бабри далер [17, с. 135].

Дар қисмати «Деви ҳафтсар»-и Садриддин Айнӣ масъалаҳои сиёсӣ-иҷтимоӣ зикр шудаанд. Нависанда дар қисмати мазкур чунин назар дорад: «Ҷангали Мозандарон ба Рустами Дастон нигоҳ мекард. Рустами Дастон вақте ки ба заминаш ҳуҷум кардани Деви ҳафтсарро шунид, як наъра кашид. Рахш овози ӯро шунида, даррав ба пеши ӯ ҳозир шуд. Рустами Дастон ба Рахши барқҷавлони худ савор шуда, ба муқобили Деви ҳафтсар ба майдон баромад. Рустами Дастон ҳар гуна ҳамлаи Деви ҳафтсарро ба худи ӯ мегардонд ва бо гурзи албурзмонанди худ ба ҳар кадом сари ӯ, ки рост ояд, мекӯфт, бо шамшер гарданҳои ӯро мезад, бо ханҷар синаи ӯро чок мекард, бо найза шиками ӯро медаронд ва бо тир сар то пойи бадани ӯро ғалбермонанд сӯрох-сӯрох мекард» [17, с. 354].

Садриддин Айнӣ тасвири муассирро маҳз аз достони «Лашкар оростани турониён ва эрониён»-и «Шоҳнома» овардааст:

Бипӯшид Рустам силоҳи набард,

Ба овардгаҳ рафт бо дору бард.

Зиреҳ зер буд, ҷавшан андар миён,

Ба боло бипӯшид бабри баён [4, с. 155].

Ҳамин тавр, Садриддин Айнӣ набарди Рустами Дастон ва Деви ҳафтсарро бо мушаххасоти ҷангӣ ва ҳарбияшон баён карда, ғалабаи Рустамро бар Деви ҳафтсар чунин қайд кардааст: «Рустами Дастон дар ин сафари худ то кӯҳи Қоф рафт, он кӯҳро аз авлоди Деви ҳафтсар пок

кард ва ҳокимияти он ҷоро ба авлоди одамони кӯҳи қофӣ, ки Деви ҳафтсар дар аввали хурӯҷи худ падарони онҳоро кушта хӯрда буд, ба мамлакати худ бозгашт ва ба муроду мақсади худ расид» [17, с. 354].

Абулқосим Фирдавсӣ дар достони «Куштани Рустам пили сафедро», ки Рустам барои куштани пили сафед ба кӯҳи Сипанд рафтааст, чунин андешаронӣ намудааст:

Чу бишнид Рустам, баророст кор,
Бар он сон, ки буд дархури корзор.
Ба бори намак-дар ниҳон кард гурз,
Барафрохта паҳлавон ёлу бурз [1, с. 389].

Садриддин Айнӣ дар тасвири худ «*деви ҳафтсар*»-ро фашизм ва «*Рустами Дастон*»-ро ба артиши шуравӣ («Армияи Сурх») шабоҳат додааст. Ин маълумотро нависанда баъдтар ба қалам додааст, ки барои хонанда ҷолибтар гардад ва чунин нуктаҳои васею равшан навиштааст: «Деви ҳафтсар – фашизм ба зарбаҳои Рустами Дастон – Армияи Сурх тоб наёварда аз ҳол рафта суст шуда истодааст ва одамҳое ҳам, ки ӯ фурӯ бурда буд – чеххо, словакҳо, полякҳо, грекҳо ва дигарҳо аз шиками даридаи ӯ баромада, дубора зинда шуда ва ба шакли партизанҳо ба танаи Деви ҳафтсар – фашизм ҳуҷум оварда истодаанд» [17, с. 355].

Ба ҳамин шакл мавзуи мазкур дар «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ бисёр таҷассум гардидааст. Абулқосим Фирдавсӣ «Деви ҳафтсар»-ро рақиб ва «Рустами достон»-ро муҳофизону размандагони кишвари худ ҳисобидааст:

Пас аз Гургсорону ҷанговарон
В-аз он *наррадевони Мозандарон*
Бипурсид бисёру тимор х(в)ард,
Сипаҳбад ҳама як ба як ёд кард [1, с. 313].

Қисмати «Деви ҳафтсар» ҳарчанд дар давоми Ҷанги Бузурги Ватанӣ таълиф шудааст, аммо таъсири он дар ҷомеа пас аз ҷанг ва ҳатто то замони мо низ ба назар мерасад. Ҳамчунин, дар «Ёддоштҳо»

Садриддин Айнӣ достони «Ширбадан»-ро дорад, ки бо ишорати худашон аз сабаби зиёд мутолиа кардани «Шоҳнома» ва достони мазкурро бар вазни он навиштааст:

Шуда ҷашн барпо ба наврӯзгоҳ,
Ба як Ширбадан ном маъвои шоҳ.
Равон гашта мардум ҳазорон-ҳазор
Ба он ҷашн, масрур ёрон ба ёр [17, с. 292].

Ҳарчанд Садриддин Айнӣ достони «Ширбадан»-ро дар вазни «Шоҳнома» офаридааст, вожаҳои асари безавол, чун *бух*, *ҳузабр*, *ситабр* ва ғайра низ истифода шудаанд:

Пас он гоҳ ду руси бисёр шӯх,
Сухан карда оғоз бо номи *бух*.
Намуданд бо ҳазл гуфтушунуд,
Забоншон ба ман лек равшан набуд.
Дигар паҳлавоне ба сони *ҳузабр*,
Сару синаву дасту поҳо *ситабр*
Баромад, ду-се санги вазнин зи ҷо
Ба сар бурду гардонду зад зери по [17, с. 292].

Истифодаи вожаҳои аслӣ (классикӣ), ки дар «Шоҳнома» мавҷуданд, гувоҳи ҳифз ва арҷгузории Садриддин Айнӣ ба ниёгони худ мебошад. Муаллиф тавонистааст, мазмуну моҳияти замони навро дар алоқамандӣ бо урфу одат ва анъанаҳои ниёгон ба пуррагӣ шарҳ диҳад.

Маълум аст, ки «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ асари тарҷумаҳолӣ буда, марҳилаҳои ҳаёти ӯро таҷассум мекунад. Дар қисмати аввали «Ёддоштҳо» зери унвони «Дев ва аждаҳо» нависанда аз Абулқосим Фирдавсӣ таъсири амиқ бардоштааст, зеро дар «Шоҳнома» ин гуна тасвирҳои асотирӣ (мифологӣ) басо зиёданд:

Ҳаме гуфт: «Агар аждаҳои дижам
Биёяд, ки гетӣ бисӯзад ба дам,
Чу Кобулситонро бихоҳад бисуд,

Нахустин сари ман бибояд дуруд [1, с. 318].

Ба андешаи Абулқосим Фирдавсӣ мавҷудияти одами бадкину бадрафтор (аждаҳои дижам) боиси ба нестӣ бурдани оламу одам (бисӯзад ба дам) мегардад.

Садриддин Айнӣ дар заминаи афкори Абулқосим Фирдавсӣ чунин навиштааст: «Умуман дар Соктаре, ки деҳаи «девбандон» ва «дуохонон» будааст, афсонаҳои дев, ҷин ва аждаҳо бисёр буд... Агар дар рафтуомади аждаҳо касе ба вай вохӯрад, он касро зинда ба зинда фурӯ мебарад. Аждаҳо танҳо аз шамол метарсад ва ҳар вақт ки шамол хест, ӯ ба нолиш медарояд» [17, с. 69].

Маълум мегардад, ки новобаста аз ташаккул ёфтани зеҳн ва ҷаҳонбинии халқи тоҷик ақидаҳои асотирӣ ҳанӯз дар байни мардум вуҷуд дошта, дар адабиёти муосири тоҷик ҳам истифода гардидаанд.

«Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ аз давраи асотирӣ шурӯъ шуда, воқеаҳои онро ба сурати барҷаста нишон додааст:

Бизад чанг воруна *деви сиёҳ*,

Дуто андаровард болои шоҳ.

Фиканд он тани шоҳбачча ба хок,

Ба чангол кардаш ҷигаргоҳ чок [1, с. 47].

Маълум мегардад, ки шоир дар «Шоҳнома» ҳамеша симои қаҳрамононро новобаста аз ҳар гуна рақиби бадсиришту бадкеш болотар ва ҷасуртар нишон додааст. Ҳарчанд «*Бизад чанг воруна деви сиёҳ*» ва «*дуто андаровард болои шоҳ*» рӯ ба рӯ гардидани қаҳрамонони асар онҳо ба пой хеста, то рехтани охирин қатраи хун меразмиданд.

Вобаста ба масъалаи мазкур Садриддин Айнӣ асари дигари худро бо номи «Қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик» таълиф намудааст, ки дар ҷараёни таълифи он низ муаллиф аз «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ таъсир пазируфтааст.

Роҷеъ ба қаҳрамонии Темурмалик нависанда суханҳои омӯзанда баён карда, дар ин асар чунин навиштааст: «Темурмалик дар рӯзҳое, ки

дар сохтани қалъа ва киштиҳо машғулӣ мекард, барои расондани ҷавонони ҷанговар ҳам тайёрӣ медид» [14, с. 37].

Нависанда ҷавононро тавассути қаҳрамони асари худ Темурмалик ба сарҷамъӣ ва иттиҳод раҳнамоӣ намуда, байтҳои зеринро аз «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ далел овардааст:

Пароканда лашкар наёяд ба кор,
Дусад марди ҷангӣ беҳ аз сад ҳазор [18, с. 37].

Пайравӣ намудани Садриддин Айнӣ ба Абулқосим Фирдавсӣ дар асари «Қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик» ба назар мерасад ва дар боби «Ҳуҷуми чингизиён ба Хуҷанд ва ҷанг бар болои ин шаҳр», «Фил ва тилисм» чунин тасвир намудааст: «Вақте ки Улуқнӯён ба канори оби Хуҷанд – дарёи Сир расида, барои худ гузаргоҳ меҷуст, он шаш киштӣ ба канор наздик омада, душманро дар зери тирборон гирифтанд. Тирҳои пӯлодпайкони синашикоф аз камонҳои ҷавонони тоҷики қодирандоз ҷаста, аз даричаҳои киштӣ баромада, монанди уқобони тезнохун, аммо бо суръати барқ дар ҳаво парвоз мекарданд, ки бехато ба сина, шикам ва рӯю чашми муғулон зада чок-чок мегардонданд» [18, с. 40].

Ҳарчанд Садриддин Айнӣ ҷасорат ва матонати ҷанговаронро ба доираи фаҳму дарки инсони замонаш созгор намуда, ба гунаи дигар шарҳ дода бошад ҳам, ба мазмуни «Шоҳнома» монанд аст. Абулқосим Фирдавсӣ ба ҳамин маъно чунин матолибро ба риштаи назм кашидааст:

Чу аз кӯҳ берун кашад лашкараш,
Яке тирборон кунам бар сараш.
Чу девор гирд андароремашон,
Чу шери жиён ҷон бароремашон [5, с. 42].

Садриддин Айнӣ дар пайравии Абулқосим Фирдавсӣ иқдоми наҷиб ва омӯзанда нишон додааст, ки то ҳанӯз аҳаммияти баланди илмиву адабӣ доранд. Абулқосим Фирдавсӣ барои халос кардани лашкари сарзамини худ аз даҳони шери жиён онҳоро аз кӯҳ берун месозад.

Чунин ҳолатҳо дар «Шоҳнома» хеле зиёданд ва шоир онҳоро фақат бо муҳорибаву муборизаҳои сахттарин бар муқобили душман месанҷад. Ҳадафи шоир танҳо ғалабаи некӣ бар бадӣ аст.

«Шоҳнома» барои нависандагони муосир намунаи эҷод ва таълифи афкору андешаҳои волоанд. Ҷалол Икромӣ (1909-1993) аз зумраи намояндагони маъруфи адабиёти муосир маҳсуб ёфта, дар баёни андешаҳои пурмазмун дар эҷодиёташ аз «Шоҳнома» фаровон истифода намудааст. Ҳарчанд ӯ эҷодиёташро аз солҳои 20-30-юми асри XX шуруъ карда бошад ҳам, солҳои 50-80-уми асри XX айни камолоти эҷодии нависанда ба ҳисоб мерафт. Дар ин муддат ӯ як қатор асарҳои бадеӣ, ки ҳикоя, достон, қисса ва дигар анвои насриро дар бар мегирифтанд, эҷод намудааст. Аз ҷумла, асарҳои «Шодӣ» (1940-1951), «Ман гунаҳкорам» (1957), «Тори анкабут» (1957), «Гули бодом» (1960), «Духтари оташ» (1962), «Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро» (1965), «Тахти вожгун» (1974), «Зоғҳои бадмур» (1979), «Осори мунтахаб» (1986-1993) ва ғайра маҳсули қалами ӯ мебошанд.

Ҷалол Икромӣ дар ҷараёни эҷоди осораш аз таълифоти намояндагони адабиёти классикии форсии тоҷикӣ зиёд баҳра бардоштааст.

**«Духтари оташ»** яке аз бузургтарин романҳои замони шуравӣ ба ҳисоб рафта, нависанда кӯшиш намудааст, ки дар тақвияти фикраш аз «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ мисолҳо оварад. Нависанда кӯшидааст, ки тавассути бозтоби бадеии сарнавишти қаҳрамонони романи худ насли минбаъдаро тарбия кунад. Дар романи «Духтари оташ» дар ҷойе чунин зикр кардааст: «–Рост мегӯед, Акамахсум, – гуфт Қорӣ Абдулваҳҳоб, – ин ҳамин тавр аст. Лекин ба гумони ман, қоидаи дунёест ин. Агар диққат кунед, дар Афлотун ҳам ҳамин хел будааст, дар давраи Рӯдакиву Фирдавсӣ, дар асри Низомии Ганҷавӣ, дар замони Мавлоно Ҷалолиддин Румӣ, дар асри Ҷомӣ ва Навоӣ ҳам ҳамин бадбахтиҳо, ҳамин ноҳаққиҳо, ҳамин гапҳо будааст ва ҳамаи он

бузургони гузашта аз асри худ, аз ҳамзамонони ноқобили худ нолидаанд. Ин дар замони мо ҳам ҳаст ва ба дараҷаи камолаш расидааст» [33, с. 190].

Чунон ки мебинем, нависанда аз забони персонажҳо низ номи бузургони фарҳангу адаби моро зикр мекунад ва бо ҳамин тартиб Фирдавсиро чун симои барҷастаи даврони таърихӣ нишон медиҳад.

**«Сафар-махсум дар Бухоро».** Нахуст нависанда бо ҳаммуаллифии Ҳабибулло Назаров романи ҳаҷвии «Саргузашти Сафар-махсум», баъдан худаш соли 1980 идомаи ин романро таҳти унвони «Сафар-махсум дар Бухоро» таълиф ва чоп намудааст. Нависанда дар романи мазкур ҳаёти солҳои 20-30-юми асри гузаштаро таҷассум намуда, кӯшиш намудаст, ки новобаста аз мушкилиҳои дохиливу берунаи сиёсиву иҷтимоӣ насли ҷавони шуравӣ, бахусус тоҷиконро ба омӯхтани осори ниёгони хеш роҳнамоӣ намояд. Дар ин бора нависанда дар романи «Сафар-махсум дар Бухоро» чунин андеша баён кардааст: «Албатта, иродаи Парвардигор аст. Лекин Парвардигор дар бӯстони даҳр иродаи худашро ба дасти кадуҳои бемағз супорида намемонад. Метарсам, ки рафта-рафта ҳамин одамҳо дунёро зеру забар мекунанду мегӯянд, ки қиёмат барпо шуд... Хайрият, дар дунё шоирҳо, файласуфҳо ва нависандагону арбобони сухан ҳастанд. Онҳо ба сухани тезу тунд, бо шеърҳои оташин, бо гуфтори пурмантиқи худ пеши дами корди хунхорҳоро гирифта меистанд» [38, с. 86].

Шикваи нависанда аз он нафаронест, ки солҳои 20-уми асри гузашта мардумро ба ҳар восита фиреб дода, зиндагӣ мекарданд. Дар ин росто, Ҷалол Икромӣ аз забони шоирону файласуфон ва бузургони гузашта нисбат ба амалу кирдори инсонҳои золиму бадхоҳ ибрози назар мекард. Сухани нишонраси шоирон ва бузургонро нависанда бо таъбири «дами корди хунхорҳоро гирифта меистанд» баён кардааст.

Дар идомаи сухан низ Ҷалол Икромӣ аз афкору андешаҳои Абулқосим Фирдавсӣ истифода намуда, барои исботи фикраш аз байтҳои шоир мисол меоварад:

Якеро дами аждаҳо сохтӣ,

Якеро ба абр-андар афрохтӣ.

Яке тоҷ бар сар ба болини ту,

Бад-ӯ шод гашта ҷаҳонбини ту [38, с. 87].

Ҷалол Икромӣ дар боби ҷавоб гуфтан ба шахсони разилу нодон ва золим дар мисоли ҳаҷвияи Абулқосим Фирдавсӣ ба Султон Маҳмуд чунин навиштааст: «Шоиру суханвари бузург... ҳатто бузург набошаду мисли ман шартакигӯй бошад ҳам, аз ҳеҷ кас наметарсад. Ана, Фирдавсии бузург ба Султон Маҳмуди Ғазнавӣ барин подшоҳи хунхор ҳамла кардааст» [34, с. 86].

Ҷиҳати пурра огоҳӣ ёфтани Ҷалол Икромӣ аз осори бузургон, хусусан, аз «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ нафарони золиму бадхоҳ ва бадкинаро ба Султон Маҳмуди Ғазнавӣ ташбеҳ дода, фикрашро бо байтҳои Абулқосим Фирдавсӣ собит кардааст:

Аё шоҳ Маҳмуди кишваркушой,

Зи кас гар натарсӣ, битарс аз Худой! [6, с. 86].

Ҳамчунин, нависанда «шоҳро аз тахти салтанат ба хоки мазаллат гирифта мезанад» ва мисраъҳои зерини Абулқосим Фирдавсиро овардааст:

Чу шоир биранҷад, бигӯяд ҳиҷо,

Бимонад ҳиҷо то қиёмат ба ҷо [38, с. 86].

Ҷалол Икромӣ суханони дар боло зикршударо нисбат ба қаҳрамони асараш Нор мегӯяд, аммо ӯ бехабар аз осори бузургон будааст. Адиб чунин навиштааст: «Барои Нор ин маълумот нав буд. Зеро ки Фирдавсиро нахонда ва аз ҳаҷвияи ӯ бехабар буд. Бинобар он, ҳайрон шуда пурсид: – Фирдавсиро шунида будаму медонистам «Шоҳнома» аз они вай аст, лекин аз ҳаҷвияи ӯ бехабар будам. Наход ки султон Маҳмуди Ғазнавӣ ҳамин тавр ҳақоратро шунида, гапе назада бошад?» [38, с. 86].

Ҳарчанд Ҷалол Икромӣ дар мавриди маълумоти пурра надоштан аз баъзе нуктаҳои «Шоҳнома» ошкоро сухан мегӯяд, вале ӯ тавонистааст суханони фаҳмо ва равонро дар асари худ баён кунад. Масалан, Зунун (қаҳрамони асари «Сафар-махсум дар Бухоро»-и Ҷалол Икромӣ) ҳам аз ин андешаҳое, ки ҳанӯз Абулқосим Фирдавсӣ ҳазорҳо сол қабл гуфтааст, дар ҳайрат афтода, мехост ба ҷойи шоир султонро нобуд созад. Ин манзараро Ҷалол Икромӣ чунин тасвир намудааст: «Барои чӣ? – гуфт Зунун бо табассум. – Агар ба дасташ меафтод, шоирро ба зери пойи фил мепартофт, лекин дасташ кӯтоҳӣ кард. Дӯстдорони шоир бисёрӣ карданд ва ӯро наҷот доданд. Ҳоло ин «кадуҳо»-и мо метарсанд, ки ба ҳамлаи шоир дучор шаванд, то қиёмат дар байни мардум расво мешаванд» [38, с. 87].

Ба ҳамин маъно, Ҷалол Икромӣ қаҳрамонони бадхоҳу разилро дар романи мазкур ба Султон Маҳмуди Ғазнавӣ монанд мекунад ва кӯшиш мекунад чун Абулқосим Фирдавсӣ онҳоро дар ҳар шакл ва ҳар вазъ тасвир кунад. Дар ин хусус Ҷалол Икромӣ чунин ибрози назар кардааст: «Агар ягон вайронкории беандоза карданӣ шаванд, пеш аз ҳама, шоирон ва суханваронро нест мекунанд ва баъд ба амали худ сар мекунанд. Лекин ту гуфтагӣ барин халқи Худо бисёр аст. Боз аз байни халқ шоирҳо мебароянд, боз пеши дами корди бадкирдорро медоранд» [38, с. 87].

Ҳадафи истифода ва таъсир пазируфтани Ҷалол Икромӣ аз асари безаволи Абулқосим Фирдавсӣ дар он буд, ки ӯ тарғибгари инсондӯстӣ, муҳофизати Ватан ва хоксорӣ будааст.

**«Ҳикояҳо ва очеркҳо»**-и Ҷалол Икромӣ соли 1960 ба нашр расидааст. Дар ин мазмун низ таъсирпазирии ӯ аз Абулқосим Фирдавсӣ ба мушоҳида расида, мазмуну муҳтавои тарбиявӣ-ахлоқӣ ва маънавӣ доранд. Ҷалол Икромӣ кӯшиш кардааст, ки ҳаёти воқеии шуравиро пурра омӯхта, чи гуна амал намудан ва пос доштани арзиши ниёгони хешро ба дигарон тарғиб намояд. Масалан, дар ҳикояи «Бухоро ҳарорат ва нур медиҳад» чунин иброз доштааст: «Аммо Бухоро дар соли арки

амирон ҳамин тавр менамуд. Ин манзараи зоҳирии он буд. Бухоро, ки як вақтҳо ба олам маданият ва илму ирфон паҳн мекард, ҳамеша торик ва бенур намондааст. Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Абуалӣ ибни Сино, Шайх Абулаббоси Фазл бинни Аббос, устод Мансур Аҳмади Дақиқӣ, Маънавии Бухороӣ, Камоли Бухороӣ, Шамсиддин Шоҳин, Шарифҷон-махдуми Садри Зиё, Садриддин Айнӣ барин садҳо бузургон, ходимони илму фанну санъату ҳунар дар ин шаҳр нашъунамо карда, аз ин шаҳр илҳом гирифтаанд» [39, с. 174].

Дар дарозои таърих Бухоро шаҳри илму фарҳанг ва адабиёт будааст. Дар ин муддат бузургон, ҳакимон, устодон ва мутаффакирон ба майдон омада, бо арзишмандтарин фикрҳои худ табаддулоту инқилобҳои зеҳнӣ-равонӣ, сиёсӣ-иҷтимоӣ ва маънавиро ба вуҷуд овардаанд.

Ҷалол Икромӣ дар ҳикояи «Даштҳо обод мешаванд» ободии Ватан ва инкишофи ҷаҳонбинии халқи тоҷикро дар замони шуравӣ ба қалам додааст. Дар ин ҷо нависанда аз сафари Ӯзбекистон ёд намуда, ба шаҳри зебоманзари Тошканд баҳои баланд додааст. Дар ин росто ӯ суханҳояшро бо бардошт аз Абулқосим Фирдавсӣ гуфтааст: «...Бале, мо ба Тошкент, ба пойтахти республикаи бародарии Ӯзбекистон наздик мешавем, Тошкент яке аз шаҳрҳои қадими Осиёи Миёна аст» [35, с. 187].

Андешаҳои фавқро бо байте аз «Шоҳнома» тақвият бахшидааст, ки Абулқосим Фирдавсӣ ин шаҳрро бо номи «Чоч» қайд кардааст:

Бимолид чочӣ – камонро ба даст,
Ба чарми гавазн андаровард шаст[2] [5, с. 79].

Хулоса, дар осори Ҷалол Икромӣ таъсирпазирии зиёд аз Абулқосим Фирдавсӣ бисёр ба назар мерасад, ки ба осори ӯ ғановати ҳунарию бадеӣ бахшидаанд.

[2] Нависанда байти мазкурро аз боби "Ҷанги Рустам бо Ашкбӯс"-и "Шоҳнома"-и Абулқосим Фирдавсӣ гирифтааст.

Раҳим Ҷалил аз зумраи адибони муосири тоҷик мебошад, ки ба осори шоирони классик такя намуда, матолиби хонданӣ ва таълифоти пурмазмун дорад. Дар адабиёти муосири тоҷик Раҳим Ҷалил (1909-1989) ҳамчун нависанда, тарҷумон ва драманависи тоҷик асарҳои мансури «Баҳор» (1950), «Ҳамида» (1961), «Шикасти тилисмот» (1964), «Шӯроб» (1967), «Асарҳо» (дар 4 ҷилд, 1967-1971), «Илҳом» (1973), «Духтари мармарин» (1975), «Одамони ҷовид» (1979), «Гардиши фалак» (1981), «Ҳикояҳо» (1984), «Куллиёт» (дар 3 ҷилд, 1988-1990) ва ғайраро боқӣ гузоштааст.

Асарҳои нависанда намунаи осори иҷтимоӣ, ёддоштӣ ва таърихии адабиёти шуравии тоҷик маҳсуб ёфта, хонандаро дар руҳияи ватандӯстию миллатпарварӣ ва инсондӯстӣ тарбия менамоянд.

**«Одамони ҷовид».** Дар романи «Одамони ҷовид»-и Раҳим Ҷалил мавзуъҳои маънавӣ, маърифатӣ ва ахлоқӣ, чун ватандӯстӣ, дӯстии халқҳо ва дигар масъалаҳои мубрам дарҷ гадидаанд.

Нависанда дар романи мазкур барои дар руҳияи ҷавонмардиву далерӣ тарбия намудани хонандаи худ аз андешаҳои Абулқосим Фирдавсӣ истифода намуда, чунин иброз доштааст: «–Тарсончак нашавед, Салимбой. Понздаҳтои инҳо як ҷувол сабӯсро ба хар бор карда натавониста, «вой аз дасти бекасӣ!» – гуфтаанду ин аз уҳдаи чӣ кор ҳам баромада метавонист? Як худам даҳтои ин ҳезалакҳоро каллапоча карда мемонам» [71, с. 82].

Барои дақиқ баён намудани фикри худ нависанда байтҳои зеринро аз «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ мисол овардааст:

К-аз обод кардан ҷаҳон шод кард,
Ҷаҳоне ба некӣ аз ӯ ёд кард.
Бад-он эзадӣ фарру ҷоҳи каён
Зи нахчиру гӯру гавазни жаён [1, с. 53].

Овардани байт аз «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ бар он мақсад будааст, ки нависанда халқҳои бародари шуравиро ба муттаҳидӣ

талқин намояд. Дарвоқеъ, самараи тифоқӣ ва ягонагӣ боиси анҷоми кори азим – «шери жаёнро бидаронанд пӯст» мебошад.

Ҷомеаи шуравиро низ иттифоқ ва якдилии халқҳои бародар пойбарҷо нигоҳ медошт. Дар ин замина тамоми халқҳои шуравӣ унвони «халқи шуравӣ» гирифтанд, ки Раҳим Ҷалил ба мисли чанде аз бузургони адабиёти ин аҳд ҳамчун ҷангноманавис ва нависандаи сулҳпарвар ва инсондӯст шинохта шудааст.

Ҷаҳонбинии васеи нависанда боиси эҷоди мазмуни баланд ва ҷиҳатҳои равонӣ, эстетикӣ ва адабӣ гардиданд. Қаҳрамонҳои эҷодиёти ӯ дорои хислатҳои мусбат, чун мардонагӣ, қавиirодагӣ, ҷасурӣ, дурандешӣ ва озодфикриро буда, мақому мартабаи нависандаро нишон медиҳанд.

Дар ҷойи дигари асар нависанда дар хусуси яке аз қаҳрамонҳои пуртаҷрибаи ҳаёт ва рӯзгордида чунин қайд кардааст: «-Мо ҳам ғанимат ҳастем. Дидаю донистаамонро мегӯем, ки ба гӯр набарем. Гуфтан даркор, ки аз даҳон ба даҳон гузараду аз авлод ба авлод. Набошад Фирдавсӣ «Шоҳнома»-ю Айнӣ «Дохунда»-ро чӣ тавр менавиштанд? Гап ба сари Шӯроби мо омада буду ногоҳ Фрунзе аз хӯроку пӯшоки ангиштканон, зисту зиндагии мо пурсида монданд» [71, с. 244].

Барои комилтар ва ҷолибтар гардидани фикр нависанда дар асар бештар аз санъатҳои адабии ташбеҳ, талмеҳ, киноя, маҷоз ва ғайра истифода бурдааст. Масалан, қаҳрамони асари худро ба Рустами Дастони «Шоҳнома» монанд кардааст: «Дуруст аст, ки ин кӯҳкани *таҳамтан* дар давоми ду моҳ кори чормоҳаро ҳам кард. Ӯ акнун дар дастони чу зарб, дар *китфони Рустамона*, ки ба ҳар кадом як одам баҳузур нишаста метавонад ва дар пайкари афсонавор бузург чи гуна як кувватИ фавқулоддаро ҳис менамуд» [71, с. 36].

Ҳамин тариқ, ҷолиб ва муҳим будани осори Раҳим Ҷалил маҳз дар бархӯрд ва таъсирпазирӣ аз осори ниёгон, хусусан, Абулқосим Фирдавсӣ ба мушоҳида мерасад.

Фотеҳ Ниёзӣ (1914-1991) низ аз зумраи нависандагони соҳибистеъдодест, ки эҷодиёташро солҳои 30-юми асри XX шурӯъ карда бошад ҳам, камоли эҷодии адиб солҳои 50-80-уми асри гузаштаро дар бар мегирад. Дар ин замина асарҳои таълифнамудаи ӯ «Вафо» (1949-1953), «Димаи диловар» (1957), «Ҳисса аз қиссаҳои ҷанг» (1962), «Одамон ва мулоқот» (1964), «Духтари ҳамсоя» (1954), «Ҳар беша гумон мабар, ки холист...» (1974), «Сарбозони бесилоҳ» (1978), «Дирӯз, имрӯз, фардо» (1964) ва ғайра ба ҳисоб мераванд.

Фотеҳ Ниёзӣ нависандаи ҷангноманавис буда, дар таълифи асари худ аз Абулқосим Фирдавсӣ таъсир бардоштааст. Масалан, дар романи «Вафо» нависанда чунин навиштааст: «Баъд аз гулдурросзании тӯпҳои мо пеши роҳи танкҳои душманро чангу ғубори дудомези ғафс фаро гирифта, *ба тира чу маст* пайдо шуд. Лаҳзае онҳо аз назар ғоиб мешуданду вале боз роҳи худро дигар карда, ба пеш зер карда меомаданд. Боз оташ, боз чангу хоки дудомез ҳаворо пур мекард» [60, с. 147].

Дар асари адиб вожаҳое чун гулдурросзанон, *ба тира чу маст, хоки дудомез пур кардани ҳаво ба* вожаҳои «Шоҳнома» чун *дудомез, чангу ғубор, ҳаворо пур мекард* ва ғайра шабоҳат доранд ва истифодаи силоҳу аслиҳа мутобиқи замон тасвир шудаанд.

Мубориза дар «Шоҳнома» чунин ба тасвир гирифта шудааст:

Ба тиру ба найза бишуд хаста шоҳ,

Нагун андаромад зи пушти сипоҳ,

Ҳаме гашт *бар хоки тира чу маст*,

Гурӯи Зиреҳ дасти ӯро бубаст [3, с. 96].

Романи «Вафо»-и Фотеҳ Ниёзӣ дар 2 ҷилд ба табъ расидааст. Дар он бештар масъалаҳои иҷтимоиву сиёсӣ матраҳ гардидаанд. Бавижа, нависанда тавассути қаҳрамононаш ба ҳамагон мазмунҳои осори классикии форсии тоҷикиро расонидааст. Масалан, нависанда аз номи

қаҳрамони асар Саркор байтеро аз «Шоҳнома» ба чунин шакл овардааст:

Тавоно бувад ҳар кӣ доно бувад,

Зи дониш дили пир барно бувад [60, с. 238].

Адибони дигаре низ ҳастанд, ки дар адабиёти муосири тоҷик хидматҳои зиёдро анҷом дода, аз «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ зиёд истифода бурдаанд. Ба ин радиф Фазлиддин Муҳаммадиев (1928-1986) дохил мешавад, ки асарҳои баландмазмунаш бо нигоҳ доштани арзишҳои маънавии ниёгон на танҳо дар миқёси Тоҷикистони шуравӣ, балки берун аз он ҷойгоҳи хоссаро ишғол намудаанд. Ӯ ҳамчун нависандаи ватандӯсту инсонгаро ва дақиқназар шинохта шудааст. Давраи эҷодии нависандаро бештар солҳои 50-80-уми асри гузашта фаро мегирад. Аз баррасии марҳилаҳои фаъолияти эҷодии нависанда маълум мегардад, ки ӯ кори эҷодиро бо навиштани ҳикоя шуруъ намуда, баъдтар очерку повест ва романҳои калонҳаҷму пурмазмун офаридааст.

Фазлиддин Муҳаммадиев асарҳои насрии «Муҳоҷир» (1958), «Таркише, ки ба амал наомад» (1960), «Одамони куҳна» (1963), «Бибизайнаб» (1964), «Дар он дунё» (1965), «Палатаи кунҷакӣ» (1974), «Шоҳии япон» (1982), «Варта» (1983), «Сози Мунаввар» (1989) ва дигар асарҳои ҷолибу гаронбаҳо офаридааст.

Эҷодиёти Фазлиддин Муҳаммадиев чи дар замони дар қайди ҳаёт будани ӯ ва чи пас аз он аз ҷониби аҳли адаб истиқбол шудааст. Мунаққид ва адабиётшинос С. Табаров ба осори нависанда баҳои баланд додааст: «Дар осори нависанда аксаран ҳамон ҷавҳари зиндагӣ ва арзишҳои гузашта асоси мавзуъро ташкил мекунанд, ки онҳоро худи нависанда бевосита дида, мушоҳида карда, дар бораи онҳо тасаввуроти муайяни худро дорад ва ба онҳо баланд баҳо дода мешавад» [145, с. 144].

Воқеан, зимни дақиқ таҳлил кардани асарҳои Фазлиддин Муҳаммадиев мо метавонем аз ҳаёти иҷтимоии замони шуравӣ воқиф гардем. Халқи меҳнаткаши тоҷик бо истифода аз имконияту шароитҳои

гуногуни худ кӯшиш ба харҷ додааст, ки аз фарҳангу маданияти беш аз ҳазорсолаи худ сабақ омӯзад. Чунин матолибро нависанда тавассути инъикоси амалу сарнавишти персонажҳои асарҳои худ баён намудааст.

**«Асарҳои мунтахаб»**-и Фазлиддин Муҳаммадиев аз 2 ҷилд иборат буда, қиссаву романҳои ғаноманди адибро фаро мегирад.

Дар қиссаи «Дар он дунё» нависанда суҳбатро дар меҳмонхонаи «Доруссалом» баён намудааст, ки дар он ҷо марди 32-солаи араби забондонро вомехӯрад, ки номаш Ҷӯрақорӣ будааст. Ин лаҳза ва лавҳаро нависанда чунин тасвир кардааст: «Ҳуҷҷатҳоятонро қайд мекардам, тоҷик буданатонро фаҳмида, хурсанд шудам. Аз мулоқот басо мамнунам. Камина мухлиси адабиёти форсӣ-тоҷикӣ ҳастам. Алалхусус Фирдавсиро дӯст медорам» [56, с. 158].

Фазлиддин Муҳаммадиев тавонист ҷойгоҳи ҷаҳонии Абулқосим Фирдавсиро ба ҳамагон нишон диҳад ва аз забони қаҳрамони асараш Ҷӯрақории араб, ки абётеро ҳам азёд медонистааст, овардааст:

Зи шири шутур хӯрдану сусмор
Арабро ба ҷое расидаст кор.
Ки тахти каёнро кунад орзу,
Туфу бар ту, эй чархи гардун, туфу [4, с. 231].

Воқеан, далелҳои таърихии дар «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ овардашударо қаҳрамони асари Фазлиддин Муҳаммадиев - Ҷӯрақории араб ҳамаҷониба дарк кардааст. Дар ин бора нависанда чунин зикр кардааст: «Аз таърихи ҳар чиз дар ёд доштам, ба кор андохта, гуфтам, ки шоири ватандӯст ба халқи араб кина ё адовате надошт. Боиси эътирози ӯро аз зулми халифаҳо ва он харобаю мусибатҳое бояд донист, ки лашкаркашони онвақтаи араб ба сари дигар кишварҳо меоваранд» [56, с. 158].

Ҳарчанд то ҳанӯз Абулқосим Фирдавсиро бо овардани ҳақиқати таърихӣ дар сарзамини турку араб эътироф накунанд ҳам, аммо

нафароне низ ҳастанд, ки ин воқеоти таърихиро дақиқ омӯхта, мусбат арзёбӣ менамоянд.

Дар ҷойи дигари асари мазкур нависанда порчаеро меорад, ки барои тарбияи насли ҷавони шуравӣ ва минбаъда басо муфид аст:

Ҳама лашкари мо ба ҳам бардарид,
Кас андар ҷаҳон ин шигифтӣ надид.
Дирафши маро дид бар як карон,
Ба зин-андар афканд гурзи гарон [56, с. 415].

Ҳамчунин, ҳадафи нависанда тавассути қаҳрамонони асараш Каримҷон-ака, ки ҳар рӯз ба мутолиаи «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ машғул будааст, мубориза баҳри Ватан ва ҳимоя кардани марзу буми он мебошад.

Нависанда омӯзиш ва дарки қаҳрамонони асарро кори саҳлу осон ҳисоб нанамуда, чунин навиштааст: «Дар воқеъ, мухлиси назм бошӣ, ки ҳангоми хонданаш гумон мекунӣ худи Рустам номварӣ ва аз шиддати изтироб нафасгир нашавӣ» [56, с. 416].

Дар тақвияти фикраш нависанда аз «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ чунин байтро овардааст:

Ҳар он кас, ки «Шоҳнома»-хонӣ кунад,
Агар зан бувад, қаҳрамонӣ кунад [56, с. 418].

Нависанда дар идомаи асараш аз шуҳратёб гардидани Абулқосим Фирдавсӣ ва «Шоҳнома»-и ӯ дар саросари ҷаҳон ёдовар шуда, бар ин назар аст: «Ҳамагон «Шоҳнома»-ро нахустдостони Шарқ мешуморанд. Осори шоирро дар саросари ҷаҳон ҳар гуна ном мебаранд, вале бештар он бо номи «номаи шоҳон» маълум аст» [56, с. 417].

Аз натиҷаҳои нависанда бармеояд, ки «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ дар замони шуравӣ низ бе маҳдудияти ҷуғрофӣ ва сохтори шуравӣ шуҳрат пайдо кардааст. Хонандаи шуравӣ тавонист ин асари безаволро чи ба забони аслӣ ва чи бо тарҷумаҳо мутолиа кунад.

Нависандаи равшанфикр Фазлиддин Муҳаммадиев саъю кӯшиш намудааст, ки Абулқосим Фирдавсӣ ва мақоми арзандаи «Шоҳнома»-и ӯро барҷаста нишон диҳад. Маҳз дақиқназариву мушоҳидакории адиб боиси ба қалам додани хурдтарин амал гардида, аз забони қаҳрамони асараш Каримҷон-ака чунин байтҳои Абулқосим Фирдавсиро овардааст:

Ду лашкар ба сони ду дарёи Чин,
Ту гуфтӣ, ки шуд ҷунб-ҷунбон замин.
Биёмад дамон Қорани размзан
В-аз он сӯй Гарсевази пилтан [56, с. 318].

Ҳамин тавр, нависанда чанд байти дигарро иқтибос кардааст, ки диққати хонандаи асар бештар гардад.

**«Варта»**. Асари мазкур соли 1987 таълиф гардида, нависанда онро ба қиссаҳои ҷудогонаи пурмазмун тақсим намудааст. Муаллиф дар асар аз номи намояндагони адабиёти классики форсии тоҷикӣ ва қаҳрамонони асарҳои онҳо нуктаҳои зиёдро баён намуда, андешаҳои худро асоснок намудааст.

Нависанда дар асар дар мисоли бозии шоҳмот аз Абулқосим Фирдавсӣ байтеро барои далел меоварад: «... Аскар мувофиқи вазъи тахтаи шоҳмот мисраъҳо, байтҳои вобаста ба ин ё он муҳраи шоҳмот гуфтаи Фирдавсӣ ва дигар шоирони классикро замзама мекард» [58, с. 418].

Байти овардашудаи нависанда аз «Шоҳнома» чунин аст:

Пиёда надидӣ, ки ҷанг оварад?
Сари саркашон зери санг оварад [58, с. 206].

Нависанда дигар мисраъҳоеро, ки ба талаботи замони шуравӣ мувофиқ будаанд, овардааст. Албатта, замони шуравӣ талаботи умумибашарӣ, баробарӣ ва инсондӯстиро дошт.

Дар ин замина метавон қайд кард, ки арзишҳои маънавӣ дар осори Фазлиддин Муҳаммадиев ҷойгоҳи баланд дошта, хонанда аз онҳо пайваста дарси тарбиявӣ мегирад.

**«Куллиёт»**. Ҳарчанд ин навъи асар танҳо ба як адиб тааллуқ дорад ва маҷмуи осори онҳоро дар бар мегирад, таълифоти Фазлиддин Муҳаммадиев низ дар шакли алоҳида таҳия ва чоп шудааст. «Куллиёт»-и Фазлиддин Муҳаммадиев аз ду ҷилд иборат буда, дар ҷилди дуюми он, хусусан, қиссаи «Дар он дунё» пос доштани адабиёти классикии форсии тоҷикӣ ва омӯхтани дурдонаҳоро дар замони шуравӣ мутобиқи замон медонад. Роҷеъ ба ин масъала чунин навиштааст: «Оре, хондани осори шоирони бузурги гузаштаро касе манъ накардааст, баръакс омӯхтани онҳо ба программаи (барномаи) таълими ҳатмӣ ҳам дохил шудааст» [58, с. 418].

Нависанда ба хотири бештар омӯхтани осори классикии форсии тоҷикӣ дар муассисаҳои миёна ва олии замони шуравӣ тарғиб намудааст, ки «девонҳо, куллиётҳои шоирон ва мутафаккирони гузаштаро ҳоло нашриётҳои боиқтидор ҳар дафъа ҳазорон-ҳазор нусха нашр мекунанд ва дар дӯконҳои китобфурӯшӣ ба забони бисёр миллатҳои мамлакат бо нархи арзон мефурӯшанд» [58, с. 238].

Андешаҳои баландарзиши Фазлиддин Муҳаммадиев ва дигар адибони замони шуравӣ сабаб гардиданд, ки «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ дар 9 ҷилд комилан нашр гардид.

Ҳамчунин нависанда бо нияти ҳифзи осори ниёгони худ бо овардани мубоҳисаи қаҳрамонони осори худ ин масъаларо чунин арзёбӣ намудааст: «– Ашъори Фирдавсӣ, Низомиву Бедил ва Саъдиву Навоӣ чизи нодаркор нест-ку» [58, с. 239].

Аз ин ҷо бармеояд, ки Фазлиддин Муҳаммадиев номи бузургонро ҳамеша дар madди аввал гузоштааст ва аз онҳо таъсир пазируфтааст.

Илова бар ин, нависанда аз забон, маданият ва таърихи худ ифтихор мекунад: «Забони модариам тоҷикист, забони Рӯдакӣ, ибни Сино, Ҳофиз, Камол, Фирдавсию Хайём аст ва ба он забон даҳҳо миллион мардум ҳарф мезананд. Ман аз ин фахр мекунам, лекин касе дар

ҳаққи ҳар як забони дигар бадгӯӣ кунад, бадтарини кофирҳо медонам» [58, с. 242].

Халқи тамаддунофар ва соҳибфарҳанг будани тоҷиконро халқҳои шуравӣ маҳз аз чунин асарҳо дарёфтанд. Нависанда ҳангоми зикр кардани номи шоирону мутафаккирони Шарқ аз онҳо ифтихор намуда, ҳушдор медиҳад, ки ҳамагон бояд нисбат ба бузургон эҳтироми хосса дошта бошанд.

Ба ҳамин сурат, нависанда барои омӯзанда ва пурмазмун будани осори ниёгон дар асарҳояш далелҳои зиёд оварда, дар тарғиб ва ташвиқи онҳо пайваста саъю кӯшиш намудааст.

**«Палатаи кунҷакӣ»**. Асари мазкур яке аз хонданитарин асарҳои Фазлиддин Муҳаммадиев ба ҳисоб рафта, дар он ҳаёти сиёсӣ ва иҷтимоии замони нависанда инъикос ёфтааст. Адиб барои комилтар гардидани асари мазкур аз «Шоҳнома» матолиби зиёдеро истифода намудааст. Масалан, қаҳрамони асар – Каримҷон-акаро, ки марди ҷасуру тавоно будааст, ба Рустами «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ монанд кардааст. Дар ин сурат «*гурзи гарони Рустам*»-ро дар дасти қаҳрамони худ дидааст: «Рустами Дастон паҳлавони соҳибқирон, – дасташро дар ҳаво алвонҷ дода мехонд. Каримҷон-ака – *гурзи гарони* ҳафт ҳазору ҳафтсаду ҳафтоду ҳафтманро бардошта, бар сари он габри баддину бадкеш чунон кӯбид, ки пайкари азимаш то ба миён бар замин фурӯ рафт ва равонаш ба ҷаҳаннам раҳсипор гардид» [57, с. 238].

Фазлиддин Муҳаммадиев чун дигар ҳамқаламони худ дар пайравии «Шоҳнома» аз мавзуи мубориза ва ҷанг истифода намуда, онҳоро ба замони худ мутобиқ кардааст.

Ҳамин тавр, Абулқосим Фирдавсӣ ва осори ӯ дар насри муосири тоҷик ҷойгоҳи махсус дошта, дар ҳалли мавзуъ ва масъалаҳои гуногуни иҷтимоӣ дар осори нависандагон мавриди истифода ва таъсирпазирӣ қарор гирифтааст.

## 2.2. «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ ва назми муосири тоҷик (солҳои 50-80-уми асри XX)

Осори манзуми замони шуравӣ дар баробари наср мақоми шоиста ва назаррас дошта, шоирони зиёдеро ба майдони адабиёт овардааст. Вобаста ба нуктаҳои мазкур адабиётшинос Ш. Ҳусейнзода чунин ибрози андеша кардааст: «Дар таърихи тараққии тафаккури бадеӣ шеъру шоирон мақоми махсус ишғол кардаанд. Шеъру шоирон дар ҳаёт ва таърихи халқи тоҷик ҳамеша лоиқи эҳтиром ва нуфузи фавқулоддае доштанд. Сухани шоирона ва хирадмандонаи шоирон дар миёни халқ ҳамеша муътабар ва қобили қабул шинохта шудааст» [160, с. 64].

Муҳаққиқони шуравӣ на танҳо ба теъдоди шеъри замони шуравӣ, балки ба сифату моҳияти онҳо низ диққати махсус зоҳир намудаанд. Дар иртибот ба ин «бузургони шеъру адаби форсӣ-тоҷикӣ касонеро, ки асарҳояшон аз маънию мазмунҳои бикр ва андешаҳои бадеъ ва шоирона бараҳна ва холӣ бошад, шоир нахондаанд, балки суханони онҳоро «назм» ва худашонро «нозим» шумориданд» [160, с. 66].

А. Лоҳутӣ, М. Турсунзода, М. Миршакар, А. Деҳотӣ, Л. Шералӣ, М. Қаноат, Б. Собир, Гулрухсор ва дигарон аз шоирони муосири тоҷик буда, аз ашъори намояндагони адабиёти классикии форсӣ-тоҷикӣ, бахусус, Абулқосим Фирдавсӣ фаровон истифода намудаанд.

Абулқосим Лоҳутӣ (1887-1957) дар рушду таҳаввули адабиёти муосири тоҷик саҳми назаррас дорад. Дар баробари пажуҳиш, тарҷумаи осори классикии форсии тоҷикӣ ва таълифи асарҳои насрӣ ӯ бештар ба таълифи осори манзум рӯ овардааст. Асарҳои манзуми ӯ «Шеърҳо ва достонҳо» (1986), «Шуъла ва шамшер» (1974), «Мунтахаби ашъор» (1978) буда, дар ин самт таълифоти дигар ҳам дорад. Дар асарҳои мазкур аз шоирон ва мутафаккирони бузурги ниёгони хеш, бавижа, Абулқосим Фирдавсӣ ва қаҳрамонҳои «Шоҳнома»-и ӯ ёд намудааст.

Осори манзуми Абулқосим Лоҳутӣ ҳама вақт дар маркази диққати муҳаққиқон ва донишмандони ватанӣ ва хориҷӣ будааст. Дар ин росто

адабиётшиноси тоҷик М. Шукуров чунин ибрози андеша намудааст: «Шеъри Лоҳутӣ шеъри классикона аст, шеъри олӣ, ба ниҳояти дараҷа табииву самимӣ ва софу беғубор мебошад, ки аз фикру ҳисси нави сотсиалистӣ қувваи азиме дарёфт кардааст» [165, с. 7].

Албатта, Абулқосим Лоҳутӣ идомадиҳандаи анъана ва шеъри классикӣ буда, ҷаззобият ва самимияти табиӣ дар эҷодиёти ӯ назаррас аст. Масалан, дар шеъри «Ба Тоҷикистон» шоир аз адабиёти классикӣ истифода намудааст. Дар робита бо ин масъала адиб дар шеър номи қаҳрамонҳои «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсиро истифода намудааст. Шоир боифтихор аз хам нагаштани сари халқи азияткашидаи худ ба шоҳони золиму разил, чун Искандару Заҳҳок чунин мегӯяд:

Бо вуҷуде, ки *хам накардӣ сар*,
*На ба Заҳҳоку не ба Искандар.*
Солҳо бо талошу бо мардӣ
Ҷангу ҷонбозию ҷадал кардӣ.
Ногаҳон шуъла аз шимол дамид,
*Шуълае сурху* то ба Шарқ расид [51, с. 117].

Ҳарчанд шеъри мазкур ба озодии Ватани маҳбуб – Тоҷикистони азиз бахшида шудааст, шоир хислатҳои манфури истибдодгаронро ба Заҳҳоку Искандар шабоҳат медиҳад. Ӯ ба мисли Абулқосим Фирдавсӣ ҳамеша ғалабаи некиро ба бадӣ воло152 дониста, шуълаи умедро «шуълаи сурх» (Инқилоби сурх – О.С.) номидааст.

Шеъри дигари Абулқосим Лоҳутӣ таҳти унвони «Сухани ёр ба ёр» низ бар зидди бедодгарони Ватан (он давра Иттиҳоди Шуравӣ – О.С.) таълиф шуда, рафтори манфии хунхоронро ба кирдорҳои Аҳриман ташбеҳ додааст:

Ба номуси ман тозад он Аҳриман,
Бирав гарданашро ба шамшер зан!
Бизан ончунонаш, ки беҷон шавад,
Зи ҷангу зи тозиш пушаймон шавад [51, с. 118].

Маълум мегардад, ки ин шоири ватандӯст ҳамагонро ба кандани решаи разилона ва аҳриманонаи душман даъват менамояд.

**Тоҷу байрақ.** Шеъри мазкури Абулқосим Лоҳутӣ нахустин маротиба солҳои 40-уми асри XX ба ҳуруфи лотинӣ, баъдтар шакли пурраи он соли 1952 ба ҳуруфи кириллӣ ба нашр мерасад. Ин асари ҷавобия ба Абулқосим Фирдавсӣ мебошад. Шоир онро бо порчае аз «Шоҳнома» шуруъ мекунад:

Аз он пас хурӯше баровард Гев,
Ки «Эй номдорону гурдони нев!
Ба пеши сипоҳ кушта шуд Ревниз,
Ки Ковусро буд ҷони азиз [51, с. 158].

Абулқосим Лоҳутӣ на танҳо вазну қофия, балки мазмуну муҳтавои байтҳои «Шоҳнома»-ро нигоҳ доштааст:

Шаб омад ба хона, нахӯрду нахуфт,
Чу модар сабаб ҷуст, бо ӯ бигуфт.
Ки «Модар, чӣ пурсӣ ту аз дарди ман,
Набинӣ магар чеҳраи зарди ман? [51, с. 158].

Ҳадафи шоири тавоно тайёр намудани қувваи хеш нисбат ба рақиб буда, пайваста барои ғолибият кӯшиш намудааст. Бинобар ин, қаҳрамони асари безавол – Гевро[3] мисол овардааст.

Мирзо Турсунзода (1911-1977) аз зумраи шоирони тавонои тоҷик буда, ашъораш аҳаммияти зиёди маърифатӣ, фарҳангӣ ва маданӣ доранд. Шоир тавассути шеърҳои баландмазмуни худ ҳамеша мардуми кишвари азизашро ба ватанпарварӣ, сулҳ ва дӯстӣ даъват намудааст.

Фаъолияти шоир аз солҳои 30-юми асри XX оғоз ёфта, солҳои 50 ва 60-ум ба қуллаи баланди худ расидааст. Асарҳое, ки солҳои 50-80-уми асри гузашта таълиф ёфтанд, «Асарҳои мунтахаб» (1955), «Чароғи абадӣ» (1958), «Ман аз Шарқи Озод» (1950), «Қиссаи Ҳиндустон» (1949-

[3] А. Лоҳутӣ ҳатто ба хотири яке аз қаҳрамонҳои далер ва ҷасури "Шоҳнома" – Гев, ки қаҳрамони писандидаи ӯ будааст, исми нахустфарзанди худро Гев мондааст.

1950), «Ҷони ширин» (1959), «Роҳи нури Офтоб» (1964), «Аз Ганг то Кремл» (1970), «Писари Ватан» (1950), «Ҳасани аробакаш» (1954) ва ғайра мебошанд.

Шеъри «Ганҷинаи сурудҳо»-и Мирзо Турсунзода аз ҷумлаи шеърҳои шоир мебошад, ки унвони шоирон ва қаҳрамонони ашъори онҳо дар он дарҷ гардиданд. Чунончи:

Чу Фирдавсӣ забони назм бикшод,
Ҷаҳон аз қудрати Рустам хабар дод.
Хулоса з-ин касон бисёр буданд,
Ҳама хушфикру хушгуфтор буданд [64, с. 55].

Шоир ашъори Абулқосим Фирдавсиро ганҷинаи сурудҳо, яъне кони назм номидааст. Ба ҳамин маъно назми Фирдавсиро хушгуфтору хушбаён маънидод кардааст.

Ҳамчунин шоир ба бузургии ниёгони худ чунин баҳо додааст:

Суруди Рӯдакӣ шуд зинда акнун,
Расида авҷи Фирдавсӣ ба гардун.
Барои Саъдиву Ҳофизи Шероз
Намуда тоҷикон оғӯши худ боз [64, с. 56].

Дар баробари ин достони «Писари Ватан» низ мазмуни тарбиявӣ дошта, ҷавононро дар руҳияи хештаншиносӣ ва хирадмандӣ ҳидоят мекунад. Байтҳои зер гувоҳи ин гуфтаҳоянд:

Падар мезад нишаста назди фарзанд
Варақ заррин китоби ҳикмату панд.
Ба ӯ мехонд дарси навҷавонӣ,
Саросар достони қаҳрамонӣ
Гаҳ аз Заҳҳоки морон достоне,
Гаҳе аз ҷанги Оҳангар баёне [64, с. 344].

Тасвири шоиронаи Мирзо Турсунзода дар шеъри мазкур дорои вижагиҳои хос буда, шоир ғолибият бар рақибонро аз дасти қаҳрамонони тоҷик чунин ба тасвир кашидааст:

Номаи таърихи дурахшони ту,
Пурзафар аст аз шарафу шони ту.
Лашкари Искандари овозадор,
Гашта буд аз зарбаи ту бемадор.
Кард ниҳон Коваи номуснок
Каллаи Заҳҳоки ситамгар ба хок [64, с. 345].

Шеъри «Суруди видоъ»-и Мирзо Турсунзода ба Ҷанги Бузурги Ватанӣ бахшида шуда, қаҳрамони он пеш аз рафтан ба ҷанг бо дигарон хайру видоъ намудааст:

Машав навмед, эй ҷононаи ман,
Ки мегардам ба зудӣ чун Таҳамтан.
Ватанро аз фашистон пок созем,
Ба мову ту халоиқ гӯяд аҳсан [64, с. 133].

Мирзо Турсунзода дар баробари эҷоди шеърҳои пурмазмун ва сермаҳсул ба таҳлили ҳаёти воқеӣ ва вазъи сиёсӣ-иҷтимоӣ диққати махсус дода, онҳоро таҳқиқ намудааст. Ӯ соли 1974 дар гузориши худ дар даҳаи адабиёт ва санъати тоҷик дар шаҳри Москва, ки таҳти унвони «Нутқ дар митинги зиддифашистии намояндагони халқҳои Осиёи Миёна» чоп шудааст, дар пайравии Абулқосим Фирдавсӣ чунин фикри ҷолиб баён намудааст, ки онро метавон нишони пайравӣ ба Абулқосим Фирдавсӣ донист:

Нахоҳам тани зинда бе ному нанг,
Битозам чу боди дамон сӯи ҷанг.
Кунам рӯи кишвар ҳама бесипоҳ,
Синонам гузар гирад аз чарху моҳ [64, с. 10].

Зимни ибрози андешаи худ Мирзо Турсунзода тавонист, ки халқи шуравиро ба ҷанги шадиди рақиб ва якдилона пос доштани фарҳанг, пешбурди маданият ва адабиёт даъват намуда, поймол гардидани арзишҳои маданӣ-маърифатиро паст кардани номус донистааст. Дар ин маврид адиб бар ин назар аст: «Фашистонро бераҳмона қир кунед, зеро

онҳо номуси занон ва хоҳаронатонро поймол карданд, онҳо мехоҳанд, ки қабри Рӯдакӣ, эҷодиёти олими машҳури тоҷик Абуалӣ Сино, саҳифаҳои достони Фирдавсии мо, шеърҳои Камоли Хуҷандӣ, асарҳои шоирони пуршаъну шарафамон Саъдӣ, Ҳофиз ва Ҷомиро ба тӯдаи хокистар табдил диҳанд» [150, с. 11].

Санадҳои таърихӣ шаҳодат медиҳанд, ки дар раванди мубориза бо аҷнабиён ва душманони миллат халқи тоҷик пайваста мубориза бурда, ҳадафи шоир аз андешаҳои фавқ тарғиб намудани мардум ба ҳимоя кардани марзу буми худ будааст.

Мирсаид Миршакар (1912-1993) аз шоирони шинохтаи адабиёти муосири тоҷик ба ҳисоб рафта, достону қисса ва шеърҳои гуногунмавзуъ ва гуногунмаъноро ба мерос мондааст. «Қишлоқи тиллоӣ» (1942-1952), «Панҷи ноором» (1950), «Дугонаҳо» (1961), «Дашти лаванд» (1961), «Ишқи духтари кӯҳсор» (1962), «Авроқи муҳаббат» (1975), «Исёни хирад» (1979), «Ишқ ва зиндагӣ» (1989) ва ғайра ба қалами шоир мансубанд.

Дар ҷараёни таҳқиқ, тарғиб ва пос доштани осори ниёгонро дар шеърҳову достонҳои бисёраш дарёфтем. Аз ҷумла, ин шоири ватандӯсту сулҳпарвар аз «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ бисёр таъсир пазируфтааст.

**Қишлоқи тиллоӣ.** Достони мазкурро шоир соли 1950 ба табъ расондааст. Достони мазкур пурра ба инъикоси вазъи иҷтимоии замони шоир, ки замони бародарии халқҳои гуногуни шуравӣ ва инсондӯстӣ будааст, бахшида шудааст. Шоир ба он замон баҳои баланд дода, дар достон номи қаҳрамонҳои осори адабии классикиро овардааст:

Қиссаи тозае намоям сар,
Кӯҳна шуд васфи Рустами достон.
Кӯҳна шуд достони Искандар.
Рӯзгори наву накӯи мо
Қиссаҳои наве намуд эҷод.
Ман бигӯям яке аз онҳоро,

Бишнаведу кунедаш ӯро ёд! [55, с. 46].

Шоир барои ёдоварӣ аз таърихи беш аз ҳазорсолаи ниёгон, достонҳои Рустами достон ва Искандарро «қиссаи кӯҳна» номида, барои «бишнаведу кунедаш ӯро ёд» ҳамеша сайъю кӯшиш намудааст.

**Исёни хирад.** Дар достони «Исёни хирад»-и Мирсаид Миршакар таъсирпазирӣ аз бузургони адабиёти форсӣ-тоҷикӣ, ба мисли Рӯдакиву Фирдавсӣ ва Носири Хусрав бештар дида мешавад:

Чашм пӯшонд аз ҷаҳони ситам,
Равшани талхком, чун Рустам,
Шоир аз сӯзи дил фиғон мекард,
Шиква аз дасти ин ҷаҳон мекард.
Мард буд, ӯ ки бо табассум мурд,
Чун падар аз барои мардум мурд [53, с. 28].

**Ишқ ва зиндагӣ.** Асари мазкури шоирро чанд қиссаву достон ташкил медиҳанд. Достони «Қатрае аз баҳр», ки онро шоир ба шарофати ҷашни пуршарафи 70-солагии Инқилоби Октябр таълиф намудааст, тарғибгари мавзуъҳои ватандӯстиву ҳувияти миллӣ мебошад.

Дар баробари ҷашни 70-солагии Инқилоби Октябр шоир аз таърихи ҳазорсолаи худ низ бо ифтихор сухан ба миён меоварад:

Ба чашми ҳақ назар кардему дидем,
Ки мо Темурмалик ҳастему Рустам.
Муқаннаъ мову Восеъему Кова,
Нашояд кард сар пеши ситам хам [54, с. 28].

Воқеан, шоир барои тамоми халқҳои шуравӣ аз дақиқ донистани таърихи ниёгони хеш сухан ронда, аз бузургон ва қаҳрамонони адабиёту таърих, ба мисли Темурмалик, Рустам, Муқаннаъ, Восеъ, Кова ва дигарон ёдовар шудааст.

Мирсаид Миршакар мавзуи мубориза бурдан баҳри марзу бум ва Ватану миллатро чунин ба қалам додааст:

Нашояд кард сар пеши ситам хам,

Яқин гардид, ки моро ба ҷуз мо.
На шайх имдодрас, на шоҳ, на мир,
Калиди зиндагӣ сарпанҷаи мост.
Набояд баст уммеде ба тақдир,
Ҷаро чун Рустаму Кова нашӯрем [54, с. 80].

**Ёди ёри меҳрубон.** Китоби «Ёди ёри меҳрубон»-и Мирсаид Миршакар хотира ва қайдҳои шоирро дар бар мегирад. Дар заминаи хотираву ёддоштҳои шоир масъалаҳои зиёди иҷтимоӣ ва сиёсии он замон матраҳ гардидаанд.

Мирсаид Миршакар аз аввалин вохӯрии худ бо Абулқосим Лоҳутӣ ва ҳидояту раҳнамоиҳои ӯ ёдовар шуда, чунин навиштааст: «Шумо, ҷавонони тоҷик, фахр кунед, ки устодони ҷаҳоншинохтае чун Рӯдакӣ, Фирдавӣ ва Ҳофиз доред. Аз онҳо омӯхтан лозим аст, зеро онҳо устодони сухан ҳастанд» [52, с. 80].

Шоир ҷавононро барои арҷ гузоштан ба мероси арзишманди бузургон пайваста талқин мекунад ва омӯхтани асарҳои онҳоро шарт ва зарур меҳисобад.

Дар идомаи сухан шоир зарурати донистани осори ниёгонро барои адабиёти шуравии тоҷик чунин ба қалам додааст: «Имрӯз умеду орзуи ҳар яки мо он аст, ки ҷавонони соҳибқалам анъанаи арбобони адабиёти классикӣ ва шуравии тоҷикро ғанитар хоҳанд кард» [52, с. 30].

Аз суханҳо бармеояд, ки адабиёти форсӣ-тоҷикӣ заминаи асосии адабиёти муосири тоҷик мебошад ва онро бояд ҳамеша нигоҳ дошт. Хушбахтона, Мирсаид Миршакар ба мисли шоирону нависандагони муосир дар баробари баён кардани андешаҳои тоза ва навовариҳо пайваста ба осори ниёгон рӯ овардааст.

Абдусалом Деҳотӣ (1911-1962) дар баробари ба ҳайси драматург, луғатшинос ва арбоби давлатӣ фаъолият намудан дар адабиёти муосир ҷойгоҳи хосса дорад. Ӯ ҳам дар назм ва ҳам дар наср осори зиёде офаридааст. Ҳарчанд фаъолияти адабии ӯ аз солҳои 30-юми асри XX

шуруъ шуда бошад ҳам, солҳои 50 ва 60-уми асри гузашта ба авҷи аъло расидааст. Дар ин муддат ӯ асарҳояшро тахти унвони «Асарҳои мунтахаб» (1949-1957), «Ҳаёт қадам мезанад» (1961), «Бунафша» (1963), «Ҳадя ба хурдтаракон» (1954), «Либреттои операи «Комде ва Мадан» (1952)», «Ту ҳам ёде бикун аз ман» (1963) ва ғайра ба нашр расонидааст.

Шеъри «Бар зидди таҳқиркунандагони номи Фирдавсӣ»-и Абдусалом Деҳотӣ ба нафароне, ки ба шоир ҳамеша ситеза доранд, бахшида шудааст. Дар шеъри мазкур кӯчае дар шаҳри Ризоияи Эрон тасвир шудааст, ки пештар номи Абулқосим Фирдавсӣ дошт ва баъдтар номи яке аз арбобони демократия ба номи ҷаллод, генерал Зангина номгузорӣ шудааст. Сабаби тағйир додани номи кӯча дар он буд, ки генерал дар он сайругашт карданро дӯст доштааст.

Ӯ дар шеъри мазкур ба таҳқиркунандагон ва рақибони форстаборон ва форсизабонон чунин иброз доштааст:

«– Гурез, роҳ кушо!»
   Медиҳад полис овоз,
Ба карру фар генерал меравад зи «кӯчаи худ»,
Аз он раҳе, ки басе солҳо мушарраф буд
Ба номи номии Фирдавсии суханпардоз.
Ба ҷойи шоири даҳ аср, – қотили гузаро ...
Магар ба ақл писанд аст ин мубодила?
      На!
Кӣ буд шоири «Шаҳнома»? Кист Зангина?...
«Бубин тафовути роҳ аз куҷост то ба куҷо![4] [29, с. 41].

Абдусалом Деҳотӣ чун дигар адибони муосири тоҷик номи Абулқосим Фирдавсиро бо ихлос ёд кардааст. Ҳатто дар собит кардани фикри худ аз забони худи шоир ва қаҳрамонҳои «Шоҳнома» мисолҳо овардааст. Ҳамчунин, паст нагардидани мақому манзалат ва номи

[4] Мисраи мазкур аз ғазали Ҳофизи Шерозӣ аст.

Абулқосим Фирдавсӣ дар вақти зинда буданаш ва қадр нагардидани ӯ аз ҷониби Султон Маҳмудро Абдусалом Деҳотӣ чунин тасвир кардааст:

Гузашт шавкати Маҳмуду дар замона намонд
Ҷуз ин фасона, ки нашнохт қадри Фирдавсӣ.
Ту ҳам, ки хор кунӣ ин суханвари тӯсӣ,
Ҷаҳон ба ҷоҳилият ҳукми ақл хоҳад монд [29, с. 43].

Дар идомаи сухан Абдусалом Деҳотӣ шоирро ба дурре монанд карда, ки бо расидани лой ҳеҷ гоҳ қадри ӯ паст намегардад:

Касе, ки номи баландаш ҳазорсола шудаст,
Касе, ки дар дили милёнҳост ӯро ҷой.
Куҷо ҳақир шавад аз ҳақорати ду-се паст?
Ки қадри дур нашавад паст аз расидани лой! [29, с. 44].

Албатта, номи Абулқосим Фирдавсӣ ҷовидона хоҳад монд, зеро «дар дили милёнҳост ӯро ҷой» ҳадафи асосии шоир аст.

Абдусалом Деҳотӣ дар баробари эҷоди шеърҳои пурмазмун дар навиштани мақолаҳои илмӣ-таҳқиқотӣ низ ҷойгоҳи хосса дорад. Дар маҷмуаи «Мақолаҳо» (Ҷилди V) роҷеъ ба «Ҳафт пайкар»-и Низомии Ганҷавӣ таҳлилҳои ҷиддӣ анҷом дода, дар тақвияти фикр аз Абулқосим Фирдавсӣ низ ёдовар шудааст: «Низомӣ вақте ки ба назм кардани мавзуи таърихии Баҳроми Гӯр мароқ пайдо мекунад, мебинад, ки ин мавзуъро Фирдавсӣ ҳам кор кардааст. Пас, вай вазифаи пурра кардани ин достон, яъне буд кардани он ҷойгоҳҳоеро, ки Фирдавсӣ кор накардааст ё нимкора кор кардааст, ба зиммаи худ мегирад» [29, с. 45].

Воқеан, матолиби мазкур дар фасли аввали «Ҳафт пайкар»-и Низомии Ганҷавӣ таҳти унвони «Сабаби назми китоб ва шарҳи он» зикр ёфтаанд:

Ҷустам аз номаҳои нағзнавард,
Он чи дилро кушода донад гард.
Ҳар чи таърихи шаҳриёрон буд,
Дар яке нома ихтиёр он буд.

Чобукандешае расида нахуст,

Ҳамаро назм карда буд дуруст [29, с. 124].

Ҳамчунин, Абдусалом Деҳотӣ дар мақолаи худ таҳти унвони «Дурдонаҳои мероси мадании мо» масъалаҳои асосии маданият, фарҳанг ва адабиёти форсӣ-тоҷикӣ ва зарурати онро барои адабиёти муосири тоҷик ҳаллу фасл намудааст. Вобаста ба ин чунин гуфтааст: «Ин таърихи дуру дароз, гузаштаи бой ва пуристеъдод барои наслҳои имрӯзаи халқи тоҷик дар соҳаҳои гуногуни илм ва санъат (тиб, наққошӣ, дӯзандагӣ, адабиёт, мусиқӣ ва ғайра) меросҳои бузурги беинтиҳо гузоштааст, ки маданияти миллишаклу сотсиалистимазмуни мо бо онҳо фахр мекунад. Хусусан, мероси адабии мо бағоят бисёр ва беназир аст, ки вай Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Носири Хусрав, Абуалӣ Сино, Саъдӣ, Камоли Хуҷандӣ барин симоҳои номдори илм ва адабиётро дар оғӯши худаш мегирад» [106, с. 7].

Лоиқ Шералӣ (1941-2000) мисли бархе аз шоирону нависандагони дигари тоҷик, дар ду давраи Тоҷикистон, яъне замони шуравӣ ва давраи Истиқлол зиндагӣ кардааст. Лоиқ Шералиро дар адабиёти тоҷик «шоири лирик» меноманд, зеро ҳар тасвири шоир дар шеър ва ғазалҳои ӯ бо меҳру муҳаббат ва самимияти хосса баён шудааст.

Шоир ашъори гаронарзиши худро дар шакли маҷмуаҳои гуногун, чун «Сари сабз» (1960), «Илҳом» (1968), «Нӯшбод» (1971), «Соҳилҳо» (1972), «Ташналаб» (1974), «Хоки Ватан» (1975), «Марди роҳ» (1984), «Вараҷи санг» (1980) ва ғайра нашр намуда, ба осори маънавию маърифатии ниёгони худ арҷ гузоштааст.

Шеърҳо ва ғазалҳои Лоиқ Шералӣ дар замони шуравӣ пайваста чоп шудаанд. Шоир дар ашъори худ аз бузургони классикии форсии тоҷикӣ ёд намуда, ашъори онҳоро тарғиб намудааст.

**Варақи санг.** Маҷмуаи «Варақи санг»-и Лоиқ Шералӣ соли 1980 ба табъ расидааст. Дар маҷмуаи мазкур дар радифи шеърҳои пурғановат силсилаи ашъори шоир – «Модарнома» ва «Илҳом аз «Шоҳнома» чоп шудаанд.

Дар шеъри «Айнӣ», ки шоир онро ба сардафтари адабиёти муосири тоҷик Садриддин Айнӣ бахшидааст, аз мушкилоти рӯзгори устод Айнӣ муфассал сухан гуфтааст. Ҳатто Лоиқ Шералӣ падари шеъри муосири тоҷикро ба Абулқосим Фирдавсие, ки аз дасти Султон Маҳмуд маъюсу ноумед ва саргардон будааст, ташбеҳ додааст:

Зи исёнҳову шӯришҳо, зи кулли буду нобудаш,
Зи фарёди шаболудаш, зи Фирдавсию Маҳмудаш.
Зи хунҳое, ки баҳри хунбаҳои ҳамгинонаш рехт,
Зи андуҳи тараболуду шодии ғамолудаш
Ту ҷустӣ сарнавишти халқ,
Оғози сиришти халқ [47, с. 11].

Лоиқ Шералӣ дар шеъри «Шиор» номи бузургонро таҷассум намуда, Абулқосим Фирдавсиро дар қатори ҳафт шоири забардасти ҷаҳон, ҳафтдодарон ном бурдааст:

Он ҳафт марди шоир чун Ҳафтдодаронанд[5],
З-онҳо чу осмони ҳафтошёна ҳастем [47, с. 34].

**Илҳом аз «Шоҳнома».** Силсилаи шеърҳои «Илҳом аз «Шоҳнома»-и Лоиқ Шералӣ аз беҳтарин намунаҳои назми адабиёти муосири тоҷик маҳсуб шуда, соли 1980 таълиф шудааст. Силсилаи мазкур аз қисматҳои «Писари ҳаждаҳуми Кова», «Руҳи Рахш», «Ғуруri Рустам», «Пуштбонӣ», «Гиряи Кова бар ҳабдаҳ писар», «Навҳаи Таҳмина», «Охирин ҷанги Рустам», «Арвоҳи домангир», «Фирдавсӣ ва Темур» ва «Васияти Фирдавсӣ» иборат аст.

Гуфтан месазад, ки ҳар қисмати «Илҳом аз «Шоҳнома» барои тарбияи насли ҷавони тоҷик ва бархурдор будан аз фарҳанг, маданият ва адабиёти худ мебошад.

Ҳамчунин, ҳар нуктаи шоир дар ашъори мазкур таъсирбахш буда, ҳамагонро ба анҷом додани кори хайр роҳнамоӣ намудааст:

---

[5] Ишора мешавад ба шоирону мутафаккирони адабиёти форсӣ-тоҷикӣ – Фирдавсӣ, Анварӣ, Румӣ, Низомӣ, Ҳофиз, Саъдӣ ва Ҷомӣ , ки аз ҷониби Гёте эътироф шудаанд.

Одамизод ҳанӯз озурдаст
Аз ҳама ҷангу ҷадалҳои қадим.
Одамизод ҳанӯз ошуфтаст
Аз ҳама шӯришу балвои қадим [47, с. 218].

Маълум мегардад, ки Лоиқ Шералӣ на танҳо ба як халқу миллат, балки ба башарият (одамизод) хитоб намудааст. Дар идомаи сухан шоир бар ин назар аст:

Хоса имрӯз, ки як он кофист,
То шавад зеру забар кулли ҷаҳон.
Хоса имрӯз, ки имое бас,
То шавад қасри тамаддун вайрон [47, с. 218].

Қисмати «Руҳи Рахш» ба аспи Рустами Дастон, ки Рахш ном дорад, бахшида шудааст. Шоир аспро, ки бештари афрод бо номи Рахш мешиносанд, чунин ба қалам додааст:

Аз фазои мулки Эрон
то фазои мулки Тӯрон –
Аз Сиистон то Кӯҳистон,
Аз Хуросон то Бадахшон,
Аз фазои лоҷварди мулки Ховар
То фазои нилфоми Бохтар.
Ёлҳояш ғарқи нури субҳгоҳӣ,
Чашмҳояш чашмаи нури илоҳӣ.
Мепарад рӯҳе дурахшон
Ҳамчу руҳи поки Эрон [47, с. 219].

Лоиқ Шералӣ ҳаракатҳои ҷасуронаи аспи даванди Рустамро баҳри ҳифзи ҷони инсон дониста, чунин ба риштаи назм кашидааст:

Гӯшҳоро бар садои ин замину осмон
бикшодааст,
Аз куҷое гар расад бар гӯши ӯ табли хатар.
Мекунад бедор Рустамро зи хоби ҷовидон

Баҳри ҳифзи ҷони инсон! [47, с. 220].

Қисмати дигари ашъорро, ки «Пуштбонӣ» унвон гирифтааст, ба паҳлавони қавиирода ва ҷаҳонпаҳлавон – Рустам бахшидааст. Лоиқ Шералӣ дар ин шеър ба ягон шахси Машриқзамин, хосса Эрону Тӯрон ҳамрадиф надоштани Рустамро чунин тасвир намудааст:

Дар ҳама Эрону Тӯрон
Ҳамнабарди Рустами дастон касе нест.
Ҳамбару ҳамбози ӯ дар рӯйи дунё
Аз тамоми зодаи инсон касе нест [47, с. 223].

Ҳамчунин, Лоиқ Шералӣ ҳакими бузурги Шарқ – Абулқосим Фирдавсиро пуштибони асосии халқ ҳисобидааст:

Пуштибони ҳар касе гар шоире ҳаст,
Ҷовидон бар тораки ӯ афсаре ҳаст.
Пуштбони шоире гар дар ҳама афлок нест,
Эй бузургон, бок нест! [47, с. 224].

Қисмати «Навҳаи Таҳмина бар Суҳроб» аз муассиртарин ва ғамноктарин қисмати «Илҳом аз «Шоҳнома»»-и Лоиқ Шералӣ маҳсуб мешавад, ки дар маркази диққати ҳамагон қарор гирифтааст.

Шоир дар сӯги Суҳроб, ки аз дасти падараш кушта шудааст, аз ҷониби Таҳмина чунин навҳаро оғоз бахшидааст:

Таҳминаам, Таҳминаам,
Аз дарду ғам ду нимаам.
Дар ҳасрати Суҳроби ял,
Дурҷи ғамон шуд синаам [47, с. 226].

Воқеан, нолаи модар дар марги фарзанд аз мудҳиштарин лаҳзаи ҳаёти инсоният маҳсуб ёфта, шоир ин манзараро чунин нигоштааст:

Гулчини давронам гузашт,
Гулрези бӯстонам гузашт.
Теғе, ки Рустам зад бар ӯ,
Аз ҷавшани ҷонам гузашт [47, с. 227].

Шоир бо байтҳои мазкур аҳволи модари ҷигарпораро, ки пас аз марги Суҳроб мадори зиндагӣ карданро надоштааст, чунин ба қалам додааст:

Фарёд аз бахти бадо!
Аз Рустамо,
аз қисмато!
Дунё тиҳӣ шуд чун дилам,
Воҳасрато,
вовайлато! [47, с. 227].

Охирин қисмати ашъори «Илҳом аз «Шоҳнома»» «Васияти Фирдавсӣ» мебошад, ки Лоиқ Шералӣ дар он васиятҳои Абулқосим Фирдавсиро овардааст:

Шоирӣ ҳам бар масал деҳқонӣ аст,
Бо умеде корад ӯ тухми сухан.
То бисабзад,
гул кунад, бор оварад,
Чун дарахтон дар заминҳои Ватан [47, с. 232].

Лоиқ Шералӣ шоирро мисли меъморе донистааст, ки ӯ метавонад сурати зиндагиро худаш тасвир намояд:

Шоирӣ дар масал меъморӣ аст,
Зиндагиро ҳар нафас дигар кунад.
Аҳли ҷонро дӯсттар бо аҳли ҷон,
Ошиқонро боз ошиқтар кунад [47, с. 232].

Лоиқ Шералӣ дар силсилаи шеърҳои «Илҳом аз «Шоҳнома»-и худ тамоми нозукиҳои бадеии аз асари безавол андӯхташударо ошкоро баён намудааст.

**Фарёди бефарёдрас.** Маҷмуаи ашъори «Фарёди бефарёдрас» ба нишебу фарозҳои зиндагӣ бахшида шуда, шоир онро бар пояи таҷрибаҳои андӯхташудаи ҳаёт офаридааст. Дар он шеърҳои арзишманд бо таъсирпазирӣ аз шоирони классики форсии тоҷикӣ суруда шудаанд.

Дар китоби мазкур шоир дар шеъри «Қиёмат» аз «Шоҳнома» истифода намуда, қаҳрамони асар – Рустами Дастонро ном бурдааст:

Дар миёни ин ҳама дарду бало,
Чун тавон кард орзуи бахти рангин?
Чун тавон кард орзуи умри ширин?
Чун тавон кард орзуи рӯзгори чун шакар?
Чун тавон кард орзуи қаҳрамони сафшикан?
Чун тавон кард орзуи Рустами Дастони дигар? [48, с. 20].

Воқеан, ба ақидаи шоир барои амалӣ намудани ҳама гуна орзуҳо инсон бояд саъю кӯшиш намояд.

Дар шеъри дигари худ таҳти унвони «Решаи ман, асли ман», ки ба аслу насаби куҳани халқи тоҷик бахшида шудааст, шоир қаҳрамони асили «Шоҳнома» - Рустамро зикр намудааст:

Баъди Сомонӣ маро сомон намонд,
Бод бар каф шуд ҳунарбоди маро.
Аз Вароруд ин ҳама ғофил мабош,
Дасти Рустам ёз бар имдоди ман [48, с. 21].

Дар ҷойи дигари шеъри мазкур чунин қайд намудааст:

Оташи Зардушт дар чашмони ман,
Оташи ишқи нахустэҷоди ман.
То ба даргоҳи абад хоҳад расид,
«Маснавӣ»-ю «Шоҳнома»-зоди ман [48, с. 54].

Таъсирпазирии Лоиқ Шеролӣ аз Абулқосим Фирдавсӣ дар шеъри «Хуросони бузург» бештар ба назар мерасад, зеро дар он дар баробари қаҳрамонони «Шоҳнома» вожаҳои махсус, ки танҳо хосси Абулқосим Фирдавсӣ ҳастанд, зикр гардидаанд:

Чу аз насли *Фаридунем*,
Аз як реша, як хунем.
Чу аз хуни *Сиёвушем*,
Ҷовидон ҳамоғӯшем.

*Дирафши ковиён* бо мост,

*Фарри ориён* бо мост [48, с. 54].

Шоир дар ҷойи дигари шеъри мазкур низ чунин ҳолатро такрор намудааст:

Чу аз як Ҷоми Ҷам ҳастем,

Аз як Ҷоми Ҷам мастем.

Агар *Рустам* сар афрозад,

Зи нав *парчам барафрозад*.

Хуросони бузурги мо,

Хуросони сутурги мо! [48, с. 55].

Ба ғайр аз дигар анвои шеърии Лоиқ Шералӣ маҷмуи рубоиёт таҳти унвони «Ҷоми Хайём» низ дар таъсирпазирӣ аз адибони гузашта ва осори онҳо, хусусан «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ таълиф шудааст.

Дар рубоии зерин Лоиқ Шеролӣ барои пос доштани ашъори бузургон, бавижа, дар ёди ҳамешагии Абулқосим Фирдасӣ чунин зикр намудааст:

Ба зери хок бас аллома хуфта,

Ҳазорон шӯришу ҳангома куфта.

Агар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ бо мост,

Ба зери хок сад «Шоҳнома» кӯфта [48, с. 170].

Шоир Искандарро, ки дар «Шоҳнома» тасвир шудааст, чунин васф кардааст:

Ситамгарро Сикандар кардаӣ ту,

Музахрафро музаффар кардаӣ ту.

Валекин бузрукони нобиғатро

Гадоёни паси дар кардаӣ ту [48, с. 187].

Дар ҷойи дигари шоир аз маъруфияти Абулқосим Фирдавсӣ ном бурдааст, чунин навиштааст:

Майдони ҳаёт саҳнаи бозӣ нест,

Ҷовид аз ӯ каси сарафрозӣ нест.

Фирдавсӣ агарчи зиндаи ҷовид аст,

Он қадр зи «Шоҳнома»-и худ розӣ нест [48, с. 250].

Муъмин Қаноат (1932-2018) аз зумраи шоирони муосири тоҷик буда, солҳои 50-уми асри XX ба майдони адабиёту фарҳанг омадааст. Ашъори шоир дар шакли асарҳои ҷудогона бо номҳои «Шарора» (1960), «Ситораҳои замин» (1966), «Мавҷҳои Днепр» (1964), «Достони оташ» (1967), «Корвони нур» (1970), «Суруши Сталинград» (1973), «Сарҷӯи сабз» (1975), «Падар» (1976), «Созҳои Шероз» (1971), «Гаҳвораи Сино» (1979) ва ғайра чоп шудаанд.

Ашъори Муъмин Қаноатро бештар достонҳо ташкил медиҳанд, ки ҷиҳатҳои лирикӣ ва ҳамосӣ (эпикӣ)-ро дар бар мегиранд. Аз ин ҷо бармеояд, ки «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ маҳз дорои достонҳои лирикиву ҳамосӣ буда, ба осори Мӯъмин Қаноат таъсири амиқ расондаанд.

Шоири воқеъбини тоҷик – Муъмин Қаноат аз бузургон ва симоҳои асарҳои онҳо истифода намудааст. Аз ин лиҳоз, Муъмин Қаноат аз Абулқосим Фирдавсӣ ва «Шоҳнома»-и ӯ таъсир пазируфта, мавзуъҳои гуногунро дар достонҳояш матраҳ намудааст.

**Сурӯши Сталинград.** Шоир достони шухратёрро таҳти унвони «Сурӯши Сталинград» соли 1973 таълиф намуда, ин достон дар адабиёти сермиллати шуравӣ ҷойгоҳи махсусро дорад. Ҳангоми таълиф намудани достони мазкур муаллиф ҷасуриву далерии сарбозони шуравиро, ки дар набардҳои мудҳиш ҷонбозиҳо намудаанд, аз «Шоҳнома» фаровон истифода намудааст.

Шоир ба мисли Абулқосим Фирдавсӣ достони мазкурро бо мавзуи сухану суханорӣ шуруъ карда, зарурати онро ба инсонҳо таъкид мекунад:

Суханро вазну тамкини замин бояд,

Суханро қудрати ҷонофарин бояд.

Дили сарбозу мисли ту камин бояд,

Замини ман,

Ки дастони туро хонад...

Сухан бояд раҳи тақдирро гирад,

Дуои модарони пирро гирад [40, с. 41].

Воқеан, муҳорибаи Сталинград яке аз фоҷеабортарин набардҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ маҳсуб мешавад, ки шоир ҳар лаҳзаи онро бо таассуроти амиқ тасвир кардааст:

Вале таркид шиша дар сари дасташ,

Зи китфаш шуълае бархост монанди қаду басташ.

Шарар ҷони ҷавонаш сӯхт,

Нидои охиринро дар лабонаш сӯхт.

Саропо оташи зинда [40, с. 41].

Абулқосим Фирдавсӣ тасвири ҷанг ва ҷонгудозиҳои қаҳрамонони асари худро низ воқеъбинона ба риштаи назм кашидааст:

Ба базм-андарун осмони вафост,

Ба разм-андарун тезчанг аждаҳост.

Ба тан жандапилу ба ҷон Ҷабраил,

Ба каф абри баҳман, ба дил рӯди Нил.

Сари бахти бадхоҳ аз хашми ӯй

Чу динор хор аст бар чашми ӯй [1, с. 42].

Муъмин Қаноат талошу заҳматҳои артиши шуравиро (бар зидди фашистон) баҳри Ватани хеш, яъне дарёи Донро нишон додааст. Шоир дар мисоли андешаҳои вопасини қаҳрамони достон – Матвей Путилов, ки ҷонгудозу муассиранд, насли ҷавони шуравиро дар руҳияи ватанпарварӣ ва инсондӯстӣ роҳнамоӣ намудааст:

Видоъ, ёрон!

Ба ҷойи ман

Шумо хандед,

Дил бандед,

Гул бӯед,

Дил ҷӯед,

Бибӯсед,

Об нӯшед аз лаби чашма,

Ки ман лабташнаам,

Ташна ... [40, с. 41].

Дар «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ чунин мавзуъҳо бисёранд:

Чунон номвар гум шуд аз анҷуман,

Чу аз бод сарви саҳӣ аз чаман.

На з-ӯ зинда бинам, на мурда нишон,

Ба дасти наҳангони мардумкушон.

Дареғ он камарбанду он гирдгоҳ.

Дареғ он кай, бурзу болои шоҳ!

Гирифтор з-ӯ дил шуда ноумед,

Равон ларз-ларзон ба кирдори бед [1, с. 38].

**Тоҷикистон – исми ман.** Дар достони мазкур низ волотарин арзишҳои маънавӣ-маърифатӣ тарғиб гардидаанд ва шоир аз шоҳкориҳои азими ниёгон ва қаҳрамонони асарҳои онҳо, бавижа, Абулқосим Фирдавсӣ ва «Шоҳнома»-и ӯ бисёр мисол овардааст:

Ҳам тухмаи мардона чун дурдона зери обҳо,

То ин ки рӯяд аз замин *Фирдавсию Суҳробҳо*.

Модархудо будӣ Замин, модархудои васлҳо,

Модархудои наслҳо, модархудои фаслҳо [40, с. 64].

Ҳамчунин, шоир рафтори азалии халқи худро ба таври зайл нишон додааст:

Зи хашмам ҳамчу *Рустам* паҳлавон зодам,

Зи раҳмам чун *Манижа* меҳрубон зодам.

Ба қалбам Рӯдакиро ҳамзабон зодам,

Ба дасташ хома додам, достон додам [40, с. 66].

Шоир ба он андеша аст, ки дар ҳифзи марзу буми Ватанаш – Тоҷикистони азиз чун Рустам паҳлавон ва чун Манижа меҳрубон тавлид ёфтааст, ки рафтори азалии халқи тоҷик ба ҳисоб меравад.

Дар ҷойи дигари достони мазкур Муъмин Қаноат чун Абулқосим Фирдавсӣ бар зидди аҷнабиён ва бегонапарастон андеша изҳор намудааст:

Аз дасти ислому араб нури муқаддас нор шуд,
Оташ баромад аз саро, сад шаҳр оташзор шуд.
Аз нури оташгоҳҳо Афросиёб оташ гирифт,
Тасвир дар девору дониш дар китоб оташ гирифт [40, с. 99].

Муаллиф дар қисмати дигари достони «Тоҷикистон – исми ман» пайваста рехтани хуни халқи бегуноҳи худро собит намуда, манзараҳои мудҳишро чунин ба қалам додааст:

Дар хаму печи замон
Хуни озодипарасти дӯстон.
Дар ҷадал чун хуни душман рехтаст,
Гӯӣ хуни паҳлавон Суҳробро
Хашми Рустам рехтаст [40, с. 79].

**Достони Оташ.** Дар достони мазкур, ки саршор аз набарду размиданҳост, шоир чунин баён кардааст:

Хандаи ту,
хандаи чашмони ту,
Аксандоз аст дар чашмони ман!
Зиндаӣ,
боз ой чун сомони ман,
Ҷӯраи ман, *Рустами дастони* ман! [43, с. 101].

Дар ҷойи дигари ин достон чунин гуфтааст:

«Кӯҳи пурасрор ҳамчун Золи пир,
Бурд ҷонатро ба ҷанги охирин?
Марги Суҳроб аст фанди охирин!

Чашм пӯшида кӯҳи ғамро кушод» [43, с. 103].

Дар баробари достонҳои лирикиву ҳамосӣ дар эҷодиёти шоир шеърҳоеро вомехӯрем, ки далели аз адибони классикии форсии тоҷикӣ, бахусус, Абулқосим Фирдавсӣ таъсир пазируфтани ӯ мебошад. Дар ин росто, дар шеъри «Давоми нек роҳатро»-и Муъмин Қаноат, ки ба Владимир Луговский бахшидааст, комилан ақидаҳои Пешдодиёнро таҷассум мекунанд:

Даме, ки размгоҳи бешикасти *Рустами дастон,*

Ба чанги бекҳо афтид аз дасти забардастон.

Даме, ки базмгоҳи Ибни Сино, Рӯдакӣ, Хайём

Бишуд ҷавлонгаҳи duздон,

Бишуд бозичаи айём.

Ба ин ҷо омадӣ пойи пиёда мисли як сарбоз,

Ба қалби шоиру бо ҳуҷҷати раҳсоз [43, с. 140].

Дар ҷойи дигар Муъмин Қаноат чунин гуфтааст:

Ту дидӣ Вахшро танҳо

Миёни кӯҳ дар ғавғо

Надидӣ дар бисоти ӯ дили дарёи Ҳофизро,

Чу шоир ёд н-овардӣ макони разми Рустамро.

Надидӣ давргардон ҷоми сесадпораи Ҷамро,

Аҷамро дидаю савти Аҷамро лек нашнидӣ [43, с. 141].

Шеъри дигари Муъмин Қаноат «Эй шоири сомон!» унвон дошта, маҳз ба Абулқосим Фирдавсӣ бахшида шудааст. Шоир шуҳрати ҷаҳонӣ доштани Абулқосим Фирдавсиро маҳз бо офаридани симоҳои «Шоҳнома» мансуб медонад:

Он рӯз, ки эъҷози ту бар Кова равон дод,

Ӯро зафару ном ба сад асру замон дод.

Бар куштани Заҳҳок чу ҳукми ту баромад,

Он ҳукм ба сарлавҳаи таърих даромад [43, с. 67].

Ҳамчунин, амали Заҳҳокро маҳкум намуда, Коваи Оҳангарро чун рамзи ҷовидон нишон додааст:

Эй руҳи азим, ҳукми ту поён напазирад!
Дар даҳр касе роҳи дуои ту нагирад.
Гар ворисӣ Заҳҳок ҳанӯз ҷон насупурдаст,
Маъюс машав, Коваи ҳаддод намурдаст! [43, с. 68].

Дар баробари баҳои баланд додани шоир ба мардони шуҷоъ ва далер ва шабеҳ намудани онҳо ба қаҳрамонҳои «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ мавқею манзалати занон, хосса, занони тоҷикро низ барҷаста тасвир намудааст. Шеъри «Зани тоҷик, бузургӣ тани ту!» маҳз ба мавзуи мазкур бахшида шудааст. Бузургии занонро шоир дар тавлиди номвартарин шахсиятҳо ва бузургон медонад:

Рӯдакӣ кӯдаки домони ту буд,
Пораи меҳри ту буд,
ҷони ту буд.
Кова аз домани ту зӯр гирифт,
Дили мардонаи пуршӯр гирифт [43, с. 77].

Дар баробари тавлидгари абармардон ва равшанзамирон будани занон муаллиф чун меросбарандаи фарҳангу маданияти хеш дуои модарон баҳри фарзандонро бузургтарин неъмати инсоният меҳисобад:

Бахш ӯро хиради синоӣ,
Бахш чун нур варо биноӣ.
Азми Ҳотам ба некӯӣ номе,
Зани тоҷик, бузургӣ тани ту,
Ҷовидон дасти ману домани ту! [43, с. 78].

Муъмин Қаноат дар ашъораш Абулқосим Фирдавсӣ ва симоҳои асари безаволи ӯро зиёд истифода намудааст. Шоир дар шеъри «Тахти Ҷамшед» тамаддуни ниёгони худро тавассути сарнавишти бузургмардон, ба мисли Зардушт, Ҷамшед, Доро, Рӯдакӣ, Ҳофиз ва дигарон таҷассум кардааст:

Дар он қасри хароботе,

ки Доро буду дунё буд,

Дирафши Ковиёнӣ найзае аз моҳ боло буд [43, с. 82].

Муъмин Қаноат бо офаридани шоҳкориҳои азими хеш ва таъсирпазирӣ аз ниёгон ҳамеша дар мадди назари муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ қарор доштааст. Вобаста ба ин муҳаққиқ ва тарҷумони қазоқ Олжас Сулаймонов дар пешгуфтор таҳти унвони «Назаре ба осори Муъмин Қаноат», ки дар китоби «Аз Бесутун то кунун»-и Муъмин Қаноат чоп шудааст, чунин андеша баён намудааст: «Мунаққидон ва муҳаққиқонро қазоват ва тадқиқи ҳақбини эҷодиёти яке аз шоирони фаъол ва хуби кунунии Осиёи Миёна – Муъмин Қаноат дар пеш аст. Мунаққидон ба хусусиятҳое, ки ӯро суннатҳои классикӣ ва равандҳои шеъри нав дуҷониба ҷазб кардаанд ва шеваи нузҳатӣ додаанд, бештар мутаваҷҷеҳ мешаванд» [43, с. 7].

Муъмин Қаноат номи шоирон ва қаҳрамононро ҳарчанд зиёд истифода накардааст, аммо таъсирпазирии ӯ аз мазмун ва муҳтавои осори ниёгон комилан аён аст. Вобаста ба ин, шеъри «Хоби қаҳрамон»-и Муъмин Қаноат, ки ба қаҳрамони Иттифоқи Шуравӣ Тӯйчӣ Эрйигитов бахшида шудааст, дар заминаи «Шоҳнома» суруда шудааст:

Лашкар омода бар ҷанги шадид

Ҳамчу як дил гашт,

Майдон метапид,

Дар камин,

Дар синаи дашти кушод,

Дар замин дилҳои инсон метапид.

Мушаки сабзе баромад дар ҳаво,

Нақшае бигзошт чун тиру камон

Хест лашкар.

Аскарони сабзпӯш

Аз камин ҷастанд чун тири парон [43, с. 104].

Муъмин Қаноат корнамоии қаҳрамону паҳлавонро дар муҳориба нишон дода, либоси ҷангии муосир чун «***мушаки сабз***», «*аскарони сабзпӯш*» (либоси махсуси сабз барои аскарони шуравӣ муайян шудааст) ва ғайраро ба кор бурдааст, ки дар «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ бо вожаҳои «***шаҳрёри ҷаҳон***», «***шери жаён***», «***наррадев***», «***кулоҳ***» ва «***гурз***» тасвир шудаанд:

...Чу Таҳмурас огаҳ шуд аз корашон,
Барошуфту бишкаст бозорашон.
Ба фарри ҷаҳондор *басташ миён*,
Ба гардан баровард *гурзи гарон*.
Ҳама *наррадевону афсунгарон*,
Бирафтанд ҷодусипоҳе гарон [5, с. 57].

Дар баробари таълифи шеърҳои баландмазмун Муъмин Қаноат дар тарҷумаи ашъори шоирони адабиёти ҷаҳон саҳми мондагор гузоштааст. Зимни тарҷума шоир ва тарҷумон вазну қофияро нигоҳ доштааает. Масалан, шоир дар тарҷумаи шеъри «Шоир Фирдавсӣ»-и Генрих Гейне, ки ба бузургии Абулқосим Фирдавсӣ бахшида шудааст, назокат ва латофати сухани шарқиёнаро нигоҳ доштааст:

Дар ин дунёи ноҳамвори каҷрав,
Якеро нуқраю зар бешумор аст.
Дигар дар зери бори фоқа умре,
Ба як пули сиёҳи тоқ зор аст.
Ҳамин расми шаҳон аз даври дунё
Барои пиру барно ошкор аст.
Ҳам аз баҳри суханорои Тӯсӣ,
Ки умри ӯ ба умри рӯзгор аст [43, с. 82].

Воқеан, шоир ба гуногунрангии замона, ки яке доро асту дигаре нодор ишора мекунад. Ҳамчунин, ба нафароне, ки бо суханороии худ азамате доранд, аз ҷониби пиру барно пазируфта шудаанд.

Дар ҷойи дигар шоир чунин гуфтааст:

Яке аз шоҳҳои оли Сомон
Ба Фирдавсӣ бубаст ин гуна паймон:
«Ба назми номаи шоҳон бупардоз,
Ба ҳар сатраш тило созем инъом.
Баҳори кӯҳна рафту нав биёмад,
Бад-ин сон сӣ баҳор аз байн бигзашт.
Ва булбул сӣ баҳорон васфи гул хонд,
Зи хониш монд сӣ бору даҳон баст [43, с. 82].

Шоир қадр накардани Султон Маҳмуд Абулқосим Фирдависро тасвир намудааст. Ин носипосиҳои Султон Маҳмуд муддати тӯлонии сисоларо дар бар мегирад, ки нобахшиданист.

Бояд гуфт, ки шоир ва мунаққиди олмонӣ – Генрих Гейне, ки ба мазмун ва моҳияти «Шоҳнома» шинос будааст, зиндагии Абулқосим Фирдавсиро ба тасвир кашидааст. Ҳамчунин, Муъмин Қаноат нозукии аслиро нигоҳ дошта, ба он обуранги бадеии махсус бахшидааст.

Бозор Собир (1938-2018) шоири соҳибқаламу соҳибмактаби тоҷик буда, бештар шеърҳои лирикию ишқӣ ва тасвирӣ офаридааст. Ӯ дар тасвири табиат, рафтору кирдори одамон ва вазъияти мухталифи сиёсӣ-иҷтимоӣ ашъори ҷовидона ба ёдгор гузоштааст.

Бозор Собир ба мисли бархе аз шоирони тоҷик дар ду марҳалаи таърихӣ, яъне замони шуравӣ ва дигаре соҳибистиқлолии Тоҷикистон зиндагӣ кардааст.

Дар кори таҳқиқи мавриди назари мо марҳалаи аввали фаъолияти шоирро мавриди таҳқиқ қарор додем. Ба ҳамин маъно солҳои 50-80-уми асри XX Бозор Собир ашъорашро таҳти унвони «Пайванд» (1972), «Оташбарг» (1974), «Гули хор» (1978), «Мижгони шаб» (1981), «Офтобниҳол» (1982), «Бо чашидан, бо чамидан» (1987), «Чашми сафедор» (1988) ва ғайра таълиф ва чоп намудааст.

Бозор Собир аксари шеърҳояшро дар пайравии Абулқосим Фирдавсӣ эҷод кардааст. Шеъри «Бо ту чун девор мешинам» маҳз дар

заминаи таъсирпазирӣ аз байти зерини «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ иншо шудааст:

Дареғ аст Эрон, ки вайрон шавад,
Куноми палангону шерон шавад [25, с. 58].

Шоир лаҳзаҳои нохушӣ ва бадбахтии марзу буми аҷдодии худ ва ҳимояи онро чунин тасвир кардааст:

Хушгилон дар зери гил аз зилзила,
Гелониён дар зери гил аз зилзила
Ҷангали Мозандарон тобут шуд,
Тобуткаш дунё ҳама.
Бо туам марзи шаҳидони биҳиштӣ,
Бо туам, эй мулки оятҳо, зиёратҳо.
Бо туам, эй олами фотеҳу фотеҳа,
Бо туам гелониву раштӣ.
*Бо ту чун девор мешинам*, ки деворат нишаста,
Бо ту ман маҳкамтар аз девор мешинам [25, с. 59].

Ҳадафи Бозор Собир ҳимояи марзу буми Ватани хеш аз нохалафон буда, таҳти шиори «*бо ту чун девор мешинам*» барои озодии ин халқи ҳамзабону ҳамҷавори худ андешаи волоро изҳор кардааст.

Дар шеъри дигар зери унвони «Муҷассамаи Айнӣ» шоир муҷассамаи Айниро арзиши маданӣ ва мондагор ҳисобидааст. Шоир бо ёдоварӣ аз бузургон чунин ёдоварӣ намудааст:

Ҳайкали ӯро ба ҳукми ҳайкали фарҳанг бин,
Нангро дар санг бину сангро дар нанг бин.
Ҳар кӣ ӯро дид агар, Фирдавсиро нодида дид,
Бори Рустамро ҳанӯз аз Рахш ноафтида дид [24, с. 7].

Шоир дар шеъри дигар бо номи «Забони модарӣ» низ Абулқосим Фирдавсиро чун дигар чеҳраҳои адабиёти классикӣ мадҳу ситоиш намуда, ӯро размандаи тавоно ном бурда, қисмати талхи миллати тоҷикро тасвир намудааст:

Дод ӯ аз даст гурзи Рустаму Суҳробро,

Барбарони нотавонеро тавоно кард ӯ.

Номи худро ҳамчу гӯри Рӯдакӣ аз ёд бурд,

Қотилони хешро машҳури дунё кард ӯ [24, с. 16].

Дар идомаи сухан шоир на танҳо аз «Шоҳнома» ва қаҳрамони он Афросиёб ёд намудааст, балки бузургии Абулқосим Фирдавсиро барҷаста тасвир намуда, таърихи миллати тоҷикро зикр кардааст:

Дар миёни тангчашмоне, ки дар чашмонашон

Солҳои тангиро медид ӯ.

Гаҳ дар оташ,

Гаҳ дар об

Таҳ ба таҳ бо сӯхтанҳои манори суғдиёнаш сӯхт, сӯхт,

Бо харобиҳои девору дари Афросиёбаш шуд хароб [24, с. 17].

Бозор Собир дар баёни мавзуъҳои мухталиф пайваста аз осори ниёгон, бахусус, Абулқосим Фирдавсӣ далелҳо овардааст. Дар шеъри «Шоиру шеъре агар ҳаст», ки ба сӯгвории шоири чилӣ – Пабло Неруда (Pablo Neruda (1904-1973) бахшидааст, яке аз мондагортарин шеъри ҷаҳонии Бозор Собир мебошад. Шоир мегӯяд:

Шоиреро офаридан кори як садсолаест,

Сахт коре, бори як сайёраест.

Ҳамчу сарват шоире гум кардан осон асту лек,

Ҳамчу шуҳрат шоире дарёфтан бас мушкил аст.

Қитъае холист бе Фирдавсии Тӯсӣ ҳанӯз

Қитъае бечораи як шоири соҳибдил аст [24, с. 17].

Аз шеъри дар боло зикргардида маълум мегардад, ки Бозор Собир аз ангуштшумор будани шоирону суханварони асиле чун Абулқосим Фирдавсӣ шиква намуда, ӯро аз зумраи шоирони камназир медонад.

Баъдтар, шоир шеъреро бо ҳамин унвон, яъне «Шоиру шеъре агар ҳаст» дар пайравии шеъри Муҳаммад Иқбол эҷод кардааст:

Шоир андар синаи миллат чу дил,

Миллати бешоире анбори гил [24, с. 22].

Шоир бо истифода аз қаҳрамонҳои «Шоҳнома» Абулқосим Фирдавсӣ мехост дилу ният, меҳру муҳаббат ва сипосашро ба халқ расонад:

Гар бимирам,

Ҳамчу Фирдавсӣ маро

Дар мазори халқ нагзоранду лек

Шеър дар халқам бимирам,

Шоири халқам бимирам [24, с. 23].

Бозор Собир ҳарчанд шеъри «Теғи Сино»-ро ба Абуалӣ ибни Синои бузург бахшида бошад ҳам, аз Абулқосим Фирдавсӣ ва қаҳрамонҳои «Шоҳнома» низ ёдовар шудааст:

Дӯш мебоист тоҷик Буалӣ орад ба даст,

Чун набудаш ғайри дарди бедаво нақди дигар.

Интизори нӯшдору буд Суҳробаш ҳанӯз,

Дар сари дасти падар хуншор аз дасти падар [24, с. 112].

Шоир Абуалӣ ибни Синоро дармонбахши беморон номида, бо додани доруи Сино ба Суҳроб ва истеъмоли он, ки аз дасти падараш кушта шудааст, боиси зинда нигоҳ доштанашро медонад.

Шеъри пурфоҷеаи дигари шоир «Ширмаҳтоб» ном дошта, онро ба ёди Суҳроби аз ҷониби падар кушташуда бахшидааст:

Ишқ гуфтам,

Даст кардам синаамро,

Сӯхтам чун сӯгворон

Ёдам омад марги Суҳроб

Ман шудам санг

Ман шудам об [24, с. 113].

Дар идомаи сухан шоир дили пурсӯзу гудоз ва лаҳзаҳои мушкилтаринро чунин тасвир намудааст:

Ёд омад, дида пурнам,
Ишқи дерин ҳамчу фарзанд.
Ҳамчу фарзанди ҷавонмарг,
Ёдам омад, ҳамчу Рустам.
Куштани ман ҳам ҷигарбанд
Хӯрдаам фанд.
Мондаам дар навҷавонӣ,
Мисли Рустам дар Самангон.
Як гуле аз гулъузорон
Ҳамчунон Таҳмина танҳо
Ҳамчунон Таҳмина гирён [24, с. 114].

Маълум аст, ки Бозор Собир аз куштани ҷигарбанди худ Суҳроб аз ҷониби Рустам маъюс гардида, оҳи ҷигарсӯзи фирдавсиёнаи Таҳминаро воло ба қалам додааст.

Гулрухсор Сафиева аз зумраи шоирони зебоипараст, инсондӯст ва ватанпарвари тоҷик мебошад. Ӯ ба мисли баъзе аз шоирону нависандагони муосири тоҷик дар ду марҳалаи аз ҷиҳати шакл ва сохтор мухталиф зиндагӣ менамояд:

- марҳалаи аввал, яъне замони шуравӣ;
- марҳалаи дуввум, замони Тоҷикистони соҳибистиқлол.

Гулрухсор аз рӯзҳои нахустини эҷодиёти худ ба эҷоди ашъори баландмазмун пардохта, мисли дигарон аз осори бузургони классик фаровон истифода намудааст. Ӯ дар китоби «Руҳи Бохтар», ки шеърҳо, ғазалҳо, рубоиёт ва дубайтиҳои зиёдро дар бар мегирад, аз бисёр чеҳраҳои адабиёти классикии форсии тоҷикӣ ном бурдааст.

Шоири ватанпарвари тоҷик – Гулрухсор дар шеъри «Ватандор» тамоми вижагиҳои ватанпарвариву меҳандӯстиро ба қалам дода, ба ниёгони хеш ҳам арҷгузорӣ кардааст:

Санги кӯҳат заршиносам кардааст,
Ишқи ту пири сипосам кардааст.

Бефаноии ту дар даҳри фано

Аз ғами мурдан халосам кардааст.

Эй Ватан, марзи садоқаткиштаам,

Эй Ватан, «Шаҳнома»-ро нанвиштаам [23, с. 26].

Гулрухсор тамоми арзишҳои моддиро ҳастии худ дониста, марзу буми онро ба сухан ҳимоя мекунад. Ҳарчанд Ватан беҳтарин неъматҳоро барои шоир бахшидааст, лекин ӯ аз хизматҳои нокифояи худ баҳри Ватан афсӯс мехӯрад. Шоир ошкоро мегӯяд, ки бар ивази садоқат, оромӣ ва муҳаббати бекарона барои Ватан «Шоҳнома» наофаридааст.

Дар шеъри дигар таҳти унвони «Афсонаи ҳақиқат», ки ба мавзуи воқеият ва ҳақиқат бахшидааст, Гулрухсор хостааст, ки дар ҳама ҳолат ҳақиқатро ба даст биёрад. Дар ин хусус чунин ишора намудааст:

Ёд кардам Ҳофизу «Шоҳнома»-хониҳои ту,

Нақшҳои зиндаи Беҳзоду Мониҳои ту.

Сангчонӣ

Кӯҳсонӣ,

Марзбониҳои ту,

Ларза мегирад маро аз безабониҳои ту!

Хушзабон,

Бахши мани ларзандарӯҳ афсонагӯ! [27, с. 28].

Шеъри дигари Гулрухсор «Роҳи Каҳкашон» унвон дошта, ба роҳи ҳаёт ва мавқеи ситорагону сайёраҳо бахшида шудааст. Ҳар нақше, ки дар Замин мавчуд аст, шоир онҳоро ба рафтору кирдори одамон ташбеҳ додааст. Ҳатто рафтори нописандида ва носипосонае, ки Султон Маҳмуд нисбат ба Абулқосим Фирдавсӣ раво дидааст, аз чониби Гулрухсор ба қалам дода шудааст:

Бо бадон пӯсад бадӣ дар зери хок,

Варна олам пур буд аз тухми бадон.

Ахтари Султон Маҳмуд чун бувад,

Гар бимонад ахтаре аз чоҳилон? [27, с. 95].

Дар шеъри мазкур ӯ доир ба манзалат ва ҷойгоҳи бузургон, бавижа, Абулқосим Фирдавсӣ бар ин назар аст:

Аз замин, аз хоки сарҳои баланд,
Мешавад оғоз роҳи осмон.
Зодаи хоканду фарзанди замин,
Кӯдакони осмонӣ – ахтарон [27, с. 95].

Шеъри дигари Гулрухсор «Санге аз қасри Афросиёб» унвон дошта, дар он ба тимсоли қаҳрамони бадкирдор, разил ва хунхори шоҳи Тӯрон баҳо дода шудааст:

Бубояд лек дар афсонаи ман шаҳ гадо бошад,
Гадоеро висоли духтари шаҳ муддао бошад.
Бубояд мурдаҳоро зинда карду қасрҳо обод,
Калиди инчунин афсона аммо дар куҷо бошад?

Қатори пораи санге ман аз ин қасри вайрона
Барам дар ҷузвдони худ тамоми сарвати суғдон.
Вале Афросиёбе, ки намудаш зиндагӣ тороҷ,
Чӣ хоҳад дар баҳои санги девораш зи ман товон?! [27, с. 233].

Идомаи шеъри мазкурро низ Гулрухсор дар пайравӣ аз «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ сурудааст:

Ба тори сар чу Фирдавсӣ ситода қуллаи тамкин,
Ба пои қулла рӯди тунд сарсон асту овора,
Куҷо хоҳад равад ин кӯдаки нодони бечора,
Сарашро кӯфта бар сангу кобад роҳ ҳамвора [27, с. 233].

Гулрухсор халқро ба ҳифзи арзишҳои миллӣ ва пос доштани хотири аҳли илму адаб раҳнамоӣ карда, чунин мегӯяд:

Зиҳӣ халқе, сари гаҳвораву тобути фарзандон,
Ба вақти киштгардониву андар гирди дастархон,
Зи Ҳофиз ёд бинмуда,
Зи Саъдӣ қисса мехонад.

Ба поси хотири шеъри Аҷам ин мардуми шоир

Маро ҳам бо умеду сад насия шоираш хонад! [27, с. 234].

Гулрухсор ҳамчун суханвари некбин ва муҳофизи миллати хеш дар шеъри «Нома», ки ба шоири булғор Йордан Милев барои тарҷумаи «Шоҳнома» бахшидааст, чунин андеша баён кардааст:

Ҳамраҳи Фирдавсӣ мебояд ҷадал,

То даме Маҳмуди ҷоҳил зиндааст.

Адлу инсофу дили биност шарт,

То даме як ҷинси қотил зиндааст [27, с. 237].

Масалан, намояндагони адабиёти муосири тоҷик аз мавзуъҳои гуногуни «Шоҳнома», бахусус аз қаҳрамонони асар, чун ҷанги Рустам бо Суҳроб ва кушта шудани писар аз ҷониби падар чунин нишон додааст:

Аз хурӯши табли Рустам мерасад

Аз миёни қарнҳо бонги хатар.

Ҳамраҳи шоир ҳақиқат довар аст,

Ҳамраҳи Таҳмина мегиряд башар.

Баски Суҳроб аст доим дар хатар,

Баски дар олам дили бедард нест.

Ашк чашми ақлу дил равшан кунад,

Гиря кардан гарчи кори мард нест [27, с. 238].

Кушта шудани писар аз дасти падар бори сангин дар рӯзгори инсоният аст ва шоир онро бо чунин тобиш ифода кардааст:

Дар сари «Шаҳнома» мегиряд ҷаҳон,

Гиряи мо аз хатои Рустам аст.

Номаи шоир ҳанӯзам беҷавоб,

Чун хати қисмат равад дасти ба даст [27, с. 238].

Ҳамчунин, барои такрор нашудани чунин иштибоҳи ҳаётӣ шоир ба ҳамагон чунин нидо мекунад:

Номаҳо бояст то Султони ҷаҳл,

Чашми танги дил кушояд зудтар.

Ҷаҳлро бо ақл бояд оштӣ,
Ё ба зӯрӣ, ё ба зорӣ, ё ба зар,
То наёяд теғ берун аз ғилоф,
То нарезонад падар хуни писар,
То нагардад кӯр чашми интизор,
То наёяд Рахш бе Рустам дигар! [27, с. 238].

Шеъри мазкур саропо аз меҳру муҳаббат, инсондӯстӣ, ватанпарварӣ ва дигар масъалаҳои ҳассоси иҷтимоӣ иборат буда, бевосита бо нияти тарбияи насли ҷавон эҷод гардидааст.

Шеъри «Шоҳнома» Ватан аст» аз ҷумлаи беҳтарин шеърҳои Гулрухсор буда, дар берун аз марзи кишвар низ маълуму маъруф аст:

Шоҳнома сухан аст,
сухани бемаргӣ.
Шоҳнома руҳ аст,
ба тани бемаргӣ.
Шоҳнома Ватан аст,
Ватани бемаргӣ.
Оре, оре,
Шоҳнома Ватан аст! [27, с. 124].

Албатта, мардуми форснажод «Шоҳнома»-ро на танҳо ҳамчун шиносномаи миллату Ватан меҳисобанд, балки онро таърих, фарҳанг ва маданияти хеш медонанд. Шоир «Шоҳнома»-ро сухан, тан, хирад ва нафаси бемаргии марзу бум ва Ватан меномад:

Шоҳнома нафас аст,
Нафасе, к-аз ману ту гар бирабоянд,
Бимирем!
Бимирем! [27, с. 124].

«Шоҳнома» бо мазмун ва муҳтавои волои худ ҳамеша дар маркази диққати шоирон қарор ёфта, бо номҳои гуногун шинохта шудааст. Асари мазкур арзишҳои маънавии форстаборонро дар дарозои таърих нигоҳ

дошта, хурдтарин ҷузъиётро маънидод мекунад. Чунин ҷузъиёт бояд бештар таҳлилу таҳқиқ шаванд.

Намояндагони адабиёти муосири тоҷик дар таъсирпазирӣ аз афкору андешаҳои Абулқосим Фирдавсӣ, осори арзишманди худро эҷод намудаанд, дар боби мазкур таҳлилу баррасӣ гардидааст. Истифода бурдани андешаҳои адибони классик аз ҷониби адибони муосири тоҷик то имрӯз дар адабиётшиносии тоҷик пурра омӯхта нашудааст. Вобаста ба ин адабиётшиос М. Мирзоюнус чунин ибрози андеша намудааст: «Омӯзиш ва пажуҳиши адабиёти охири асри XIX ва ибтидои асри XX, баррасии равандҳои адабии ин давра, дарёфти сарчашмаҳои муҳимме, ки то имрӯз аз назар дур мондаанд, таҳқиқу нашри онҳо, муайян кардани арзиш ва аҳаммияти онҳо дар шинохти беҳтари адабиёти марҳалаи .... аз корҳои судманд ва вазифаҳои асосии илми адабиётшиносии муосир маҳсуб меёбад» [120, с. 386].

Ҳамин тавр, дар адабиёти муосири тоҷик шоирон дар баробари ба навовариҳои назаррас ноил гардидан ва таъсирпазирӣ аз осори ниёгони худ дар канор набуданд. Истифодаи афкору андешаҳои Абулқосим Фирдавсӣ дар эҷодиёти шоирони муосир номи шоирро ҷовидона месозад ва насли минбаъдаро тарбия мекунад. Аз ин лиҳоз, нақши адибону нависандагон дар шинохти Абулқосим Фирдавсӣ ва маърифати «Шоҳнома» басо назаррас ва бориз муаррифӣ мешавад.

### 2.3. Анъана ва навоварӣ дар адабиёти муосири тоҷик дар заминаи фирдавсишиносӣ (солҳои 50-80-уми асри XX)

Таърихи рушди илм, фарҳанг ва адабиёти тоҷик тӯлонӣ буда, решаҳои он ҳатто ба давраи пеш аз милод созгор аст. Қудрати тамаддунофарии халқи тоҷик, ки меҳвари онро осори бузургон ва донишмандони илму адабиёт ташкил медиҳад, дар рушди маънавиёти халқҳои ҷаҳон ҳиссаи муносиб гузоштааст.

Ногуфта намонад, ки бо тақозои замон пас аз таназзули давлатдории тоҷикон ва сукути адабиёти форсӣ-тоҷикӣ як марҳилаи нокомӣ ба вуҷуд омад, ки то асри XX идома меёфт. Дар ин давра ҷунбишҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ ва фишоровари қабилаҳои бегона ба вуҷуд омада, нуфузи таълимоти диниро пайдо намуд. Тарғиби таълимоти динӣ ҳатто дар мактабҳои алоҳида дар марҳилаи начандон кам, яъне аз охири асри XIX то ибтидои асри XX идома ёфтааст. Таълимоти мазкур, ки ояндаи хуб ва носозгор дошт, бо ҳамроҳ шудани Осиёи Миёна ба Русияи подшоҳӣ аз байн рафтааст. Дар натиҷа фазои рушди илмӣ, фарҳангию адабӣ ва ташаккули афкори маънавию маърифатӣ дуюмбора ба вуҷуд омад.

Дар қаламрави Иттиҳоди шуравӣ, бахусус дар Тоҷикистони шуравӣ солҳои 50-80-уми асри XX марҳилаи авҷи навпардозиву тозакорӣ ва баёни афкору андешаҳои нав ба ҳисоб меравад. Дар баробари рушди самтҳои дигари илмиву фарҳангӣ эҳёи анъанаҳои классикӣ дар шакли наву муосир дар адабиёти муосири тоҷик ворид гардид. Намояндагони адабиёти муосири тоҷик дар давраи тақдирсози замони шуравӣ бо истифода аз вижагиҳои классикӣ таълифоти баландмазмун эҷод намуданд. Бо вуҷуди ин халқи тоҷик низ дар кутоҳтарин муддат ба давраи нашъунамо ва рушд мерасид.

Дар натиҷаи истиқболи замони шуравӣ дар адабиёти муосири тоҷик умумият ва фарқиятҳои сохториву маъноӣ ба миён омаданд. Ҳамгунӣ ва фарқиятҳо дар осори шоирону нависандагони муосир бо омилҳои зерин мушаххас мешаванд:

1. Воридшавии андешаҳои нав ва суннатшикании сохтори классикӣ дар осори мансур ва манзуми муосири тоҷик;
2. Навовариҳои маъноӣ дар сохту маъно;
3. Кутоҳнигарӣ ва дақиқназарӣ дар осори муосири тоҷик;
4. Воқеиятнигорӣ дар андешаҳои адибони муосири тоҷик;
5. Дигаргунӣ дар авзони назми муосири тоҷик.

Бар асоси таснифоти мазкур нимаи аввали асри XX адабиёти форсӣ-тоҷикӣ ба шохаҳои гуногун ҷудо шудааст. Бо ҷудо гардидани адабиёти форсӣ-тоҷикӣ омилҳои муосиршавӣ ва ҷаҳонишавӣ ба вуҷуд омаданд, ки минбаъд адабиёти тоҷик унвони «адабиёти муосири тоҷик»-ро гирифт.

Шоирону нависандагони муосири тоҷик ба муваффақиятҳои зиёди адабӣ ноил гардидаанд. Дар робита бо ин ҳарчанд ба адабиёти муосири тоҷик анъана ва навовариҳои зиёд ворид гардидаанд, адибони муосир аз осори намояндагони адабиёти форсӣ-тоҷикӣ таъсир пазируфтаанд. Абулқосим Фирдавсӣ аз зумраи шоирони классик мебошад, ки дар асарҳои мансуру манзум аз ӯ фаровон истифода гардидааст.

Анъанаи достонсароӣ дар адабиёти форсии тоҷикӣ таърихи қадимӣ ва бой дошта, дар асрҳои миёна рушдва ташаккул ёфтааст. Абулқосим Фирдавсӣ аз достонсароёни ҳамосавӣ ин давра маҳсуб меёбад. Адабиётшинос Р. Мусулмонқулов дар китоби «Анъана ва навоварӣ» вижагиҳои анъана ва навовариро дар жанрҳои адабӣ, ба мисли достон, ғазал, рубоӣ, дубайтӣ, мусаммат, тарҷеот, қасида ва мустазод таҳлилу таҳқиқ намудааст. Муҳаққиқ дар масъалаи анъана ва навовариҳо дар достоннависии адабиёти муосири тоҷик чунин қайд кардааст: «Шаклҳои навоварӣ дар достони муосири тоҷик пеш аз ҳама навигариҳои ҳаёти иҷтимоӣ, табиати методи (усули) реализми сотсиалистӣ ва шарофати таъсири адабиёти халқҳои бародар мебошад» [127, с. 44].

Воқеан, дар замони шуравӣ достонсароӣ ҳодисаи нав ва дорои навовариҳои бештар ба назар мерасад. Навоварӣ дар осори адибони тоҷик дар заминаи «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ ҳам аз ҷиҳати мундариҷа ва ҳам шакл бараъло баррасӣ мешаванд.

Дар заминаи «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ масъалаи анъана ва навоварӣ дар осори шоирону нависандагони муосир натиҷаҳои хуб додааст. Дар достонсароии муосири тоҷик, ки афкору

андешаҳои шоир ҷойи вижа доштаанд, достонҳои «Писари Ватан», «Аз Ганг то Кремл» ва «Ҷони ширин»-и М. Турсунзода, «Панҷи нооромъ»-и М. Миршакар, «Шоир ва шоҳ»-и М. Қаноат ва ғайра навовариҳои зиёд доранд. Дар ин достонҳо мазмуну муҳтаво нисбат ба шаклу миқдори мисраъ бештар риоя шудаанд. Илова ба ин, достонҳои муосир (марбут ба солҳои 50-80-уми асри XX) ҳамчун анъана ё мураббаъ ё мухаммасанд.

Яке аз шоирони навгаросаромадони шеъри нави тоҷик М. Қаноат достони «Шоир ва шоҳ» (с.1957) чунин назм кардааст:

Адлу инсоф дар гурез аз ӯ,
Мижаҳо дашнаю камон абрӯ.
Гар имое ба мижаҳо мекард,
Чанд сарро зи тан ҷудо мекард [43, с. 73].

М. Қаноат достонро ба шоҳи хунхор Темури ланг бахшида, аз сифатҳои пасттарини ӯ, чун зулму истибдод сухан гуфтааст. Ӯ дар офаридани достони мазкур аз Абулқосим Фирдавсӣ таъсир пазируфта, анъанаву навоварӣ ва қолаби навро истифода намудааст.

Шоирону нависандагони муосири тоҷик мафҳуми «анъана»-ро пос доштани осори арзишманди адибони класссик ва «навоварӣ»-ро тағйироти адабӣ ва талаботи замони шуравӣ медонистанд. Дар он замон адибони шуравӣ дар эҷод намудани осори бадеии худ аз анъанаҳои шоирони классик, бахусус Абулқосим Фирдавсӣ фаровон истифода намуданд, вале онҳоро бо диду назари тоза ва баробар бо сохти шуравӣ баён намуданд. Назари тоза ва афкору андешаҳои тоза дар адабиёти муосир навовариҳои зиёдро ворид сохтанд ва ду самти ҷудогонаро ба вуҷуд оварданд:

- таъсири ғоя ва сохтори давлатдорӣ дар эҷодиёти адибони шуравӣ;
- истифодаи афкору андешаҳои баландмазмуни шоирону нобиғагони форсии тоҷикӣ ва баробар кардани онҳо бо талаботи шуравӣ

Адибони муосир бо вуҷуди талаботи сохти шуравӣ пайваста кӯшиш намуданд, бо истифода аз афкору андешаҳои намояндагони

адабиёти форсӣ-тоҷикӣ ба адабиёти муосири тоҷик навовариҳои муассир ва ҷолиб ворид намоянд. Воқеан, ин омил дар эҷодиёти адибони муосири тоҷик барҷаста ифода ёфтааст. Дар ин замина чи дар осори манзум ва чи осори мансури адабиёти муосири тоҷик афкору андешаҳои классик бо шакли нав таҷассум ёфтаанд. Дар адабиёти муосири тоҷик навовариҳо дар ду шакл ифода ёфтаанд:

- бозтоби масоили ҳаводиси иҷтимоиву сиёсӣ бар пояи реализми сотсиалистӣ (шуравӣ);
- тағйирёбии шаклу сохтори осори адибони муосир ва анвои адабӣ.

Дар адабиёти муосири тоҷик бори нахуст навоварӣ аз ҷониби Садриддин Айнӣ сурат гирифтааст, ки адабиётшинос М. Шукуров (М. Шакурӣ) ин масъаларо чунин зикр намудааст: «Аз аввали револютсия аз шеъри С. Айнӣ «Марши ҳуррият» сар карда, мавзую масъалаҳои назм ба куллӣ дигар шуд. Дар натиҷа дар воситаҳои тасвир, қофияву бандсозӣ, ҳатто дар вазн дигаргуниҳо рӯй додан гирифтанд. Бо вуҷуди ин, структураи тафаккури бадеӣ дар шеър хусусиятҳои асосии анъанавиро бештар нигоҳ медошт ва мазмуни нав асосан ба тарзҳои куҳна ифода меёфт» [166, с. 80].

Адибони муосир минбаъд ба эҷоди навовариҳои назаррас пардохта, дар баробари ин, аз ақидаҳои волои шоирони классикӣ баҳраҳо бардоштаанд.

Ҳамин тавр, «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ низ ба осори шоирону нависандагони муосир таъсири амиқ расонидааст. Таъсирпазирии шоирону нависандагони муосир дар эҷоди осори худ аз афкору андешаҳои Абулқосим Фирдавсӣ маҳз дар ифодаи арзишҳои маънавӣ-маърифатӣ, аз ҷумла, мубориза барои ҳаёти шоиста, ғолибияти некӣ бар бадӣ, афкори воқеӣ-реалистӣ ва ғайраро маълум мешавад.

Оғози фаъолияти шоирону нависандагони муосир аз анъанаву навовариҳо сарчашма мегирад. Насли муосир ба навгониҳои иҷтимоӣ ва

адабии шуравӣ диққати махсус зоҳир намуда, ақидаҳои шоирони классик ҳифз намудаанд.

Дар достони «Ҳафтсад соли подшоҳии Ҷамшед»-и «Шоҳнома» шоир чунин гуфтааст:

Гаронмоя Ҷамшед фарзанди ӯй,
Камар баставу дил пур аз панди ӯй.
Баромад бар он тахти фаррух падар,
Ба расми каён бар сараш тоҷи зар.
Ҷаҳонро фузуда бад-ӯ обрӯй,
Фурӯзон шуда тахти шоҳӣ бад-ӯй.
Манам гуфт бо фарраи эзадӣ,
Ҳама шаҳрёриву ҳама мӯбадӣ [1, с. 58].

Арзишҳои маънавии ниёгон ва ашхоси таърихӣ аз ҷониби Муъмин Қаноат дар шеъри «Тахти Ҷамшед» чунин ифода ёфтаанд:

Чу боло мешавам бар маснади
хуршедии Ҷамшед,
Ки дорад ошён зид,
Ки дорад хокдон хуршед,
Дар он қасри хароботе, ки Дороро чу дунё буд,
Дирафши Ковиёнӣ найзае аз моҳ
боло буд [40, с. 48].

Анъана ва навоварӣ аз масъалаҳои муҳимми адабиёти замони шуравӣ ба ҳисоб рафта, дар маркази диққати шоирону нависандагони муосир қарор ёфтаанд. Муҳимтарини нуктаи масъалаи мазкурро, пеш аз ҳама, мубориза барои хештаншиносиву ҳувияти миллӣ ва ҳаракати озодихоҳонаи халқи тоҷик ташкил медод.

Халқи тоҷик дар тӯли беш аз ҳазорсолаҳои таърих ба муборизаву низоъҳои мухталифи иҷтимову сиёсӣ рӯ ба рӯ шудааст. Абдумалик Баҳорӣ ин воқеияти таърихиро дар шеъри «Орзу ва ҳақиқат» чунин ба қалам додаастааст:

Асрҳо рӯ ба қибла истода,
Саҷда мекард мардуми тоҷик.
То ки хуршед чеҳра бикшода,
Оварад рӯзҳои равшану нек.
Лек қибла ба ӯ мадад нанамуд,
Солҳо рафту боз сол омад.
Шафақи асри бист гулгун шуд,
Муждаи шодӣ аз шимол омад [23, с. 54].

Ашъори дар чунин мавзуъҳо офаридашуда муассир буда, насли шуравии тоҷикро ба арҷ гузоштан ба арзишҳои моддиву маънавӣ, пос доштани ҳувият ва худшиносии миллӣ талқин намудааст. Дар осори адибони муосири тоҷик мавзуи мазкур бештар дар таъсирпазирӣ аз афкору андешаҳои Абулқосим Фирдавсӣ эҷод шудаанд. Дар «Шоҳнома» мавзуъҳои ватанпарварӣ, раиятпарварӣ ва худшиносӣ аз мавзуъҳои меҳварӣ маҳсуб меёбанд:

Зи роҳи хирад бингарӣ андаке,
Ки маънии мардум чӣ бошад, яке.
Магар мардумӣ хира донӣ ҳаме,
Ҷуз инро надонӣ нишоне ҳаме [1, с. 28].

Мавзуъҳои «Шоҳнома» хирад ва хирадмандӣ, ки ганҷинаи бебаҳои фарҳанг мебошад, аз мавзуъҳои асосӣ маҳсуб меёбанд. Хушбахтона, шоирону нависандагони муосир ин мавзуъро барҷаста нишон додаанд.

Муъмин Қаноат, ки асари безаволро амиқ омӯхтааст, дар шеъри «Эй шоири Сомон» ғалабаи Коваи Оҳангар бар Заҳҳокро чунин тасвир намудааст:

Он рӯз, ки эъҷози ту бар Кова равон дод,
Ӯро зафару ном ба сад асру замон дод.
Бар куштани Заҳҳок чу ҳукми ту баромад.
Он ҳукм ба сарлавҳаи таърих даромад [40, с. 76].

Шоир мавзуи мазкурро «Достони Заҳҳок бо Коваи оҳангар»-и «Шоҳнома» чунин назм кардааст:

Бад-ӯ гуфт меҳтар ба рӯи дижам,
Ки «Баргӯй, то аз кӣ дидӣ ситам?»
Хурӯшиду зад даст бар сар зи шоҳ,
Ки «Шоҳо, манам Коваи додхоҳ!
Бидеҳ доди ман, омадастам давон,
Ҳаме нолам аз ту ба ранҷи равон [1, с. 95].

Таъсирпазириро дар адабиётшиносӣ *иқтибосоварӣ* ҳам меноманд, зеро адиб дар баробари истифода намудани қаҳрамонҳои «Шоҳнома» мазмуни достонро ҳам айнан баён менамояд.

Иқтибосовариро дар адабиётшиносӣ дар масъалаҳои зерин метавон баррасӣ намуд:

- айнан омадани мазмуну муҳтаво;
- шабоҳати мавзуӣ;
- нақли ҳаёти гузашта;
- риоя намудани забон ва услуби классикӣ;
- истифодаи ғоя ва санъатҳои бадеӣ.

Воқеан, зимни ба майдони адабиёти муосири тоҷик омадани як қатор адибони хушсалиқа таҳаввулоти зиёд ба вуҷуд омаданд. Таҳаввулоти он замонро бештар мавзуъҳои таърихию инқилобӣ дар бар мегирад. Мавзуи барҷастаи осори адибони муосир ин арҷ гузоштан ба фарҳангу маданият мебошад, Абулқосим Фирдавсӣ дар Шоҳнома»-и худ аз масъалаҳои вижа ҳисобидааст. Ӯ дар ғолиб шудан некӣ бар бадӣ дар зарбаҳои иҷтимоиву сиёсӣ ва набардҳои шадид, ки дар таърихи халқи форсу тоҷик пайваста ба вуқуъ пайвастаанд, ҳамеша ифтихор мекунад:

Ту аз бостон ёдгори манӣ,
Ба тахти каӣ зинҳори манӣ.
Ба разм – андарун *шери пояндаӣ*,

Ба базм – андарун шеди тобандаӣ [1, с. 228].

Чунин масъалаҳо дар осори адибони муосири тоҷик хеле зиёд ба назар мерасанд. Шоири навҷӯву навовари тоҷик Мирзо Турсунзода инсони замони шуравиро дар ашъораш «Фарзанди Инқилоб» номидааст:

Аз нури ту чашми ман дурахшон,

Аз рӯйи ту маҳфилам чароғон.

Пурнур ту мисли офтобӣ,

*Фарзанди азизи инқилобӣ* [1, с. 95].

Адибони ватандӯст ва раиятпарвар дар замони шуравӣ роҳи нав, роҳи дӯстӣ, рафоқат, хирад ва хирадмандиро интихоб намуданд. Дар он беҳтарин ғояҳо, ба мисли озодӣ, дӯстӣ ва сулҳ амал кардаанд, ки халқи шуравӣ бо он ифтихор намудаанд. Ҳадафи Абулқосим Фирдавсӣ дар ифодаи «*шери поянда*» шахсони мубориз мебошад, ки ин матлабро шоири муосири тоҷик «*фарзанди азизи инқилоб*» номидааст.

Ба вуҷуд овардани анъана ва навоварӣ дар адабиёти муосири тоҷик умумият ва фарқияти зиёдро ба миён овардааст. Дар осори мансур ва манзуми худи адибони муосир дар мавриди вожаҳои махсуси ба сохти шуравӣ вобастабуда истифода шудаанд. Масалан, вожаҳои «*васл*», «*висол*», «*ошиқ шудан*» ва «*май*»-и адабиёти форсӣ-тоҷикӣ ба вожаҳои нави «*муҳаббат бастан*», «*дил бастан*» ва «*бахт*»-и адабиёти муосири тоҷик, ки ишқу муҳаббатро ифода мекунанд, тағйир ёфтаанд.

Чунончи, дар «Шоҳнома» омадааст:

Вале *ишқ* пинҳон намонад, ки роз,

Ба мардум намояд ҳаме ашк боз.

Ғами ҷон барорад хурӯш аз дарун,

Агарчанд *ошиқ* бувад зуфунун [2, с. 246].

Мирзо Турсунзода ҳарчанд дар шакли нав ашъорашро эҷод намудааст, мавзуи ишқро ба мисли шоирони адабиёти классикӣ тасвир намудааст. Ӯ дар либреттои «Тоҳир ва Зуҳро» чунин гуфтааст:

Ҷонона маро ту *ёр* ҳастӣ ё не?

Дар ваъдаат устувор ҳастӣ ё не?

Кардам ба умед ман сафар аз раҳи дур,

Ту дар раҳам интизор ҳастӣ ё не? [63, с. 121].

Абёти боло далели фаровон истифода намудани андешаҳои шоирони классикӣ аз ҷониби адибони муосири тоҷик мебошад. Жанрҳои адабӣ ҳарчанд дар ин давра аз ҷиҳати сохту таркиб тағйир меёфт, мазмуну муҳтаво ва маънӣ комилан нигоҳ дошта шудаанд.

Адибони муосири тоҷик ҳамеша кӯшиш намуданд, ки эҷодиёташон нисбат ба эҷодиёти шоирони классикӣ равонтар, соддатар ва амиқтар бошанд ва мазмуну моҳияти онҳо низ характери раиятпарварона ва миллигароёна дошта бошад.

Мавзуи ҷашни Наврӯз дар замони шуравӣ аз ҷониби адибон нисбат ба замони гузашта осонтар ба қалам дода шудааст. Осонбаёнии адибони шуравӣ боиси ҳифз намудани арзишҳои моддиву маънавӣ, анъанаҳои қадимаи ниёгон ва муқаддасоти миллӣ гардидаанд.

Абдумалик Баҳорӣ дар радифи адибони муосири тоҷик ин масъалаҳоро чунин назм кардааст:

Зи шодӣ дидаи наргис хумор аст,

Дили лола зи ишқаш доғдор аст.

Баҳор асту баҳор асту баҳор аст,

Муборак Иди Наврӯз! [19, с. 23].

Шоир арзишҳои миллиро дар «Шоҳнома» чунин назм кардааст:

Ҳамасола бахти ту пирӯз бод,

Ҳама рӯзгори ту Наврӯз бод!»

Бирафту бибурд он, ки буд нӯзарӣ,

Саворони ҷанговару лашкарӣ

Ба ҳар кор бахти ту пирӯз бод,

Ҳама рӯзгори ту Наврӯз бод! [3, с. 326].

Воқеан, адибони шуравӣ, бахусус адибони муосири тоҷик дар эҷодиёти худ арзишҳои моддиву маънавии ниёгонро басо зиёд истифода

намудаанд. Насли тоҷик дар баробари наслҳои дигари шуравӣ масъалаҳои маънавӣ, ахлоқӣ ва маърифатии ниёгони худро маҳз дар осори адибони муосири тоҷик дарёфта, дар руҳияи онҳо ҳаёти шоиста доштаанд. Ин амалҳо асоси тарбияи насли ҳозира гаштаанд, ки дар замони соҳибистиқлолии кишвар халқи тоҷик муқаддасоти миллиро ҳифз мекунанд.

Чунончи матолиби боби мазкур анъана ва навоварӣ дар пояи афкору андешаҳои Абулқосим Фирдавсӣ дар бар мегирад, дар осори илмиву адабӣ ба пуррагӣ роҳ ёфтаанд. Дараҷаи таъсирпазирӣ аз «Шоҳнома» дар адабиёти муосир арзишманд ва дархури таваҷҷуҳ арзёбӣ шудааст, зеро эҷодиёти манзум ва мансур дар истифодаи манобеи куҳан ва анъанаҳои қадима таълиф гардидаанд.

Дар эҷодиёти намояндагони адабиёти муосири тоҷик анъана ва навовариҳои шоиста назаррасанд, ки таваҷҷуҳ ва таҳқиқи онҳо ҷиҳати норавшан будан дар дар адабиётшиносии тоҷик аҳаммияти вижа дорад.

Хулоса, «Шоҳнома» дар замони шуравӣ ба назму насри адабиёти муосири тоҷик таъсири амиқ расондааст. Абулқосим Фирдавсӣ ҷаҳонбинии бадеии адибони муосирро то андоза васеъ намуда, андешаҳои ниёгон, чун озодӣ, адолат ва ҷасоратро бештар талқин намудааст. Ошкор сохтани таъсири афкору андешаҳои шоир ба эҷодиёти адибони тоҷик таҳқиқу пажуҳишҳои дақиқтару мӯшикофонатар намудааст. Таваҷҷуҳ намудан ва таъсир пазируфтани шоирону нависандагон гувоҳи ба вуҷуд овардани дастовардҳои тозаро дорад, ки хушбахтона ин анъана то ҳанӯз идома дорад.

# БОБИ III. ТАЪСИРИ ҒОЯҲОИ МЕҲВАРИИ «ШОҲНОМА» ДАР ТАШАККУЛ ВА РУШДИ АФКОРИ АДАБИИ ТОҶИК

## (солҳои 50-80-уми асри XX)

### 3.1. Вижагиҳои ғоявии «Шоҳнома» дар ташаккули афкори адабии тоҷик

Адабиёти муосири тоҷик ҳамчун қисми устувор ва идомадиҳандаи адабиёти форсӣ-тоҷикӣ ҳамеша бар пояи ғоя ва анъанаҳои ғании адабиёти форсӣ-тоҷикӣ қарор дорад. Осори намояндагони адабиёти форсии тоҷикӣ, ки дорои ғояҳои инсонгароӣ, ватанпарварӣ, худшиносии миллӣ ва ғайра мебошад, ба адабиёти муосири тоҷик таъсири муассир гузоштааст. Дар заминаи мазкур вижагиҳои ғоявии Абулқосим Фирдавсӣ дар адабиёти муосири тоҷик мақоми хосса доранд. Таъсири афкору андешаҳои Абулқосим Фирдавсӣ дар баробари адабиёти муосири тоҷик ба ҷомеаи шуравӣ беандоза аст, «зеро «Шоҳнома»-и ӯ аз ҷиҳати мавзуъ, мундариҷаю образҳо, масъалаҳои шакли бадеӣ ва ғайра на танҳо дар замони офаринишаш, балки дар тамоми давраҳои минбаъдаи адабиёти тоҷику форс (метавон гуфт адабиёти ҷаҳон) ҳамчун беҳтарин эпопея (ҳамоса) ба шумор меравад» [126, с. 2].

«Шоҳнома» дар пояи қонунҳои давлатдорӣ ва ҷараёни идеологияи шуравӣ дар афкори халқи тоҷик таъсири муассир расонидааст. Теъдоди бештари одамони шуравӣ «Шоҳнома»-ро бо ҷаҳонбинӣ ва руҳияи нав дарк намуда, бо мазмуни инқилобӣ, адолати иҷтимоӣ, озодии инсон, ҳаёти меҳнаткашон ва синфи баробар дарк намуданд.

Асари мазкур ҳарчанд дар нигоҳи аввал аз шумори манзумаҳои ҳамосӣ ба шумор меравад, аммо дар назари баъдӣ манбаи омӯзандаи ахлоқи шоиста ва маданияти воло мебошад. Ин асар мисли оинаест, ки воқеият, авзоъ ва фарҳанги ниёгонро бозтоб мекунад. Афкори тарбиявӣ ва ахлоқӣ аз масъалаҳои муҳим ва густурда буда, дар меҳвари ҷомеаи башар қарор доранд.

Абулқосим Фирдавсӣ дар радифи шоирони форсу тоҷикӣ ҳамчун шоири гуманисти воқеӣ шинохта шудааст. Шоир пайваста инсониятро ба роҳи ҳақиқат ва талошу мубориза баҳри амалҳои воқеӣ роҳнамоӣ мекунад. «Шоҳнома», ки дар зарфи қариб садсолаи замони шуравӣ ба халқу миллатҳои гуногун хизмат намудааст, шоирро дар арсаи умумишуравӣ ва байналмилалӣ муаррифӣ намуд. Муаррифии шоир дар баробари баргузории даҳаҳо ва ҷаласаҳои дохиливу берунӣ, ки ҳазораи шоир ба соли 1991 мувофиқ омад, дар байни зиёиёни равшанфикр ва ашхоси солимфикр низ сурат гирифт. Дар ин ҳамоиш муҳаққиқону донишмандон ва фирдавсишиносони Тоҷикистон, Эрон, Афғонистон, Покистон ва ҳатто қораи Ҳинд иштирок ва суханронӣ намуданд. Аҳли илму адаби ҷаҳон дар остонаи Ҳазораи Фирдавсӣ андешаҳои зиёди илмиву пажуҳишии шоирро анҷом додаанд, ки чанде аз онҳоро дар боби мазкур зикр намудем.

Таҳлили масоили ғоявию бадеӣ ва арзишҳои маънавию маърифатӣ, ба мисли панду андарз, хирадмандӣ, инсондӯстӣ, худшиносӣ, донишомӯзӣ, ватандӯстӣ, ҳувияти миллӣ ва дигар арзишҳои воло на танҳо дар маркази диққати муҳаққиқон ва мунаққидон қарор дорад, балки сиёсатмадорон низ ба масъалаи мазкур таваҷҷуҳи вижа зоҳир намудаанд. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон афкори инсондӯстона ва ватанпарваронаи Абулқосим Фирдавсиро чунин шарҳ додааст: «Ҳаким Абулқосим Фирдавсӣ ба сифати як инсони покнажоду покгуҳар ва шахсияти нобиғаву достонсарои беҳамто, султони шеъру адаби форсигӯёни ҷаҳон воқеан фалсафаву адаби моро неруи тоза бахшида, шеърро ба ҳар дард даво ва ёвару мададгор ва ҷонбахши мардум гардонид. Фалсафаи манзуми ӯ моломоли ғояҳои ватанпарастӣ, башардӯстӣ, покию нафосат, сулҳу сафо, панду андарз ва ахлоқи ҳамида, шеъри набарду мубориза ва ҷонбозиҳо дар роҳи озодии халқу Ватан, дар роҳи адолату ростӣ аст» [135, с. 230].

Тавонмандӣ ва инсонсолории Абулқосим Фиравсӣ маҳз дар офаридани ғояҳое чун ватанпарварӣ, башардӯстӣ, мубориза барои марзу бум ва амсоли инҳо ошкор мешавад. Шоир достонҳоеро таълиф намуд, ки форстаборон ва форсизабонони ҷаҳон то ҳанӯз арзишҳои моддиву маънавиашонро нигоҳ медоранд.

Муҳаққиқони ҷаҳон «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсиро сарчашмаи гаронарзиши таърих, забон, адабиёт ва маданияти форсии тоҷикӣ меҳисобанд. Доир ба ин масъала муҳаққиқи тоҷик А. Афсаҳзод чунин андешаронӣ намудааст: «Асари безавол барои омӯхтани таърих, маданият, урфу одат, забон ва адабиёти мардумони тоҷику форс чун сарчашмаи гаронбаҳо хидмат мекунад» [94, с. 3].

Шоири тавоно таърих ва воқеиятҳои онро бо шинохти назарҳои мухталиф баррасӣ кардааст. Баёни воқеият дар асар лаҳзаҳои ҳассосу созандаро муайян мекунад. Абулқосим Фирдавсӣ дар радифи намояндагони адабиёти форсӣ-тоҷикӣ бо «Шоҳнома»-и худ насли ҷомеаи шуравиро дар руҳияи арзишҳои ахлоқиву маданӣ тарбия намудааст. Дар ин маврид «Шоҳнома» масъалаҳои зеринро дар бар мегирад:

– ғояҳои инсондӯстӣ ва башардӯстӣ дар «Шоҳнома»;
– ғояҳои дӯстӣ ва бародарӣ дар «Шоҳнома»;
– ғояҳои ватанпарварӣ дар «Шоҳнома».

### *А) Ғояҳои инсондӯстӣ ва башардӯстӣ дар «Шоҳнома»*

Дар адабиёт ва фарҳанги форсии тоҷикӣ шоирону нобиғагони зиёд ғояҳои инсондӯстӣ ва башардӯстиро офаридаанд, аммо Абулқосим Фирдавсӣ дар «Шоҳнома»-и худ ин мавзуъҳоро бо назари тоза таҷассум намудааст.

Дар шоҳкории ҳамосавии «Шоҳнома» инсон бо сифатҳои хирадгарой, мардонагӣ ва садоқатмандии худ меҳвари асосӣ ба ҳисоб меравад. Байтҳои зери шоир гувоҳи гуфтаҳои болоянд:

Ҷавонмардӣ аз корҳо пеша кун,
Ҳама некувӣ андар андеша кун.
Чу гӯӣ, к-аз ӯ ман расидам ба ком,
Нигаҳ кун, ки он ком банд асту дом [9, с. 259].

Бо нишон додани роҳи ҳақиқат ва андешаҳои инсондӯстона шоирону бузургон тавассути ашъори гаронбаҳои худ ба дили оламиён роҳ ёфтаанд. Ба хотири гиромидошти руҳи Фирдавсӣ донишмандону муҳаққиқон ва умуман, аҳли адаб бузургдошту ҷашнвораҳо ва конфронсҳои байналмилалиро дар саросари дунё, бахусус, дар Тоҷикистону Ӯзбекистон, Эрону Озарбойҷон, Ҳиндустону Покистон, Афғонистон, Россия, Аврупову Амрико ва ғайра бо шукӯҳу шаҳомати баланд баргузор намудаанд. Пас аз ҳамоишу ҷашнвораҳои «Ҳазораи Фирдавсӣ» (соли 1934) «Ҳазораи «Шоҳнома» (соли 1994 аз тарафи ЮНЕСКО дар Эрону Тоҷикистон) ва ғайра ҷашн гирифта шудааст, ки дар заминаи он як қатор таҳқиқоти илмӣ ба анҷом расидаанд. Пос доштан ва рӯ овардани муҳаққиқон ба осори Фирдавсӣ маҳз ба андешаҳои хирадмандонаву инсондӯстонаи ӯ вобастагӣ дорад. Дар тӯли таърих бештари осори шоирону нависандагони классикӣ бар асари ҳуҷумҳои аҷнабиён нобуд гардидаанд. Хушбахтона, «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ то замони муосир маҳфуз мондааст.

«Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ, ки бо мавзуъҳои баландмазмуну рангин ва инсондӯстонаи худ, чун ахлоқ, тарбия ва вуҷуди инсон дар миқёси ҷаҳон маълуму машҳур гаштааст, дар асарҳову мақолаҳои донишмандон, шарқшиносон ва муҳаққиқони маъруф Е.Э. Бертелс, И. Орбери, М. Дяконов, С. Айнӣ, А. Лоҳутӣ, А. Мирзоев, Э. Браун, И.С. Брагинский, М. Усмонов, Х. Мирзозода, З. Аҳрорӣ, Р. Ҳодизода, М. Раҷабов, З. Сафо, М. Минавӣ, М.И. Нудушан, А. Массэ, Я. Рипка, Х. Шарифов, А. Сатторзода, В. Самад ва дигарон ишораҳо шудаанд.

Доир ба арзишҳои ахлоқӣ ва инсондӯстонаи «Шоҳнома» адабиётшиноси тоҷик М. Муллоаҳмад монографияи илмӣ таҳти унвони «Паёми ахлоқии Фирдавсӣ»-ро таълиф намудааст, ки ба нукоти зиёди ин масъала ҳусни таваҷҷуҳ зоҳир шудааст. Муаллиф дар мавриди тарбияву ахлоқи шоистаи инсон чунин ибрози назар намудааст: «Дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ ҳам баёни панду андарз ва андешаҳои ахлоқӣ бо инсон сахт марбутанд ва аз ҳам ҷудо нестанд. Ин ҷанбаҳо дар тамоми ҳаёти инсон ҳамчун арзиши маънавӣ хизмат мекунанд» [122, с. 12].

Ақидаҳои инсондӯстонаи Абулқосим Фирдавсӣ бештар дар тарбияи наслҳои гуногуни ҷомеа зоҳир мегардад. Ба қатори он некиву накӯкорӣ, дӯстиву рафоқат, иззату ҳурмат ва дигар хислатҳои ҳамидаи инсонӣ дохил мешаванд.

Ҳаёти иҷтимоӣ ва муносибатҳои инсонӣ дар «Шоҳнома» бо арзишҳои инсондӯстона нишон дода шудаанд. Абулқосим Фирдавсӣ дар ҳамосаи худ бо нишон додани образҳои манфӣ арзишҳои маънавии инсониро боло гузоштааст, зеро некӣ ҳамеша бар бадӣ ғалаба мекунад.

Шоир дар «Шоҳнома»-и худ қисмати алоҳидае бо номи «Гуфтор андар ситоиши хирад» ҷой додааст, ки пурра арзишҳои волои инсониро таҷассум мекунад:

Кунун, эй хирадманд, арҷи хирад
Бад-ин ҷойгаҳ гуфтан андархурад.
Хирад беҳтар аз ҳарчӣ Эзад-т дод,
Ситоиш хирадро беҳ аз роҳи дод [1, с. 25].

Дар ҷойи дигар шоир ба инсоният рӯ оварда, чунин панд медиҳад:

Хирадманд бошеду равшанравон,
Ниюшандаву чарбу ширинзабон.
Гар эдун, ки қайсар ба майдон шавад,
Камон хоҳаду гар ба чавгон шавад [9, с. 26].

Симои баъзе қаҳрамонон дар шоҳкории ҳамосии «Шоҳнома» бо сифатҳои ҷавонмардӣ, хирадгароӣ ва ғайра шарҳу тавзеҳ дода шудааст.

Ин мавзуъҳо аҳли башарро дар руҳияи инсондӯстӣ, хайрхоҳӣ ва дигар хислатҳои ҳамидаи инсонӣ тарбият мекунанд. Ҳаким Фирдавсӣ дар ин бобат чунин мегӯяд:

Зи бад то тавонӣ, сиголиш макун,
Аз ин марди донанда бишнав сухун.
Чу гуфтору кирдор некӯ кунӣ,
Ба гетӣ равонро беоҳу кунӣ [9, с. 259].

Инсондӯстӣ дар «Шоҳнома» нисбат ба дигар асарҳои оламшумули ҷаҳонӣ дорои вижагиҳои махсуси иҷтимоӣ-сиёсӣ буда, аз ҷониби қаҳрамонҳои ин асар ба ҳар гуна восита риоя мешавад. Шоҳи Эрон – Фаридун мамлакатро ба се фарзандаш тақсим намудааст ва маркази онро ба писари хурдӣ – Эраҷ ва гирду атрофи онро ба ду писари бузургтараш – Салм ва Тур додааст:

В-аз он пас чу навбат ба Эраҷ расид,
Мар ӯро падар шаҳри Эрон гузид.
Ҳам Эрону ҳам Дашти Найзаварон,
Ҳамон тахти шоҳиву тоҷи сарон [1, с. 150].

Васфи инсон дар адабиёту фарҳанги форсу тоҷик аз давраҳои қадим аз мавзуъҳои асосӣ ба ҳисоб меравад. Дар осори бузургони адабиёти форсӣ-тоҷикӣ, бахусус, Абулқосим Фирдавсӣ қудрату тавоноии инсон дар мисоли тасвири симои шоҳону паҳлавонон, хирадмандону донишмандон шарҳ дода шудааст. Ҳаким Фирдавсӣ ақлу хирадро, ки меҳвари ҳастии инсоният мебошад, ситоиш кардааст:

Касе к-ӯ ба бахшиш тавоно бувад,
*Хирадманду* бедору доно бувад,
Набояд, ки бандад дари ганҷ сахт,
Бавижа худованди дайҳиму тахт [5, с. 8].

Осори арзишманди мутафаккирони форсии тоҷикӣ, аз ҷумла, «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ дар дарозои таърих моҳияти худро аз даст надода, дар равандҳои таърихии сиёсӣ-иҷтимоӣ бо тобишҳои

гуногун омӯхта мешаванд, зеро мухтавои асосии онҳоро анъанаҳои инсондӯстиву эҳсосоти башардӯстӣ ва пос доштани дӯстӣ ташкил медиҳад. Ин масъала дар «Шоҳнома» чунин баён шудааст:

Ҳамон дӯстӣ бо касе кун баланд,
Ки бошад ба сахтӣ туро ёрманд.
Ту бар анҷуман хамӯшӣ баргузин,
Чу хоҳӣ, ки яксар кунанд офарин [9, с. 8].

Ҳамин тавр, «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ, ки аз андешаҳои инсондӯстона таркиб ёфтааст, дар баробари шоҳкорҳои дигари намояндагони адабиёти форсӣ-тоҷикӣ симоҳои барҷастаи Шарқро нишон медиҳад. Афкору андешаҳои баландмазмун, чун инсондӯстиву башардӯстонаи шоир саҳифаҳои дурахшони таърихиро кушодааст ва ҳаёти гуманизми башариятро абадӣ нигоҳ медоранд.

Ҳарчанд «Шоҳнома» дар асоси ғояҳои асримиёнагӣ иншо шудааст, аммо арзишҳои воқеии он то ҳанӯз куҳна нагардидаанд. Ҳар гуна консепсияҳои инсондӯстонаи ироагардидаи муосир дар ин асари безавол дарҷ ёфтааст.

Давраи шуравӣ ҳарчанд ба сифати давраи нав дар ҷомеаи муосир ба таҳаввулоти назаррас рӯ ба рӯ гардидааст, аммо арзишҳои маънавии башариву инсонӣ, чун муқаддасоти миллӣ-фарҳангӣ ва донишу малакаҳои гуногуни соҳавию касбӣ ҳифз шудаанд ва «Шоҳнома» ба сифати манбаи илмиву адабӣ минбаъд низ арзишҳои маънавӣ, фарҳангӣ ва миллии халқи тоҷикро таъмин менамояд.

Абулқосим Фирдавсӣ воқеаҳои тезутунди таърихии иҷтимоиву сиёсиро барҷаста ва муассир ба қалам додааст. Чунин мушкилиҳо дар давраҳои гуногуни ҳаёти инсоният фоҷеаҳои воқеиро ба вуҷуд меоранд. Зимни чунин тазодҳо масъалаҳое чун маргу зиндагӣ, рашку ишқ, каҷиву ростӣ, мушкилиҳои давлатдорӣ, ҳиссиёти маънавӣ ва ғайра ҳаллу фасл мешаванд.

Таъсири осори шоирони классикӣ, аз ҷумла, Абулқосим Фирдавсӣ ва вобастагии адабиёти давраҳои баъдӣ бо адабиёти асри X аҳаммияти вижа дорад. Воқеан, дар офаридани ҳар гуна осор дар марҳалаҳои гуногуни таърихӣ ташбеҳоти зиёд мавҷуданд, ки дар ин бора шарқшиноси рус Е.Э. Бертелс чунин қайд кардааст: «Шубҳае нест, ки робитаи адабиёти асри X бо эҷодиёти минбаъдаи шоирон бузург аст ва образу ташбеҳоти ҷудогонаи он вақтро ҳоло низ дида метавонем» [97, с. 42]. Ҳадафи муҳаққиқ нишон додани таъсири афкори адабӣ ва равонӣ ба шоирони минбаъдаи на танҳо Шарқ, балки Ғарб низ мебошад.

Дар раванди воқеаҳои таърихии сиёсиву иҷтимоӣ афкор ва ғояҳои таблиғнамудаи Абулқосим Фирдавсӣ аз байн нарафтаанд, зеро онҳо арзишҳои равониву маърифатӣ доранд. Вобаста ба масъалаи мазкур адабиётшиноси тоҷик Х. Шарифов бар ин назар аст: «Тағйироти ҳаёти сиёсӣ ва иҷтимоии нимаи дуюми асри XI ба мавзуъ, мундариҷа ва хусусиятҳои шаклии адабиёт бетаъсир намондаанд. Дар ин давра достонҳои тамоман типи нав, ки аз асарҳои асри X ва ибтидои асри XI ба куллӣ фарқ доштанд, ба вуҷуд омад» [162, с. 27].

Дар баробари ин, Абулқосим Фирдавсӣ» ғояҳои инсондӯстиро дар «Шоҳнома» дар асоси тасвири сарнавишти таърихии ниёгони худ овардааст. Шоир тавассути қаҳрамонҳои некхоҳу боиродаи худ баҳри озодии инсоният пайваста мубориза бурдааст. Ӯ амалҳои ваҳшиёнаву хунини феодалӣ, қассоси гуруҳӣ, фикрҳои куҳнаву хурофотӣ ва ғайраро маҳкум намудааст.

Расул Ҳодизода роҷеъ ба Абулқосим Фирдавсӣ ва «Шоҳнома»-и ӯ чунин ишора намудааст: «Ғояҳои инсондӯстӣ, тарғиби адлу инсоф ва донишу маърифат, танқид ва мазаммати зулму истибдод ва беадолатиҳо – ҳамаи ин манзумаҳои баланд дар шоҳасарҳои Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Ҳофизу Саъдӣ, Ҷомию Аҳмади Дониш бо санъати такрорнашавандаи каломи бадеӣ ифода ёфтаанд. Таъсири бузурги ин асарҳо ба фаҳму завқи

хонандаи имрӯз низ дар ҳамин санъати олии ин симоҳои ҷовидонии адабиёти мост» [157, с. 190].

Симои қаҳрамонҳои асари Абулқосим Фирдавсӣ гуногун тасвир ёфтаанд ва дар миёни онҳо шоҳу сарватманд ва хизматгору гадо дорои хислатҳои неку бад мебошанд.

Осори Абулқосим Фирдавсӣ дорои мазмуну муҳтавои ҷиддӣ ва омӯзанда мебошанд. Метавон гуфт, ки дар фирдавсишиносӣ ба ғайр аз таҳлили арзишҳои миллӣ муносибатҳои равонӣ ва шахсӣ ҷойи хоссаро касб намудааст. Бо омӯхтани муносибатҳои мухталифи қаҳрамонҳои офаридаи Абулқосим Фирдавсӣ шахсияти воқеии инсонӣ муайян карда мешавад. Ҳамчунин, дар асоси муносибатҳои тарафайни қаҳрамонони асар муносибати ҷомеа бо ҳукумат мушаххас мегардад. Вобаста ба ин муҳаққиқи рус И. Ковалкин дар китоби худ зери унвони «Шахсият ва давлат дар драмаҳои Шекспир» («Личность и государство в исторических драмах Шекспира») чунин баёни андеша намудааст: «Масъалаҳои таърихӣ ва этникӣ ба зиндагии шахсӣ ва давлатдорӣ алоқаманд аст, ки он дар давраи Эҳё муайян гардид. Барои омӯхтани равандҳои таърихиву сиёсӣ характери ҳаматарафаи шахсият ва муносибати он бо ҷомеа шарт ва зарур аст» [111, с. 4].

Сухан ва мақоми суханвар дар замони шуравӣ аз мавзуъҳои муҳимми ҷомеа ба ҳисоб меравад, ки дар «Шоҳнома» низ мавқеи калон дорад. Дар ин бора муҳаққиқи тоҷик Ш. Асроров чунин ибрози назар намудааст: «Абулқосим Фирдавсӣ дар «Шоҳнома»-и хеш доир ба сухан, фазилати сухандонию сухансанҷӣ ва ғайра як қатор фикру мулоҳизоти пурқимат баён намудааст, ки истифода ва қабули он аҳаммияти калони тарбиявӣ ва маърифатӣ дорад» [93, с. 2].

Воқеан, тамоми розу ниёзҳои нек ва рафтору кирдори ҳамида бо сухани хуб ифода меёбанд, ки ин нукта дар «Шоҳнома» бо тамоми ҷузъиёташ ба тасвир омадааст:

Сухан ҳар чи з-ин гавҳарон бигзарад,

Наёбад бад-ӯ роҳ ҷону хирад.

Хирад гар сухан баргузинад ҳаме,

Ҳамонро гузинад, ки бинад ҳаме [1, с. 23].

Муҳаққиқи тоҷик Ш. Камол бошад, дар баробари дигар вижагиҳои ғоявӣ доир ба мавзуи ватанпарварӣ дар «Шоҳнома» чунин ибрози назар кардааст: «Тамоми достонҳои «Шоҳнома»-и безаволи ӯ дар руҳияи инсондӯстӣ ва ватанпарварӣ навишта шудаанд. Дар ин асари калонҳаҷм ӯ ба илму маърифат баҳои баланд дода, тараққиёти ҷамъиятиро дар ҳамин ду чиз донистааст» [109, с. 4].

Абулқосим Фирдавсӣ ватанпарвариро, барҳақ, ба маънои нигоҳ доштани марзу бум аз душман маънидод кардааст:

Дарахтони бисёру бо киштварз

Касе худ надидаст аз ин гуна марз.

Зи ҳар пешакору зи ҳар мевадор

Дар ӯ офаридаст парвардгор [1, с. 386].

Воқеан, дар замони муосир, ки замони ҷаҳонишавӣ ва рушди илму технология унвон дорад, масъалаҳои маънавию маърифатӣ ва ботиниву ахлоқӣ ҷойгоҳи вижа дорад. Аз ин рӯ, осори арзишманди ниёгонамон дар ҳар гуна ҳолатҳои воқеӣ ва вазъияти сиёсиву иҷтимоӣ хизмати шоиста намудааст, зеро дар марҳалаи минбаъда ва даврони муосир инсондӯстӣ аз ғояҳои асосии осори онҳо маншаъ мегирад.

### *Б) Ғояҳои дӯстӣ ва бародарӣ дар «Шоҳнома»*

«Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ дар баробари тараннуми андешаҳои гуногуни маънавию маърифатӣ арзишҳои равонӣ ва ботиниро дар бар мегирад, ки одамонро новобаста аз миллат, мазҳаб ва маданият ба ҳам муттаҳид менамояд. Вобаста ба ин, ғояҳои дӯстиву бародарӣ аз муҳимтарин мавзуъҳои «Шоҳнома» ба ҳисоб рафта, халқҳои гуногунфарҳангу гуногунзабони шуравии солҳои 50-80-уми асри XX-ро бо ҳам пайвастаанд.

Ҷанбаи дӯстии бисёрмиллатаи Иттиҳоди шуравӣ ба мавзуъю муҳтавои ғояҳои дӯстиву бародарии «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ шабоҳати зиёде дорад. Дӯстии миллатҳо аз оғоз то завол ёфтани Иттиҳоди шуравӣ сутуни мустаҳкам маҳсуб меёфт. Дӯстиву бародарӣ дар ин марҳалаи таърихӣ бештар пас аз Ҷанги Бузурги Ватанӣ эҳсос мешуд.

Дӯстиву бародарӣ ва муттаҳидӣ аз мавзуъҳои муҳимми «Шоҳнома» ба ҳисоб рафта, арзишҳои ахлоқӣ-тарбиявиро нишон медиҳанд. Вобаста ба ин, муҳаққиқи тоҷик С. Ҳасанова чунин гуфтааст: «Масъалаи дӯстӣ дар «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ яке аз унсурҳои муҳимтарини ахлоқ ба ҳисоб меравад. Дӯстӣ ҳамчун қисми таркибии некӣ одамонро ба якдигар муттафиқ ва наздик мекунад» [194, с. 33].

Шоир барои ба даст овардани дӯстиву рафоқат ва бародарӣ онро бо ҷиҳатҳои гуногун чун ёдоварӣ аз касе ва ё чизе тасвир кардааст. Ба ҳамин маънӣ, Абулқосим Фирдавсӣ барои ҳифзу нигаҳдошти дӯстиву бародарӣ мубориза ва кӯшиш намуданро ба башарият талқин намудааст:

Хирадёфта марди некисигол,
Ҳаме *дӯстиро* бичӯяд ҳамол.
Чу хуррам ба мардум бувад рӯзгор,
На некӯ бувад бесипаҳ шаҳрёр [1, с. 131].

Воқеан, дар замони шуравӣ дар баробари дигар қоидаҳо шиорҳои халқӣ, чун «*якдилии халқҳо*» ё «*дӯстии халқҳо*» дар ҷомеа басо маълум будаанд.

Ҳукумати Шуравӣ дӯстиву бародариро на танҳо рамзи сулҳ, балки муваффақияту комёбиҳои Иттиҳоди Шуравӣ ҳисобидааст. Дар заминаи ин муҳаққиқи рус А. Эделман чунин навиштааст: «Дӯстии бародаронаи халқҳои сершумори Иттифоқи Советӣ мустаҳкам ва матин буда, онҳоро абадан ба як оилаи тифоқ муттаҳид намудааст. Яке аз хусусиятҳои махсуси ин маданият ва дар баробари ин яке аз муҳимтарин сарчашмаҳои тараққии муваффақиятноки ин маданият иборат аз он аст,

ки дар байни халқҳои бародари ИҶШС (шуравӣ) мубодилаи доимии ганҷинаҳои маданӣ, мубодилаи комёбиҳои илм, адабиёт ва санъат хелеривоҷу равнақ ёфтааст» [172, с. 104].

Абулқосим Фирдавсӣ мисли дигар шоирон ва мутафаккирони форсии тоҷикӣ дар офаридани суханҳои баландмазмуну гаронмоя ҳамеша кӯшиш кардааст. Ҳадафи асосии таълифи чунин шоҳкориҳои азим баҳри тарбияи насли минбаъда будааст. Роҷеъ ба ин муҳаққиқони тоҷик Ш. Қосимов ва С. Ҳакимов дар мақолаи худ таҳти унвони «Бузургони назми тоҷик дар шаъни дӯстӣ» чунин навиштаанд: «Яке аз саромадони адабиёти классикии форс-тоҷик Абулқосим Фирдавсӣ, ки бо «Шоҳнома»-и безаволи худ машҳури ҷаҳон гаштааст, ғояҳои дӯстиро тараннум ва тарғиб намудааст. Ӯ мегӯяд, ки дӯстиро на бо ҳар кас, балки бо он касе бояд намуд, ки вай дар вақти тангдастию сахтӣ ба ту ёрӣ расонад» [114, с. 2].

Абулқосим Фирдавсӣ мутафаккири нуктасанҷ буда, барои нишон додани фазилатҳои инсонӣ ҳама вақт рӯшноиро бар торикӣ, некиро бар бадӣ, сулҳро бар ҷанг ва дӯстиро бар душманӣ ғолиб донистааст. Ба ҳамин маъно муҳаққиқи тоҷик С. Муллоҷаев чунин андеша баён намудааст: «Фирдавсӣ дар ин эпопеяи машҳур як қатор проблемаҳои муҳимро ба мисли бартарӣ ва фазилати рӯшноӣ бар зулмот, некӣ бар бадӣ, ростиву вафо бар дурӯғу бевафоӣ, дӯстӣ бар душманӣ, сулҳ бар ҷанг ва ғайраҳо мавриди тасвири бадеӣ қарор додааст, ки дар адабиёти асри мо низ қимати проблемавӣ доранд» [124, с. 2].

Ҳамин тавр, «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ дорои вижагиҳои ғоявию бадеии барҷаста буда, дар тарбияи наслҳои гуногун хизмат намудааст. Таъсири вижагиҳои ғоявию бадеии ин асари безавол на танҳо дар ташаккули афкори илмӣ-адабии тоҷик дар замони шуравӣ назаррас аст, балки дар замони ҳозира таассуроти бештаре дорад.

### В) Ғояҳои ватанпарварӣ дар «Шоҳнома»

Дар адабиёти халқҳои шуравӣ ғояҳои ватанпарварӣ мавқеи баланд дошта, дар тарбияи насли ҷавон нақши баландро касб намуданд. Чунин мавзуъҳо мазмуни воқеиро дошта, бештар дар асарҳои ҳамосӣ инъикос меёбанд. Аҳли илму адаб, бахусус шарқшиносон, муҳаққиқон ва адабиётшиносон то ҳанӯз ба ин масъалаҳо таваҷҷуҳи хосса зоҳир намудаанд.

Шоири инсонпарвару ватандӯст нисбат ба дигар бузургони классик ин масъалаҳоро равшантар ба қалам додааст. Андешаҳои волои башардӯстона ва инсондӯстонаи Абулқосим Фирдавсӣ, ки то замони мо арзиши худро аз даст надодаанд, дар раванди ҷаҳонишавӣ низ мақоми худро нигоҳ медоранд. Муаллиф дар «Шоҳнома» масъалаҳои иҷтимоӣ, ба мисли ватандӯстӣ, худшиносӣ ва ҳувияти миллиро маҳз барои тарбияи ахлоқии мардуми сайёра имрӯз ва фардо офаридааст.

Сарзамини паҳновари Мовароуннаҳру Хуросонро, ки ватани аҷдодӣ ва марзу буми шоир ва мардуми он аз тобори ориёӣ мебошанд, ҳисси миллӣ ва ватандӯстии бештар эҳсос мешавад. Ба андешаи фирдавсишиноси тоҷик М. Муллоаҳмад «ҳангоми таълифи «Шоҳнома» давлати муқтадири Сомониён рӯ ба таназзул мениҳад» [122, с. 101] ва Абулқосим Фирдавсӣ кӯшиш намудааст, ки пояи давлатдории форстаборону форсизабононро ягон вақт завол наёбад.

Абулқосим Фирдавсӣ дар радифи дигар бузургони даврai Сомониён ба масъалаҳои гуногуни иҷтимоӣ, ба мисли худшиносиву худогоҳии мардум, меҳандӯстӣ, ифтихори миллӣ аҳаммияти махсус додааст. Ҳатто ӯ нисбат ба дигар ҳамтоёни худ бештар масъалаи мазкурро дар асари безаволи худ «Шоҳнома» таҳлилу таҳқиқ намудааст. Дар ин бора Фирдавсӣ шоҳбайтҳои зиёд дорад, ки дар онҳо арзишҳои миллӣ ва меҳанпарварӣ комилан эҳсос мешаванд:

Бад-он марзбум андар огаҳ шуданд,
Бузургон ба назди шаҳаншаҳ шуданд.

Ба коми дил аз ҷой бархостанд,

Ҷаҳоне ба оин биперостанд [3, 21].

Шарқшинос ва олими шуравӣ М.Н. Усмонов (1924-2015) масъалаҳои ватанпарварӣ, худшиносӣ ва ҳувияти миллиро дар байни намояндагони адабиёти форсии тоҷикӣ омӯхта, чунин андешаронӣ намудааст: «Мавзуъҳои иҷтимоӣ чун яке ва дигаре дар шеър ба тафаккури мухталифи шоирон тааллуқ дорад. Шоирон онро бо усулҳои мухталиф ба риштаи назм кашиданд, чун дар осори Муҳаммад ибни Васиф «даду дом», Дақиқӣ «палангу оҳу» Фирдавсӣ «гургу меш» ва ғ. нишон дода шудааст [191, 78].

Донишмандон ва фирдавсишиносони ҷаҳон ҳарчанд «Шоҳнома»-и Фирдавсиро асари шоҳон ва номаи шоҳон номгузорӣ карда бошанд ҳам, шоҳону размандагон ва афсарон ҳисси баланди инсондӯстӣ, ватандӯстӣ ва миллатпарастӣ ҳамеша нигоҳ доштаанд. Дар ин бора муҳаққиқ ва фирдавсишиноси эронӣ Муҳаммад Карамӣ бар он андешаанд, ки «қаҳрамонони асосии «Шоҳнома» - паҳлавонони ҳокими дӯстдорандаи ватану меҳан мебошанд, ки бо шиорҳои ватанпарваронаи худ бар зидди рақибонашон барои адолату ҳақиқат ва хубӣ пайваста мубориза мебаранд» [110, с. 43].

Абулқосим Фирдавсӣ дар достони «Подшоҳии Кайковус»-и «Шоҳнома» тазаккур додааст, ки ӯ зиёда аз саду панҷоҳ сол ҳукмронӣ намуда, марзу бумро ба қуллаи баландтарини тараққиёти илму фарҳанг ва маданият расонидааст. Шоири тавоно вожаҳои «*меҳан*» ва «*ватан*»-ро «*марзу бум*» ҳам ном бурда, чунин андеша баён намудааст:

Ки Мозандарон – шаҳри мо ёд бод,

Ҳамеша бару бумаш обод бод!

Ки дар бӯстонаш ҳамеша гул аст,

Ба кӯҳ- андарун лолаву сунбул аст [3, 88].

Ватанпарварӣ дар замони шуравӣ ва муосир аз масъалаҳои ҷаҳоние мебошад, ки Абулқосим Фирдавсӣ ҳанӯз дар асри X дар бораи

онҳо сухан гуфтааст. Ин масъалаҳои ҳассос барои шоирону нависандагони шуравӣ хеле муҳим буда, дар пайравии он осори хешро офаридаанд. Ватанпарварӣ, ҳувияти миллӣ ва худогоҳии миллӣ дар ҳамаи асарҳои манзуму мансури шоирону нависандагони шуравӣ ба назар мерасад ва ин гуна нуктаҳо дар осори адабии Шарқ ҳамгунӣ ва шабоҳатҳои зиёд доранд. Ин бори дигар собит менамояд, ки андешаҳои ватандӯстонаи шоир ва бозтоби бадеии онҳо дар шеъри болозикр комилан ба фикру андешаҳои Абулқосим Фирдавсӣ комилан монанданд.

Масалан, Абулқосим Фирдавсӣ роҷеъ ба масъалаи мазкур дар боби «Андарз кардан Сиёвуш Фарангисро» чунин меоварад:

Зи парри пашша то паи жандапил
Ҳамон чашмаи обу дарёи Нил
Ниҳонӣ маро хоки Турон бувад,
Кӣ гӯяд, ки хокам ба Эрон бувад? [3, 88].

Андешаҳои баланди инсондӯстонаи Ҳаким Фирдавсӣ, ки то имрӯз арзиши худро нигоҳ доштаанд, дар раванди ҷаҳонишавӣ барои тарбияи ахлоқии ҳар фарди сайёра имрӯз ва фардо низ хидмат менамоянд. Маҳз ин ҷиҳатҳо «Шоҳнома»-ро ба ҷаҳониён беназиру нодир муаррифӣ кардааст, зеро шоир худ онро «*яке номвар нома афканд бун*» унвон кардааст. Андешаҳои мазкурро Абулқосим Фирдавсӣ дар боби «Гуфтор андар фароҳам овардани «Шоҳнома» чунин ба қалам додааст:

...Чу бишнид з-эшон сипаҳбад сухун,
Яке номвар нома афканд бун.
Чунон ёдгоре шуд андар ҷаҳон,
Бар ӯ офарин аз кеҳону меҳон [1, с. 35].

«Шоҳнома» саршор аз мавзуъҳои зиёди маънойӣ ва маънавӣ-маърифатӣ, чун ватандӯстӣ, худшиносӣ ва ҳувияти миллӣ, ки барои ҷомеа муҳиманд, мебошад. Ҷомеае, ки ба арзишҳои маънавию фарҳангии ниёгони худро арҷ мегузорад ва аз таърихи ғании хеш пайваста сабақ мебардорад, он ҷомеа ба ҳадафи худшиносӣ ва ҳаёти шоиста хоҳад

расид. Худшиносӣ, ҳувияти миллӣ ва ватанпарварӣ новобаста аз ҳар гуна марҳилаҳои таърихии ҳар ҷомеа бояд ҷойгоҳи вижа дошта бошад. Ҷомеаи муосиру воҳид бидуни ғояҳои маънавӣ, бахусус ҳувияти миллӣ ва арҷгузорӣ аз гузаштаи пурбаракати ниёгони худ дар ҳеҷ ваҷҳ наметавонад асолати худро пурра ҳифз кунад. Дар заминаи мазкур, ҳар ҷомеаи ҷаҳон пайваста саъю кӯшиш мекунад, то заминаҳои асосии худшиносиро барои миллат фароҳам оварад. Аз ин рӯ, масъалаҳои ватандӯстӣ, ҳувияти миллӣ ва худшиносӣ дар осори нобиғагони ҷаҳон, чун Абулқосим Фирдавсӣ барҷаста ифода шудаанд ва қаҳрамонони осори онҳо барои қавӣ нигоҳ доштани руҳияи баланди миллии худ ҳамеша ҷонбозиҳо намудаанд.

«Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ бо вуҷуди маъноҳои гуногуни маъданӣ-маърифатӣ дар таърихи башар, бахусус форстаборон ва форсизабонон мавқеи вижа гузошт. Маъно ва муҳтавои ҳаёти нави ҷомеа бештар дар адабиёт ва фарҳанг эҳсос мешавад.

Навгароӣ ва навсозии ҳаёти ҷомеа аз оғози Иттиҳоди шуравӣ вуҷуд дошта, дар раванди он таъсирпазирӣ адибони адабиёти муосири тоҷик аз «Шоҳнома» низ мавқеи хосса доштааст. Чунин зуҳурот марҳилаи ҷадидро ба вуҷуд оварда, тағйироти куллиро дар адабиёт ва фарҳанг ворид намудааст.

«Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ шоҳкории беназири ҷаҳонӣ маҳсуб меёбад, ки на танҳо илму фарҳанг ва маданияти аҷдодиро таҷассум намудааст, балки таърихи садсолаҳои форсизабонон ва форситаборонро абадӣ нигоҳ доштааст. Афкору андешаҳои шоир маҳз бо ҷиҳатҳои инсондӯстона наслҳои гуногунро тарбия менамояд.

Муҳаққиқи рус М. Явич дар мақолаи худ зери унвони «Абулқосим Фирдавсӣ» оид ба ғояҳои миллӣ, ватанпарварӣ, инсондӯстӣ ва бедории тафаккури ҷомеа чунин ибрози андеша намудааст: «Гуманизми (инсондӯстии) Фирдавсӣ зеҳни дақиқбинона, далерӣ ва мардонагии қаҳрамонони ӯ, эътироз бар зидди истибдоду зулм ҳамеша роҳи тамоми

одамони пешқадам, чун замони ҳозира низ роҳи ҳамаи инсонҳо дар самти рушдёбӣ мебошад» [173, с. 22].

Дарвоқеъ, муҳаққиқон масъалаҳои инсондӯстӣ, башардӯстӣ ва ахлоқи шоистаи инсониро меҳвари асосии ҷомеа ҳисобида, пайваста онҳоро дар тарбияи маънавии инсон тарғиб намудаанд. Масъалаҳои башардӯстонаи Абулқосим Фирдавсӣ ба ғояҳои шуравӣ, ки ҳукумати нав унвон дошт, созгоранд. Бузургӣ ва шуҳрати ҷаҳонии шоир дар баёни тасвири ғуломону мазлумон, шоҳону вазирони дунё ва табақаҳои дигар дар «Шоҳнома»-и мушаххас мегардад. Чунин вижагиҳоои миллӣ дар осори нобиғони ҷаҳон маҳз тавассути тасвири фоҷеаҳои таърихӣ, ки ҳодисаҳои воқеиро дар бар мегиранд, нишон дода шудаанд.

Шоир дар достонҳои «Шоҳнома» ба масоили таҷассуми Ватан ва ватанпарварӣ аҳаммияти вижа дорад. Ӯ таърихи худро аз замони бостон (мифологӣ) ва ифтихори ватандӯстонаи ҳазорсолаи худро аз арзишҳои гузаштаи пурарзиши хеш ба қалам додааст. Шоир мавзуъҳои худшиносӣ, инсондӯстӣ ва ватандӯстиро пайваста талқин мекунад, зеро онҳо пойдевори ваҳдати миллии қавму миллат аст.

Ҳамин тавр, ҳадафи асосии Абулқосим Фирдавсӣ аз таълифи «Шоҳнома» эҳё кардан ва пос доштани нерӯи худшиносии қавмию миллӣ, ки халқҳои шуравӣ онро осон қабул намуданд, мебошад. Тараннуми Ватан ва ватандӯстӣ, ки аз мавзуъҳои асосии «Шоҳнома» ба ҳисоб мераванд, боиси ифтихори башарият ва таъсирпазирии аҳли қалами ҷаҳон гардидааст.

## 3.2. Ҷойгоҳи масъалаҳои худшиносии миллӣ дар ташаккули афкори адабии тоҷик (солҳои 50-80-уми асри XX)

Дар адабиёти халқҳои ҷаҳон масъалаҳои худшиносӣ, ҳувияти миллӣ ва инсонсолорӣ мавқеи хос дошта, ба сифати ифодакунандаи мазмуну муҳтавои воқеӣ бештар дар асарҳои ҳамосӣ инъикос меёбанд.

Ба ин масъалаҳо аз гузашта то ҳозир шоирону нависандагон ва муҳаққиқону олимон таваҷҷуҳи вижа зоҳир намудаанд. Адабиёти тоҷик дар замони шуравӣ вазифаи муҳимми муҳофизати маънавии миллатро иҷро намуд. Бо рӯ овардани халқи тоҷик ба адабиёти муосир ҳисси ватандӯстӣ, ифтихороти миллӣ ва арҷгузорӣ ба арзишҳои маънавию моддӣ нигоҳ дошта шудааст.

Худшиносии миллӣ дар ташаккули афкори адабии тоҷик нақши муассир дошта, ҳадафи асосии он донистани фарҳанг, маданият, забон, тарих ва пос доштани арзишҳои ниёгон мебошад. Дарки худшиносии миллӣ барои ҳифзи ҳувияти миллӣ ва рушди маънавиёти миллат нақши ҳалкунанда дорад. Дар ин замина намояндагони адабиёти форсӣ-тоҷикӣ, бахусус, Абулқосим Фирдавсӣ бо «Шоҳнома»-и худ ғояи давлатдории миллӣ, арҷгузорӣ ба фарҳанг, забон, таърих ва қаҳрамонҳои миллӣ асос гузоштанд.

Шоири инсондӯст, хирадгаро ва ватанпарвар Абулқосим Фирдавсӣ ин масъалаҳоро дақиқ ба қалам додааст. Фикру андешаҳои инсондӯстонаи шоир, ки то замони муосир арзиши худро аз даст надодаанд, дар натиҷаи омилҳои ҷаҳонишавии вобаста ба масоили иҷтимоӣ, чун ватандӯстӣ, раиятпарварӣ ва ҳувияти миллӣ барои тарбияи насли имрӯзу фардои ҷаҳон хизмат менамоянд.

Дар ин бора шоир чунин мефармояд:

Ба гетӣ беҳ аз *мардумӣ* кор нест,
Бад-ин бо ту дониш ба пайкор нест [1, с. 14].

Абулқосим Фирдавсӣ *раиятпарвари*ро бештар *мардумӣ* унвон кардааст. Воқеан, масъалаҳои раиятпарварӣ, мубориза барои марзу бум ва ватанпарварӣ ба андешаи шоир оинест, ки ҷаҳонро бар ивази он мисли коми дили ҷасоратмандон аст.

Масъалаи ватанпарварӣ ва ҳувияти миллӣ аз муҳимтарин ғояҳои аввалиндараҷаи халқи сермиллати Иттиҳоди Шуравӣ маҳсуб мешуд. Барои тарбияи насли ҷавони шуравӣ мавзуъҳои зиёд аз осори бузургони

форсии тоҷикӣ, хосса аз осори Абулқосим Фирдавсӣ истифода менамуданд. Ҳадафи роҳнамоии халқи сермиллати шуравӣ бар он буд, ки таҷрибаи андӯхтанашудаи Фирдавсиро дар ҷомеа сайқал медоданд. Албатта, Фирдавсии бузург ҳанӯз дар замони худ бо андешаҳои волояш дар баробари дигар шоирони бузург ба он давр таъсири мусбат гузоштааст. Вобаста ба ин масъалаи маънавӣ, ахлоқӣ ва насиҳатӣ андешаҳо зиёданд ва «аз ин ҷост, ки мавзуи ватандӯстӣ дар адабиёти ин давра ба масъалаҳои асосии адабиёт табдил ёфта, дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ ба ҳадди камол мерасад»[123, с. 3].

Дар марҳалаи аввали замони шуравӣ вазъияти сиёсиву иҷтимоӣ ноором буд, ин воқеаи мудҳишро, пеш аз ҳама, солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ дар бар мегирад. Баъзе нуктаҳои муҳимми ин масъаларо дар фасли боло таҳлил намудем. Ин рӯйдоди таърихӣ то барҳам хӯрдани Иттиҳоди Шуравӣ ва пас аз он лаҳзаи фаромӯшнашавандаи ҳаёти башарият маҳсуб мешавад. Дар ин радиф муҳаққиқи тоҷик А. Қодиров чунин андеша баён намудааст: «Барои дар хонандагон парваридани ҳиссиёти баланди ватандӯстӣ, интернатсионалӣ ва онҳоро дар руҳи анъанаҳои ҷангӣ ва ватанпарварӣ табдил додан омӯзиши «Шоҳнома»-и безаволи Фирдавсӣ аҳаммияти калон дорад» [113, с. 3].

Дар идомаи андешаҳои худ А. Қодиров аҳаммияти таърихии «Шоҳнома»-ро зикр намуда, барои мағлубияти рақиб якдиливу ягонагии халқҳои бародари шуравиро зарур донистааст: «Фирдавсӣ дар «Шоҳнома»-и худ идеяҳои ҳарбӣ-ватанпарварӣ, дар навбати аввал ҳамрайъӣ ва ягонагии халқашро ҳамчун қувваи мағлубнашаванда васф мекунад. Вай на фақат ғояи ҳамрайъӣ ва ягонагии халқи мамлакаташро тараннум мекард, балки ба замми он, масъалаи ҳифзи ҷон воҷиб асту ҳифзи Ватан аз он воҷибтарро низ ба миён мегузошт» [113, с. 2].

Маҳз марҳалаҳои аввал ва дуюми замони шуравӣ таконбахши марҳалаи Иттиҳоди Шуравӣ гардид ва дар ин муддат чи ба ғояи сотсиалистӣ ва чи коммунистӣ манфиатбахш ба шумор мерафт. Аз ин рӯ,

ин марҳалаҳои мазкури шуравӣ дар фирдавсишиносӣ таҳқиқоту пажуҳишҳои зиёдро ба вуҷуд овварданд.

Ногуфта намонад, ки халқи тоҷик, ки дар давраи Ҷанги Бузурги Ватанӣ монанди ҳамаи халқҳои бародари худаш дар фронт ва дар ақибгоҳ ҷанговарона барои тезонидани ғалаба мекӯшад ва дар ин роҳ аз ҳар гуна имконият ва дороии худ истифода бурдааст, аслиҳаи пурқимати суханро ҳам, албатта, бекор намегузорад. Дар ин лаҳзаҳои ҳассос Абулқосим Фирдавсӣ аз беҳтарин размандагони роҳи мубориза хизмат намуда, бо қалами чун найза тези худ бар зидди душманон ҷанг намудааст. Байтҳои ин лашкаркаши сухан, ки монанди тӯп меғурранд ва мисли тир мепаранд, ҳазорсола бошанд ҳам, хосиятҳои ҷангии худро ҳеҷ гум намекардаанд.

«Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ дар замони Ҷанги Бузурги Ватанӣ бештар аз ҳарвақта дар тақдири мардумони шуравӣ, бахусус, тоҷикон нақши бештар доштааст. Ҳар нуктаи ин асари безаволи шоир дар афкори на танҳо тоҷикон, балки мардумони шуравӣ дар замони пуртазоди онвақтаи сиёсиву таърихӣ таъсир гузоштааст ва ба онҳо умед ба оянддаи нек ва ҳаёти шоиста бахшидааст.

Қаҳрамониҳои образҳои «Шоҳнома»-и безаволи Ҳаким Фирдавсӣ дар замони Иттиҳоди Шуравӣ ҳам дар боло бурдани ҳисси ватандорию ҳувияти миллӣ зарур шуморида шудаанд. Дар ин давра шоирон ва нависандагони шуравӣ аз ин шоҳкорӣ таъсир гирифтаанд. Дар ин росто «Алмоси мардонагӣ»-и А. Лоҳутӣ [46, с. 122] дар заминаи «Шоҳнома» ба қалам дода шудаст

«Шоҳнома» бо ғояҳои баланди инсондӯстона ва пандомӯзонаи худ на танҳо наслҳои гуногунро тарбия менамуд, балки шоирон дар заминаи ин асари безавол асарҳои худро меофариданд.

Вобаста ба ин шоири муосири тоҷик Мирзо Турсунзода дар мақолааш зери унвони «Барои ғояи баланди адабиёт» чунин менависад: «Ниҳоят давраи сеюми адабиёти мо адабиёти Ҷанги Бузурги Ватанӣ

мебошад. Дар рӯзҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ адабиёти мо аз ҷиҳати ғоя ва бадеӣ хеле сабзид ва мустаҳкам шуд» [149, с. 2].

Ҳар шахси худогоҳу ватанпарвар аз «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ ба ҳар сурат баҳра мебардоштанд. Эҷодиёти минбаъдаи адибони муосири тоҷик, ки дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва пас аз он аз Абулқосим Фирдавсӣ таъсир бардоштаанд, барои халқи тоҷик дорои аҳаммияти вижа мебошад ва «...адабиёт ва санъати Тоҷикистон, ки яке аз воситаҳои асосӣ аст, ба кори ғалаба бар душман нигаронида шуда буд. Шоирон ва нависандагони тоҷик ба воситаи асарҳои худ ба мардум рӯҳияи боварӣ ва ғалабаро талқин мекарданд. Хусусан, С. Айнӣ, А. Лоҳутӣ, М. Турсунзода, М. Раҳимӣ, Ҳ. Юсуфӣ, М. Миршакар ва дигарон рӯҳияи ватандӯстиро баланд карданд» [150, с. 10].

Дар саҳифаҳои таърихи беш аз сеҳазорсолаи халқи форсу тоҷик садҳо набарду разм ва ҷангҳои шадид ба миён омадаанд, ки онҳоро шахсиятҳои бузург, ба мисли Куруш, Спитамен, Восеъ, Темурмалик ва дигарон шикаст доданд. Дар «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ набардҳои зиёди таърихӣ таҷассум ёфтаанд. Абулқосим Фирдавсӣ ҳатто барои ғалаба бар рақиб усулҳои размидану муҳофизат намудани марзу буми худро нишон додааст. Дар ин сурат адабиётшиноси тоҷик М. Раҷабӣ чунин навиштааст: «Агар дар адабиёти замони ҷанг (1941-1945) мурочиат ба асри XIII, хусусан, ба шахсияти Темурмалик бештар бошад, дар адабиётшиносии классикӣ таваҷҷуҳ ба эҷодиёти Фирдавсӣ ва Саъдӣ зиёдтар будааст» [136, с. 82].

Ҳадафи асосии рӯ овардани шоирони муосири тоҷик ба осори адибони классикӣ, бахусус, Абулқосим Фирдавсиро маҳз мавзуъҳои ватанпарварӣ, сулҳ ва бародарӣ ташкил медиҳад. Руҷӯи пажуҳишгарон, шоирон ва нависандагони шуравӣ ба осори Абулқосим Фирдавсӣ пас аз ҷанг (солҳои 50-уми асри XX) то охири солҳои 80-уми асри гузашта ва пас аз он низ идома ёфтааст. Шоир тавонист халқи тоҷикро дар руҳияи хештаншиносиву ватанпарварӣ роҳнамоӣ намояд.

Шарқшиноси шуравӣ М.Н. Усмонов (1924-2015), ки ғояҳои ватандӯстӣ, худогоҳӣ ва худшиносии миллии осори шоирони бузургамонро амиқ омӯхтааст, муҳиммияти онҳоро чунин таҳлил намудааст: «Мавзуъҳои иҷтимоӣ чун яке ва дигаре дар шеър ба тафаккури гуногуни шоирон тааллуқ дорад. Бузургони шеър тамоми орзуҳои худро чун воқеият ба қалам дода, қайд мекунанд, ки барои соҳиб шудан ба марзу бум, ватан ва ҷорӣ намудани сулҳ дар он подшоҳон ва ҳокимон пайваста мубориза мебурданд. Шоирон онро бо усулҳои мухталиф ба риштаи назм кашиданд, чун дар осори Муҳаммад ибни Васиф «даду дом», Дақиқӣ «палангу оҳу» Фирдавсӣ «гургу меш» ва ғ. нишон дода шудааст» [191, с. 108].

М.Н. Усмонов, ки яке аз донишмандони замони шуравӣ шинохта мешавад, ҷойгоҳи шоирро дар ҳаёти маънавӣ ва афкори илмӣ-адабии тоҷик баланд арзёбӣ намудааст. Ӯ мавзуъҳои иҷтимоии ашъори Абулқосим Фирдавсиро дар ифодаи тарғиби сулҳу дӯстӣ, мубориза барои марзу бум ва муаррифии арзишҳои маънавӣ донистааст.

Муҳаққиқон ва фирдавсишиносони ҷаҳон бар он андешаанд, ки «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ ҳарчанд манбаи сарнавишти паҳлавонону шоҳон ва номаи шоҳон ба шумор рафта бошад ҳам, ғояҳои ҳисси ватандӯстӣ ва миллатпарастӣ дар он мавқеи бештарро доранд. Муҳаққиқи эронӣ Муҳаммад Карамӣ андеша мекунад, ки «қаҳрамонони асосии «Шоҳнома» паҳлавонону ҳокимони дӯстдорандаи ватану меҳан мебошанд, ки бо шиорҳои ватанпарваронаи худ бар зидди рақибонашон барои адолату ҳақиқат ва хубӣ пайваста мубориза мебаранд» [110, с. 141].

«Шоҳнома» мактаби хирадсолорӣ ва инсондӯстӣ буда, на танҳо таърихи халқи тоҷик, адабиёт, фарҳанг ва тамаддуни форстаборону форсизабонон, балки ҳаёти иҷтимоӣ, сиёсӣ, фалсафӣ ва фарҳангии аҳли башарро таҷассум мекунад. Мисоли равшани он достони пурфоҷиаи «Рустам ва Суҳроб» мебошад, ки Рустам номи худро ошкор накард ва ногоҳона аз он, ки Суҳроб писараш аст, ғаллаба намудааст. дар ин

набард агар Рустам ба дасти Суҳроб мағлуб мешуд Эрон пурра завол меёфт. Рустам ҳамчун муҳофизи ҳақиқӣ дар ҳифзи ватан камари ҳиммат баста, баҳри он ҷони худро нисор намуд.

Шоир ин мазмунро чунин ба қалам додааст:

Чунин гуфт Рустам ба Дастони Сом,
Ки: «Ман нестам марди орому ҷом.
Чунин ёлу ин чангҳои дароз,
На воло бувад парваридан ба ноз.
Бубинӣ, ки дар ҷанг ман чун шавам,
Ки бо бору гулранг дар хун шавам [3, с. 196].

Аз ин ҷо бармеояд, ки шоир дар «Шоҳнома» масъалаҳои ахлоқӣ ва маърифатиро бисёр ба қалам дода, дар масъалаҳои некиву накукорӣ ва роҳи ҳифзи марзу бум қаҳрамонҳоро ба мушкилоти воқеӣ рӯ ба рӯ намудааст.

Муҳаққиқи тоҷик Ҷ. Саидзода дар китоби «Фирдавсӣ кист ва «Шоҳнома» чист?» бар ин назар аст: «Шоҳнома» асари додхоҳию ватандӯстист. Дар он манфиатҳои мардуми меҳнатӣ, орзуву омоли эшон ва ғояи бузургдошти инсон мақоми муҳим доранд. Мақому мартабаи Фирдавсиро низ, қабл аз ҳама дар таърихи афкори умумибашарӣ ҳамин ақидаҳои инсондӯстонаву ахлоқии ӯ муайян мекунанд» [138, с. 5].

Ватандӯстӣ, худшиносӣ ва ҳувияти миллӣ дар замони мо аз масъалаҳои ҷаҳонӣ маҳсуб меёбанд, ки Абулқосим Фирдавсӣ ҳанӯз дар асри Х роҷеъ ба онҳо фикру андешаҳои воло иброз намудааст. Масъалаҳои мазкур аз масъалаҳои ҳассос барои намояндагони адабиёти шуравӣ ба шумор рафта, дар пайравии онҳо осори худро таълиф намудаанд. Масалан, Мирзо Турсунзода, ки ҳамчун шоири ватандӯсту ватанпарвар шинохта шудааст, роҷеъ ба мавзуи мазкур чунин абёти омӯзанда дорад:

Шаъну шарафу камоли халқӣ,
Хурсандии бемисоли халқӣ.

Фазлу ҳунарам, Ватан, туӣ, ту
Сози зафарам, Ватан туӣ, ту [60, с. 108].

Ватандӯстӣ, худшиносӣ ва ҳувияти миллӣ дар осори манзуму мансури намояндагони адабиёти шуравӣ назаррасанд ва чунин нуктаҳо дар осори бадеиву адабии Шарқ шабоҳат ва умумиятҳои зиёд доранд. Нуктаи мазкур бори дигар собит менамояд, ки ғояҳои ватандӯстонаи шоир ва бозтоби бадеии онҳо дар фикрҳои болозикр комилан ба андешаҳои Абулқосим Фирдавсӣ муштараканд.

Абулқосим Фирдавсӣ масъалаи мазкурро чунин сифат додааст:

Биёрой, то мо ба *Эрон* равем,
Аз эдар ба ҷои далерон шавем.
Бубинӣ *бару буми* фархундаро,
Ҳамон шоҳи бododу бахшандаро [6, с. 312].

Фикру андешаҳои волои инсондӯстонаи Абулқосим Фирдавсӣ, ки то замони мо арзиши худро аз даст нададаанд, дар раванди ҷаҳонишавӣ барои тарбияи ҳар фарди сайёра ҷовидона хидмат менамоянд.

Дар «Шоҳнома» Рустам аз қаҳрамонҳои мусбӣ маҳсуб ёфта, бо иродаи қавӣ ва ҳақиқатҷӯёнааш пайваста таърифу тавсиф мешавад. Дар ин маврид Абулқосим Фирдавсӣ ӯро чунин тасвир кардааст:

Чунин гуфт Баҳман, ки «Ин Рустам аст,
Ва ё офтоби сапедадам аст?!
Ба гетӣ касе мард аз инсон надид,
На аз номдорони пешин шунид [6, с. 351].

Афкору андешаҳои Абулқосим Фирдавсӣ асоси воқеӣ доранд, зеро ҳар нуктаи шоир аз ҳаёти одамони гуногун гирифта шудааст.

Адабиётшинос М. Муллоаҳмад дар асари «Паёми ахлоқии Фирдавсӣ» чунин ибрози назар намудааст: «Ватандӯстӣ, ифтихор ба тамаддуни ғаниву бостонии Эрон, ҳифзи ватан аз аҷнабиёни яғмогар ва амсоли инҳо аз ҳадафҳо ва мавзуъҳои асосии «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ маҳсуб мешавад» [122, с. 78].

Адабиётшиноси тоҷик М. Муллоаҳмад бар он андеша аст, ки масъалаҳои дар «Шоҳнома» зикргардида маҳз арзишҳои маънавӣ, чун ватандӯстӣ, худшиносӣ ва ҳувияти миллиро дар бар мегиранд. Вобаста ба ин Абулқосим Фирдавсӣ тазоду набардҳои паҳлавонон, размандагон, шоҳон ва ҳокимон баҳри ба даст овардани марзу бум ва мағлуб кардани аҷнабиёнро дар «Шоҳнома» инъикос намудааст.

Масалан, Абулқосим Фирдавсӣ хушбахтии мардумро пас аз яке аз размҳову набардҳои таърихӣ чунин ба қалам додааст:

Ба шодӣ бирафтанд сӯйи Хутан,
Ҳама номдорон шуданд анҷуман,
Ки Пирони солор аз он шаҳр буд,
Ки аз бадгумониш бебаҳр буд [3, с. 21].

«Шоҳнома» на танҳо барои халқҳои тоҷику форс арзишманд аст, балки барои халқу миллатҳои дигар низ китоби мондагор ҳисобида мешавад. Асари мазкур шоҳкориест, ки бо гузашти замон на танҳо ба забонҳои гуногуни дунё тарҷума шудааст, балки бузургону шоирони шуҳратманди адабиёти ҷаҳон аз он таъсир пазируфтаанд. Таъсирпазирӣ аз ин шоҳкории Ҳаким Фирдавсӣ кори пурифтихор аст, чунки ормонҳои шарқиёна ва миллатдӯстонаи мо на танҳо дар Машриқзамин, балки дар манотиқи дур дар мадди назари олимон ва муҳаққиқон қарор гирифтааст.

Мавзуи ватанпарварӣ ва худшиносӣ мавзуи доимӣ ва аслии ҷомеаи башар ба шумор меравад. Ҷомеае, ки ба гузаштаи хеш назар дорад, аз таърихи ғании хеш сабақ мебардорад, он ҷомеа ба кӯи худшиносӣ қадамҳои шоистае хоҳад бардошт. Худшиносӣ ва меҳандӯстӣ новобаста аз таъриху замон дар ҳар ҷомеа бояд дар ҷойи аввал қарор бигирад. Як ҷомеаи мутамаддину воҳид бидуни ғояҳои ватанпарваронаву худогоҳӣ ва ёд кардан аз гузаштаи пурбаракати ниёгони худ наметавонад асолати ҷовидонаи худро устувор нигаҳ дорад. Бинобар ин, ҳар ҷомеае талош

меварзад, то заминаҳои асосии худшиносиро барои миллат фароҳам оварад.

Масъалаи ватанпарварӣ ва худшиносӣ дар «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ ҷойгоҳи хосса дошта, қаҳрамонҳои он барои баланд бардоштани ҳуввияти миллии мардуми сарзамини аҷдодӣ ҷони худро дареғ надоштаанд.

«Шоҳнома» на танҳо ба манфиати халқу миллатҳои гуногун хизмат менамояд, балки андешаву афкори ҷолиби дар он ҷойдоштаро дар риштаҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа, чун адабиёт ва маданият метавон истифода намуд.

Андешаҳои Абулқосим Фирдавсӣ дар равандҳои навгароию навсозии ҳаёти ҷомеа ба зиндагии шахсии адибони шуравӣ таъсири худро гузошт ва онҳо дар адабиёт ва фарҳанг ҳар гуна зуҳурот ва тағйироти куллии ҷадид ворид намуданд. Дар натиҷа, ин омилҳо боиси рушди адабиёти муосири тоҷик гардиданд. Бо офаридани чунин шоҳкорҳо на танҳо заминаи рушди илму фарҳанг, балки заминаи муҳимми таърихиро барои тоҷикону форсҳо фароҳам овард.

Абулқосим Фирдавсӣ то ҳол ҷомеаи ҷаҳониро тавассути «Шоҳнома»-и худ, ки саршор аз ғояҳои ватанпарварона ва худшиносианд тарбия менамояд. Маҳз ин нуктаҳо ҷойгоҳи «Шоҳнома»-ро чун дигар ёдгориҳои адабии Шарқ дар арсаи адабиёти ҷаҳон мушаххас мекунанд.

Муҳаққиқи рус М. Явич дар мақолаи «Абулқосим Фирдавсӣ», ки дар боби аввали диссертатсия мавриди таҳқиқи қарор ёфтааст, оид ба масъалаҳои ватанпарварӣ, инсондӯстӣ ва бедории миллӣ чунин андешаронӣ намудааст: «Гуманизми (инсондӯстии) Фирдавсӣ зеҳни дақиқбинона, далерӣ ва мардонагии қаҳрамонони ӯ, эътироз бар зидди истибдоду зулм ҳамеша роҳи тамоми одамони пешқадам, чун замони ҳозира низ роҳи ҳамаи инсонҳо дар самти рушдёбӣ мебошад» [173, с. 22].

Воқеан, масъалаҳои башардӯстӣ ва ахлоқи ҳамидаи инсониро чун ҷавҳари шоҳасарҳои ҷаҳон бештар таҳқиқу баррасӣ намуда, аз он дар тарбияи маънавии инсон баҳра бардоштанро тарғиб намудаанд. Хусусан, масъалаҳои инсондӯстонаи Абулқосим Фирдавсӣ ба ғояҳои ҳукумати нав созгор омада метавонист.

Доир ба «Шоҳнома» таҳлилҳои илмӣ зиёд мавҷуданд ва онҳо масъалаҳои гуногунро дар бар мегиранд. Бобоҷон Ғафуров «Шоҳнома»-ро сарчашмаи таърихӣ ҳисобида, дар симои қаҳрамонони асар – Рустам, Сиёвуш, Коваи Оҳангар ва дигарон меҳру ҳиссиётҳои ватанпарастонаро дидааст, ки чунин ҳиссиётро талқин менамудаанд [104, с. 476].

Ҳар масъалаи дар «Шоҳнома» матраҳгардида тавассути бозтоби бадеии сарнавишти қаҳрамонҳои он таҳлил мешаванд. Шоир ҳама вақт кӯшидааст, ки қаҳрамони мусбатро чун дар зиндагии воқеӣ дар маркази диққат қарор диҳад. Муҳаққиқ ва ховаршиноси англис А. Арберри дар асари худ зери унвони «Адабиёти классикии форс», ки соли 1958 нашр шудааст, роҷеъ ба ҷойгоҳи Ҳаким Фирдавсӣ ва «Шоҳнома»-и ӯ чунин андешаронӣ намудааст: «Шоҳнома» шаҳодатномаи мардуми форсизабон ва ориёиҳост. «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ ҳам аз ҷиҳати мазмун ва ҳам аз ҷиҳати ҳаҷм, бешак, бузургтарин дастоварди забон ва адабиёти форсист» [200, с. 56].

Мақому мартабаи Абулқосим Фирдавсӣ, ки аз марзи сарзамини Шарқ ба Ғарб убур кардааст, дар таҳқиқоти муҳаққиқони Ғарб чун А. Арберри барҷаста нишон дода шудааст. Воқеан, Абулқосим Фирдавсӣ таҷассумгари ҳақиқати миллати худ буда, фарҳангу маданияти таърихии форсии тоҷикиро ба оламиён шинос намуд.

Дар осори Абулқосим Фирдавсӣ неруи миллӣ характери ҷаҳонӣ дорад, ки аз он шоирон, нависандагон ва абармардони сиёсии тамоми давру замонҳо фаровон истифода бурдаанду мебаранд.

Бузургӣ ва шуҳратмандии Абулқосим Фирдавсӣ дар он зоҳир мегардад, ки ғояҳои таблиғнамудаи ӯ аз ғуломону мазлумон сар карда,

то шоҳону вазирони дунё, яъне барои табақаҳои гуногун созгор аст. Хусусиятҳои миллӣ дар осори нобиғони ҷаҳонӣ тавассути фоҷеаҳои таърихӣ, ки ҳодисаҳои воқеиро дар бар мегиранд, нишон дода шудааст.

Абулқосим Фирдавсӣ дар 50 достони асари безаволи худ масоили ватанпарвариро дар ҷойи аввал мегузорад. Шоирро асосгузори ғояҳои ватандориву миллатдӯстӣ номидан мумкин аст, зеро ӯ арзишҳои миллии худро санҷидаву омӯхта, ба қалам додааст.

Тамоми инсоният новобаста аз миллату халқият ва нажоди худ осори чунин бузургонро комилан аз худ намуда, ҷавҳари аслии мероси адабии минбаъдаи худро нигоҳ медоранд. Тавассути чунин осори нобиҷаҳонӣ онҳо аз мероси арзишманди бузургмардони ҷаҳон, чун Абулқосим Фирдавсӣ баҳра мебардоштанд ва худро ворисиаслии ин гуна осор медонанд, ки ин ҳам дар навбати худ як навъи худшиносӣ ва ватандӯстӣ хонда мешавад.

Мавзуъҳои худшиносӣ ва ватандӯстии Абулқосим Фирдавсӣ халқҳои саросари ҷаҳонро ба ҳамдигар наздик намудаанд. Воқеан, шоир шахсияти бузургест, ки аз забонҳои машҳури замони худ ва сарчашмаҳои таърихи беш аз ҳазорсолаи нигоштаҳояшон далелҳои қотеонаи таъриху тамаддуни хеш донишмандона тасвир намудаанд.

Ифтихори ватандӯстона дар тули ҳазорсолаҳо пас аз чунин бузургон ҳамагон розу ниёзҳо ва дарду алами худро ҷустуҷӯ намуда, аз гузаштаи пурарзиши хеш ифтихор мекунанд.

Маҳз худшиносӣ инсониятро ба ватандӯстӣ талқин менамояд. Воқеан, худшиносӣ ҳамеша пойдевори бинои ваҳдати миллии ҳар қавму миллат аст. Ин мавқеи хирадмандонаи нобиғагони ҷаҳон ҳамагонро ба ҳамдигар наздик месохтанд. Шахсияти бузург, ки аз забонҳои машҳури замони худ ва сарчашмаҳои таърихи беш аз ҳазорсолаи хеш огоҳии хеле хуб доштанд, дар нигоштаҳояшон далелҳои қотеонаи таъриху тамаддунро донишмандона тасвир намуданд.

Дар ин замина ҳадафи эҷоди «Шоҳнома», пеш аз ҳама, баланд

бардоштани худшиносии миллӣ мебошад. Пас, бо боварии комил метавон қайд кард, ки тараннуми Ватан, ки яке аз рукнҳои асосии адабиёти ҷаҳон мебошад, дар осори Абулқосим Фирдавсӣ эҳсос мешавад ва паҳлуи мазкури эҷодиёти ӯ боиси ифтихори башарият, балки таъсирпазирии аҳли қалами ҷаҳон гардидааст.

Дар замони шуравӣ Тоҷикистону Эрон ҳамкориҳо ва робитаҳои қавӣ надоштанд, аммо ин ду кишвари ҳамзабон ва ҳамфарҳанг мехостанд робитаҳои илмӣ, фарҳангӣ ва адабиро бештар ба роҳ монанд ва «робитаҳои байни ду кишвар дар асоси шартномаи Эрон – Шуравӣ, соли 1921 ва қарордодҳои минбаъдаи байнидавлатии ҳарду кишвар сурат гирифт. Соли 1943 бо таъсиси ҷамъияти робитаҳои фарҳангии Эрон-Шуравӣ дар Теҳрон ҳамкориҳои фарҳангӣ хеле ривоҷ ёфтанд. Ба ин ҷамъият олимони шинохтаи Эрон – Саид Нафисӣ, Муҳаммад Саид, Ҳамид Сайёҳ ва дигарон шомил буданд, ки корҳои зиёдеро анҷом додаанд. Соли 1944 нашриёти ҷамъиятии маҷаллаи «Паёми нав» таъсис ёфт, ки дар таҳкими робитаҳои маданӣ ва адабӣ нақши муҳим бозид» [147, с. 16].

Сотим Улуғзода бори аввал дар Пленуми Иттифоқи нависандагони ИҶШС (соли 1945) дар маърузаи худ зери унвони «Нависандагони тоҷик дар рӯзҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ» эрод гирифтааст, ки бо вуҷуди баҳои сазовор додан ба фаъолияти эҷодии адибони тоҷик, аз ҷумла, насрнависон дар замони ҷанг ва пас аз он норасоиву нуқсонҳо дар баъзе асарҳои онҳо низ мавҷуданд [193, с. 1].

Аз ин рӯ, дар замони шуравӣ намояндагони адабиёт аз рӯйи низом ва вазифаҳои нави сиёсӣ ва ҷамъиятӣ амал намудаанд. Адабиёт зимни иҷрои талаботу вазифаҳои азими даҳаҳои минбаъда пурра сохтори шуравиро гирифт ва мазмуну муҳтавои он ҳам назар ба замони ҷанг тағйир ёфт.

Дарвоқеъ, дар замони шуравӣ дар назди адабиёти шуравӣ вазифаҳои нави сиёсӣ ва ҷамъиятӣ гузошта шуданд. Вобаста ба ин

мазмун адабиётшинос Ш. Ҳусейнзода қайд мекунад, ки «адабиёт ҳам ба иҷрои вазифаҳои бузурги панҷсолаҳои минбаъда пурра сафарбар карда шуд, тематикаи он ҳам назар ба замони ҷанг тағйир ёфт» [160, с. 65].

Ҳамин тавр, Иттиҳоди Шуравӣ барои омӯхтан ва таҳқиқи шоҳкориҳои ниёгонамон, бахусус Ҳаким Фирдавсӣ шароит фароҳам оварда, дар илмҳои гуногуни гуманитариву филологӣ, ба мисли адабиётшиносӣ, забоншиносӣ, таърих, фарҳангшиносӣ, сиёсатшиносӣ, санъат, ҷуғрофиё ва дигар соҳаҳо як қатор корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва амалӣ анҷом ёфтанд.

### 3.3. Дурнамои рушди фирдавсишиносӣ ва таъсири он дар ташаккули афкори илмӣ-адабии тоҷик

Халқи тоҷик ва осори намояндагони адабиёти форсӣ-тоҷикӣ, ба мисли «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ дар ҳар марҳилаи таърихӣ муносибат ва пайвандии қавӣ дошта, моҳияти онро пурра дарк мекунад. Шинохти Абулқосим Фирдавсӣ ва «Шоҳнома»-и ӯ ҳамчун самти фирдавсишиносӣ дорои вижагиҳои махсуси худ буда, дар тӯли беш аз ҳазор сол дар меҳвари диққати хонандагон, пажуҳишгарон, муаррихон ва мутарҷимон қарор дорад. Дар ин муддат «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ ба забонҳои гуногуни дунё тарҷума ва нашр шудааст. Ҳадафи таҳқиқу пажуҳиши мавзуи мазкур аслан омӯхтани самти фирдавсишиносӣ ва ташаккули афкори адабии халқҳои шуравӣ, бахусус халқи тоҷик мебошад.

Бояд қайд кард, ки *фирдавсишиносӣ дар Тоҷикистони шуравӣ* дар асоси 5 омил, ки дар ташаккули афкори адабии халқи тоҷик мавқеи вижа доштааст, рушд намудааст:

– омӯзиш ва пажуҳиши ҳаёти Абулқосим Фирдавсӣ ва «Шоҳнома»-и ӯ;

- тарҷумаи «Шоҳнома» ба забонҳои гуногуни собиқ Иттиҳоди Шуравӣ ва берун аз он;
- таъсирпазирии шоирон дар назм;
- таъсирпазирии нависандагон дар наср;
- ҷойгоҳи мавзуъҳои муҳимми «Шоҳнома», ба мисли (ватандорӣ (патриотизми шуравӣ), инсондӯстӣ (гуманизми шуравӣ) ва башардӯстӣ (интернатсионализми шуравӣ) дар ҷомеаи шуравӣ.

Омилҳои болозикр, ки пояи асосии фирдавсишиносии Иттиҳоди шуравиро ташкил медиҳанд, маҳз дар баланд бардоштани шуур ва тафаккури халқҳои шуравӣ, ташаккули ҷомеаи шуравӣ, рушди ҳаёти иҷтимоӣ ва ташаккули афкори фарҳангиву адабии тоҷик нақши вижа доштаанд.

Дар давраи пас аз пош хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ, таваҷҷуҳи ҷумҳуриҳои собиқ шуравӣ ба таърих, фарҳанг, забон ва адабиёт ба таври назаррас бештар гардид. Фирдавсишиносӣ низ пас аз давраи шуравӣ дар ҳамгироӣ бо соҳаҳои гуногуни илмиву ҷамъиятшиносӣ рушд кардааст. Дар марҳалаҳои гуногуни таърихӣ шаклҳои гуногуни дастнависҳои «Шоҳнома» чандин маротиба ба даст омада, нусхабардорӣ шудаанд. Матншиносон ба хулоса омадаанд, ки ҳарчанд дар нашри «Шоҳнома» камбудиҳо вуҷуд доранд, аммо мазмуни он комилан нигоҳ дошта шудааст.

Ҳарчанд солҳои аввали замони шуравӣ давраи мубориза бар зидди ҷараёни пантуркист маҳсуб мешуд, солҳои 50-80-уми асри XX шинохти асл ва ба даст овардани муқаддасоти миллӣ мебошад. Афкору андешаҳои Абулқосим Фирдавсӣ нисбат ба намояндагони дигари адабиёти форсии тоҷикӣ ҷанбаҳои иҷтимоӣ ва иҷтимоигароиро гирифтанд, ки минбаъд низ дар афкори адабии тоҷик таъсири муассир гузоштаанд.

Асри XXI марҳилаи навтарини инсоният ба ҳисоб рафта, дар тамаддуни аҳли башар дигаргуниҳои зиёдеро ворид намуд. Ин асрро

«ҷаҳонишавӣ» ва «асри иттилоъ» шинохта шудааст. Фирдавсишиносӣ ҳамчун самти алоҳидаи адабиётшиносӣ дар ҳалли масоили умумиҷаҳонӣ ҷойгоҳи вижаро ба вуҷуд овардааст. Ба вуҷуд омадани теъдоди зиёди пажуҳишҳои иҷтимоиву иқтисодӣ, фарҳангӣ ва дар айни замон пешрафти технология дар саросари ҷаҳон ба он оварда расонидааст, ки иттилоот дар кӯтоҳтарин муддат дастраси мардуми ҷаҳон мегарданд. Дар айни замон илмҳои ҳозира чун иттилоъ вижагиҳои ҷаҳонишавӣ доро мебошанд. Ҷаҳонишавӣ дар соҳаҳои мухталиф, бахусус дар адабиёт, сиёсат, фарҳанг, иқтисод ва дигар соҳаҳои мухталифи ҷомеа вусъат пайдо кардааст, аммо дар замони ҳозира, ки иттилоъ дар ҳаёти инсон аҳаммияти вижа ба вуҷуд меоварад, нақши адабиётшиносӣ ва мақоми он дар миёни илмҳои байнисоҳавӣ меафзояд, зеро он таҳқиқи амиқи илмӣ мебошад. Бинобар ин, дар Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавӣ арзи ҳастӣ кардани фирдавсишиносӣ, ки натиҷаҳои он бо забонҳои гуногуни ҷаҳон чун тоҷикӣ, форсӣ, русӣ, англисӣ ва ғайра ба нашр мерасанд, тақозои замон мебошад. Ҳарчанд имрӯзҳо иттилоот ва илм ба таври осон ба даст мерасад, инчунин онҳо дар шароити ҷаҳонишавӣ барои тарғиби дастоварду арзишҳои миллӣ нақши вижа бозида метавонанд. Таҳлил ва пажуҳишҳои манобеи илмӣ бо забонҳои мухталифи ҷаҳон ба мо имкон дод, ки натиҷаҳои дақиқро ба даст биёрем. Дар замони муосир ҷиҳатҳои зиёди фирдавсишиносӣ ба вуҷуд омадаанд, асоси онро ба 3 нуктаҳои зерин ташкил медиҳад:

– пажуҳишҳои заминавии фирдавсишиносӣ дар асоси манобеи илмиву адабӣ;

– таҳлил ва пажуҳиш намудани ҷойгоҳи фирдавсишиносӣ дар сатҳи байналмилалӣ;

– таҳқиқи фирдавсишиносӣ дар миёни илмҳои гуманитарии байнисоҳавии ҷаҳонӣ.

Нуктаи аввал ва дуюм дастовардҳои назарраси то замони моро фаро мегирад, аммо омили сеюм ҷойгоҳи комили худро то ҳол ба даст

наовардааст. Нуктаи мазкурро на танҳо дар миёни илмҳои гуманитарии байнисоҳавӣ чун адабиётшиносӣ, забоншиносӣ, таърихнигорӣ, сиёсатшиносӣ, ҷомеашиносӣ омӯхт, балки дар соҳаҳои ҷуғрофиё, ҳарбӣ, санъатшиносӣ, зебоишиносӣ ва ғайра низ муайян ва баррасӣ намуд.

Нуктаи дигареро метавон қайд намуд, ки дар «Шоҳнома» қоидаҳои зиёди илмҳои дақиқ, ба мисли ҳаҷми ҷисм, сохти ашё, ченакҳои дарозиву вақт, шарҳи моҳу ситораҳо ва сифатҳои диари илмҳои дақиқ дарҷ гардидаанд. Ин гувоҳи тафаккури волои Абулқосим Фирдавсиро нишон медиҳад, ки аллакай дар асри X ба қалам додааст.

Дар ин маврид Абулқосим Фирдавсӣ мефармояд:

Чу дарёву чун кӯҳу чун дашту роғ
Замин шуд ба кирдори равшан чароғ
Биболид кӯҳ, обҳо бардамид,
Сари рустанӣ сӯйи боло кашид [1, с. 27].

Воқеан, «Шоҳнома» баҳри бекanorест, ки бо омӯхтани амиқи он садҳо асрори нуҳуфтаро пайдо менамоем. Аз ин рӯ, фирдавсишиносӣ на танҳо як қисмати адабиётшиносӣ, балки дар оянда ба сифати қисмати гуманитарӣ ва дақиқ, бахусус дар миёни илмҳои гуманитариву дақиқ таҳқиқ хоҳад шуд, ки пажуҳишҳо дар ин самт кори илмии шоиста ва бузург маҳсуб меёбанд. Дар ин росто мо наметавонем чанд таҳқиқоти ҷудогонаву бузургро ҳамаҷиҳата мавриди пажуҳиш қарор дода, дар диссертатсия ҷой диҳем.

Фирдавсишиносӣ ба сифати ҷузъи асосии адабиётшиносӣ буда, дар заминаи корҳои пажуҳишии замони шуравӣ дурнамои он муайян мешавад. Меҳвари асосии дурнамои фирдавсишиносӣ дар пояи меъёрҳои зерин муайян мешавад:

1. Ҳаёти Фирдавсӣ – таҳлили баррасии таҳлили илмии ҳаёти иҷтимоӣ, ҷаҳонбинӣ ва шахсияти шоир.

2. Таҳқиқи «Шоҳнома» ё «шоҳномапажуҳӣ» - таҳлили мазмун, муҳтаво ва дарунмояи «Шоҳнома».

3. Баррасии таҳқиқотии илмӣ-пажуҳишӣ.

4. Таҳлили нусхашиносӣ – тасҳеҳи нусхаҳои «Шоҳнома», ки бештари онҳо дар осорхонаҳои дунё маҳфузшуда.

5. Шинохти ҷаҳонии Фирдавсӣ ва «Шоҳнома»-и ӯ – таҳқиқи ҷойгоҳи Фирдавсӣ ба унвони шоири байналмилалӣ.

6. Тарҷумаҳои «Шоҳнома» ба забонҳои хориҷӣ ва таҳқиқи онҳо.

7. «Шоҳнома» ва таъсирпазирии намояндагони адабиёти ҷаҳон.

8. Нақши Фирдавсӣ ва «Шоҳнома» дар афкори халқи тоҷик.

Аз ин ҷо бармеояд, ки бо таҳлилу таҳқиқ кардани фирдавсишиносӣ бо нукоти болозикр мавриди истифодаи ҷиддӣ қарор хоҳад гирифта ва дурнамои он низ комилтар хоҳад гашт.

Дастоварҳои илмиву адабӣ ва тарҷумавӣ дар самти фирдавсишиносӣ дар замони Истиқлоли давлатӣ ҷойгоҳи воло доранд, зеро таваҷҷуҳ ба осори ниёгон, бахусус «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ бештар гардидааст. Дар ин замина ҷойгоҳи вижа касб кардани асари безавол дар байни хоссу ом ба ҳидоят ва дастури Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон вобастагии қавӣ дорад. Ҳидоят ва дастурҳои хирадмандонаи Президенти мамлакат дар арҷ гузоштан ба арзишҳои маънавӣ дар таҳкими худогоҳӣ ва худшиносии миллӣ, ташаккули шуури маънавӣ ва эҳёи фарҳангу адабиёт муҳим буда, дар ду ҷанба амалӣ гардиданд:

- нашри «Шоҳнома» дар ду ҷилд ва ба мардуми мамлакат дастрас намудани он;
- баргузор намудани озмуни «Шоҳномахонӣ» чун озмунҳои дигари ҷумҳуриявӣ.

Иқдоми мазкур дар ташаккули афкори адабӣ, таҳаввули шуури маънавии ҷомеаи тоҷик ва худшиносии миллӣ арзиши бунёдӣ дорад. Дар натиҷаи дарки пурраи мазмун ва муҳтавои «Шоҳнома» муттаҳидшавӣ ва сарҷамъии миллат бештар мегардад.

Воқеан, аҳаммияти вижа дар меҳвари таҳқиқот фирдавсишиносӣ

дар се ҷанба накду баррасӣ шудааст, ки натиҷаи аз ин пажуҳиш ба даст омада, метавонанд дар таҳқиқи паҳлуҳои дигари зиндагӣ, мерос ва махсусиятҳои мавзуиву бадеии «Шоҳнома» истифода шаванд. Бахусус, дар раванди соле, ки шоҳномахонӣ дар кишвар эълон гардидааст, маводди диссертатсия барои муҳаққиқони соҳа дар шинохти ҳамосаи миллӣ, омодагии довталабони озмун ва афроди болаёқат ҷиҳати омодагӣ ба донишҳои шоҳномашиносӣ кӯмак менамояд.

Ҳамин тавр, дурнамои фирдавсишиносӣ дастовардҳои дигари бузурги илмӣ, фарҳангӣ ва адабиро ба миён оварда, рушд ёфтааст. Рушди фирдавсишиносии замони шуравӣ дар марҳилаи минбаъдаи замони Истиқлоли Тоҷикистон пойгоҳи мустаҳкамро ба вуҷуд овардааст, ки дар айни замон андешаҳои шоир барои тарбияи насли кунунӣ зарур аст.

Илова ба ин, ҳарчанд тамоюлҳои муосир афроди зиёдро ҷалб намудаанд, аммо арзишҳои маънавӣ ба афкори ҷомеа ва сиришти аслии он ворид шуда, нуфуз ва эътибори бештарро пайдо кардаанд. Аз ин рӯ, дарки амиқи «Шоҳнома» дар замони ҳозира ҷаҳони маънавиро ғанӣ мегардонад ва мувозинати омилҳои зоҳириву ботиниро нигоҳ медоранд.

# ХУЛОСА

Аз омӯзиш ва таҳлили масоили илмӣ-таҳқиқии дар диссертатсия баррасигардида, ки ба фирдавсишиносӣ ҳамчун самти алоҳидаи адабиётшиносии тоҷик бахшида шудааст, нуктаҳои зиёде ҳаллу фасл гардидаанд. Воқеан, фирдавсишиносӣ ба сифати самти алоҳидаи адабиётшиносии тоҷик буда, нисбат ба дигар самтҳо дақиқтар ва амиқтар пажуҳиш шудааст. Ҳамчунин, дар самти мазкур миқдори ғании таҳқиқоти илмӣ, тарҷумонӣ ва таъсирпазирӣ дар назму наср таҷассум ёфтаанд. Маҳз фирдавсишиносии солҳои 50-80-уми асри XX имкониятҳои арзишҳои бадеиву адабии моро дар замони шуравӣ бениҳоят васеъ намуд ва онро то ҳанӯз ба мартабаи олии инкишоф бардоштааст.

Ҷанбаҳои таърихии «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ дар замони шуравӣ ба ҳаёти маънавии ҷомеа манфиатбахш мебошад, зеро халқи тоҷик дигарбора дар фазои бунёдиву аҷдодӣ баҳра бардоштанд.

Дар диссертатсияи мазкур натиҷаҳо, масъалаҳои дар бобҳо ва фаслҳо дарҷгардида роҷеъ ба *фирдавсишиносӣ дар Тоҷикистон* дар замони шуравӣ, бахусус, дар солҳои 50-80-уми асри XX ба таври фишурда натиҷагирӣ шудаанд:

1. Омӯзиш ва баррасии фирдавсишиносӣ дар Тоҷикистон нишон медиҳад, ки дар замони шуравӣ ду марҳалаи махсус алоҳида вуҷуд доштаанд, ки солҳои 30-40-уми асри XX марҳалаи аввал ва солҳои 50-80-уми асри XX марҳалаи дувум маҳсуб шуда, дар ҳар кадом марҳалаҳои мазкур як қатор корҳои илмӣ ба даст омадаанд [4-М].

2. Заминаҳои иҷтимоиву сиёсии солҳои 50-80-уми асри XX самти фирдавсишиносиро зимни се ғояи асосии Абулқосим Фирдавсӣ муайян менамояд:

а) инсондӯстӣ – интернатсионализми шуравӣ;

б) ватандӯстӣ – патриотизми шуравӣ;

в) башардӯстӣ – гуманизми шуравӣ [2-М].

3. Фирдавсишиносӣ аз самтҳои ҷудогонаи адабиётшиносии тоҷик ба шумор рафта, боиси ба вуҷуд омадани нахустин пажуҳишҳои ҷиддӣ ва илмӣ дар Тоҷикистони шуравӣ гардидааст. Замони пажуҳиши фирдавсишиносии солҳои 50-80-уми асри XX, ки шаклан шуравӣ ва мазмунан миллӣ шинохта шудааст, ба Иттиҳоди Шуравӣ манфиати калон расондааст [5-М].

4. Таҳлилу таҳқиқи фирдавсишиносӣ дар Тоҷикистон дар солҳои 50-80-уми асри XX аз ҷониби муҳаққиқон, мутарҷимон, шоирон ва нависандагони маъруфи шуравӣ, ба мисли С. Айнӣ, А. Лоҳутӣ, Б. Ғафуров, С. Улуғзода, М. Миршакар, А. Мирзоев, Ш. Ҳусейнзода, М. Шукуров (Шакурӣ) ва дигарон сурат гирифтааст [6-М].

5. Аз пажуҳиш ва тарҷумаҳои муҳаққиқон ва мутарҷимони шуравӣ дар шакли асарҳои ҷудогонаи илмӣ, тарҷумонӣ ва бадеӣ самти фирдавсишиносӣ метавон чунин натиҷагирӣ намуд:

а) таҳлил намудани пажуҳишҳои илмӣ оид ба ҳаёт ва эҷодиёти Абулқосим Фирдавсӣ;

б) баррасӣ намудани тарҷумаҳои гуногуни мутарҷимони шуравӣ дар мавриди «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ;

в) омӯхтани таъсирпазирии намояндагони адабиёти муосири тоҷик, бавижа шоирону нависандагони шуравӣ аз «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ;

г) мушаххас намудани таъсири вижагиҳои ғоявии фирдавсишиносӣ ба ҷомеаи шуравии солҳои 50-80-уми асри XX [7-М].

6. Вижагиҳои фирдавсишиносӣ ва таъсири онҳо дар ҷомеаи шуравӣ муассир арзёбӣ мегарданд [4-М].

7. Ҷойгоҳи фирдавсишиносӣ дар илм, фарҳанг, адабиёт ва дигар соҳаҳо боиси ба вуҷуд омадани усулҳои назариявӣ ва амалӣ гардида, урфу одат, анъана ва арзишҳои миллӣ то андозае муайян гардидаанд [1-М].

8. Теъдоди зиёди тарҷумҳои «Шоҳнома» ба забонҳои гуногуни шуравӣ дар солҳои 50-80-уми асри XX ба вуҷуд омада, боиси анҷом додани як қатор корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ гаштаанд [4-М].

9. Ҳар гуна ҷаласа, даҳаҳои адабиёт ва санъат, ҳамоиш ва конфронсҳои дар солҳои 50-80-уми асри XX баргузоргардида сабаби муаррифии комили «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ дар замони шуравӣ ва пас аз он гардидааст [2-М].

10. Фирдавсишиносӣ барои муайян намудани омилҳои таҳқиқотӣ, тарҷумонӣ, бадеӣ ва ҳамчунин дар нашри мукаммали «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ замина гузоштааст [5-М].

11. Навовариҳои фирдавсишиносон дар мазмунсозию маъниофарӣ дар адабиёти муосири тоҷик, бавижа, дар наср ва назм ба мушоҳида мерасад. Бо истифода аз мазмун ва муҳтавои «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ асарҳои зиёди воқеӣ (реалӣ) офарида шудаанд. Ҳамчунин, ҷанбаҳои балоғии асар дар эҷоди адибони муосир маъногароӣ, зарофат ва навгароиро меафзояд [2-М].

12. Андешаҳои баландмазмуни Абулқосим Фирдавсӣ дар ташаккули афкори илмиву адабии тоҷик муассир аст, зеро бо дучор гардидан ба вазъҳои мухталифи иҷтимоӣ-сиёсӣ асолати хешро аз даст надодаанд. Барҷастагии вижагиҳои «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ дар миёни адибони шуравӣ нишон медиҳад, ки мазмун ва дарунмояи асар баёнгари аъмоли мусбат дар ҷомеа буда, озодихоҳӣ ва тараққиталабиро дар ҷомеаи шуравӣ фароҳам овардааст [3-М].

13. Дурнамои фирдавсишиносӣ ва рушди вижагии масъалаҳои илмӣ-таҳқиқотии марбут ба он дар масири таърих муайян гардида, дар тарбияи наслҳои гуногуни ҷаҳон хизмат менамояд [3-М].

Фирдавсишиносӣ дар адабиётшиносии тоҷик ҷойгоҳи баланд дошта, усул ва омилҳои зиёди илмӣ-адабиро ба вуҷуд овардааст. Фирдавсишиносӣ аз масъалаҳои таҳқиқотӣ дар адабиётшиносии тоҷик буда, решаҳои он ба солҳои 30-юми асри гузашта мерасад. Истифодаи

афкори пешқадами шуравӣ ва классикии форсии тоҷикӣ дар Тоҷикистон (солҳои 50-80-уми асри XX) комилан ба ҳам пайваст шуда, бори дигар тараққиёти давраи Эҳёи Шарқро ба миён оварда, заминаи муҳимми ягонаи илмӣ, адабӣ ва фарҳангиро гузоштанд.

Ҳамин тавр, фирдавсишиносӣ ҳамчун як самти нави таҳқиқотии на танҳо адабиётшиносии тоҷик, балки дар адабиётшиносии муосир ба вуҷуд омад. Масъалаҳои зиёди ин самт дар ҳаёти маънавии инсоният барои имрӯз ва фардо хизмат мекунанд.

# ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚ

Дар илми адабиётшиносии муосири тоҷик масъалаҳои зиёде мавҷуданд, ки то ҳанӯз мавриди пажуҳиши амиқ қарор нагирифтаанд. Яке аз чунин масъалаҳо омӯзиши *фирдавсишиносӣ* мебошад, ки дар маркази таваҷҷуҳи адабиётшиносон қарор гирифтааст. Масалан, *фирдавсишиносӣ дар Тоҷикистон* (дар замони шуравӣ) ҳанӯз пурра омӯхта нашудааст, аз ин рӯ, ҷиҳати пурра омӯхтани самти мазкур чунин тавсияҳоро зарур медонем:

1. Матолиби диссертатсия дар оянда метавонад на танҳо барои омӯзиш ва таҳқиқи адабиёти шуравӣ, балки дар ҳаллу фасли заминаҳои иҷтимоӣ ва таърихии таҳаввули афкори адабии муосир хизмат намояд.

2. Омӯзиш ва таҳқиқи масоили меҳварӣ метавонад фирдавсишиносии минбаъдаро рушд диҳад.

3. Барои пурра омӯхтани самти фирдавсишиносӣ сарчашмаҳои зиёди ин давра, ба мисли корҳои илмӣ, тарҷумонӣ, асарҳои назмиву насрӣ дастрас шуда, барои идомаи минбаъда усулҳои омӯзиш ва пажуҳиш дастовардҳои рисолаи илмӣ самаранок истифода хоҳанд шуд.

4. Натиҷагириҳо ва хулосаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ метавонанд мавриди истифодаи илми адабиётшиносӣ ва фирдавсишиносӣ қарор гиранд.

5. Муайян намудани таҳлилҳои дақиқи фирдавсишиносӣ дар асоси таснифот ва ташхисҳои гуногун мувофиқи мақсад сурат гирад.

6. Барои пурра ва дақиқ кардани тарҷумаҳои мухталифи «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ натиҷаҳои таҳқиқоти мазкур ба таври самарабахш истифода мешаванд.

7. Муайян намудани вижагиҳои фирдавсишиносӣ дар адабиётшиносии тоҷик барои омода намудани барнома ва дастурҳои

таълимӣ оид ба адабиёти муосир ва истифодаи бамавриди онҳо мусоидат хоҳад намуд.

8. Нуктаҳои муҳимми диссертатсия, сарчашма ва манобеи илмию адабии истифодашударо метавон дар тайёр намудани монографияҳои соҳавӣ, касбӣ ва илмӣ роҷеъ ба фирдавсишиносӣ васеъ истифода намуд.

9. Натиҷаву хулосаҳои илмии таҳқиқ метавонанд ҳамчун маводди омӯзишӣ ҳангоми пажуҳиш дар самти таърихи адабиёти классикӣ, адабиёти муосир, ҳамчунин дар сарчашмашиносӣ, матншиносӣ, назарияи адабиёт ва робитаи адабӣ истифода шаванд.

10. Натиҷаҳои диссертатсия метавонанд дар раванди озмуни ҷумҳуриявии «Шоҳномахонӣ» истифода шаванд.

11. Таҳқиқи монографии фирдавсишиносӣ аз масоили мубрами илми адабиётшиносии тоҷик маҳсуб шуда, дурнамои мавзуи пажуҳишии диссертатсияи мазкурро муайян менамояд.

Ҳамин тавр, натиҷаҳои аз таҳқиқ бадастомада, ба мисли таҳқиқоти илмӣ, тарҷумаҳо, таъсирпазирии шоирону нависандагони шуравӣ аз Абулқосим Фирдавсӣ ва таъсири «Шоҳнома» ба муҳити адабии шуравӣ метавонад ҷойгоҳи фирдавсишиносиро дар муҳити илмӣ-адабии Тоҷикистон муайян кунад. Дар баробари ин фирдавсишиносӣ дар ташаккули афкори илмӣ-адабии тоҷик то андоза ҷойгоҳи вижа дорад.

## РӮЙХАТИ АДАБИЁТ

### I. Манобеъ ва сарчашмаҳо:

### а) бо забони тоҷикӣ (ҳуруфи кириллӣ):


1. Абулқосим, Фирдавсӣ. Шоҳнома. Иборат аз 9 ҷилд. Ҷ. 1. [Матн] / Фирдавсӣ Абулқосим / Ба чоп тайёркунандагон: К. Айнӣ, З. Аҳрорӣ, Б. Сирус, М. Девонақулов. – Душанбе: Ирфон, 1964. – 268 с.
2. Абулқосим, Фирдавсӣ. Шоҳнома. Иборат аз 9 ҷилд. Ҷ. 2. [Матн] / Фирдавсӣ Абулқосим / Ба чоп тайёркунандагон: К. Айнӣ, З. Аҳрорӣ, Б. Сирус, М. Девонақулов. – Душанбе: Ирфон, 1964. – 320 с.
3. Абулқосим, Фирдавсӣ. Шоҳнома. Иборат аз 9 ҷилд. Ҷ. 3. [Матн] / Фирдавсӣ Абулқосим / Ба чоп тайёркунандагон: К. Айнӣ, З. Аҳрорӣ, Б. Сирус, М. Девонақулов. – Душанбе: Ирфон, 1964. – 528 с.
4. Абулқосим, Фирдавсӣ. Шоҳнома. Иборат аз 9 ҷилд. Ҷ. 4. [Матн] / Фирдавсӣ Абулқосим / Ба чоп тайёркунандагон: К. Айнӣ, З. Аҳрорӣ, Б. Сирус, М. Девонақулов. – Душанбе: Ирфон, 1964. – 268 с.
5. Абулқосим, Фирдавсӣ. Шоҳнома. Иборат аз 9 ҷилд. Ҷ. 5. [Матн] / Фирдавсӣ Абулқосим / Ба чоп тайёркунандагон: К. Айнӣ, З. Аҳрорӣ, Б. Сирус, М. Девонақулов. – Душанбе: Ирфон, 1964. – 492 с.
6. Абулқосим, Фирдавсӣ. Шоҳнома. Иборат аз 9 ҷилд. Ҷ. 6. [Матн] / Фирдавсӣ Абулқосим / Ба чоп тайёркунандагон: К. Айнӣ, З. Аҳрорӣ, Б. Сирус, М. Девонақулов. – Душанбе: Ирфон, 1964. – 552 с.
7. Абулқосим, Фирдавсӣ. Шоҳнома. Иборат аз 9 ҷилд. Ҷ. 7. [Матн] / Фирдавсӣ Абулқосим / Ба чоп тайёркунандагон: К. Айнӣ, З. Аҳрорӣ, Б. Сирус, М. Девонақулов. – Душанбе: Ирфон, 1964. – 652 с.
8. Абулқосим, Фирдавсӣ. Шоҳнома. Иборат аз 9 ҷилд. Ҷ. 8. [Матн] / Фирдавсӣ Абулқосим / Ба чоп тайёркунандагон: К. Айнӣ, З. Аҳрорӣ, Б. Сирус, М. Девонақулов. – Душанбе: Ирфон, 1964.– 614 с.
9. Абулқосим, Фирдавсӣ. Шоҳнома. Иборат аз 9 ҷилд. Ҷ. 9. [Матн] / Фирдавсӣ Абулқосим / Ба чоп тайёркунандагон: К. Айнӣ, З. Аҳрорӣ, Б. Сирус, М. Девонақулов. – Душанбе: Ирфон, 1964. – 500 с.

10.Абулқосим, Фирдавсӣ. Достони Рустам бо Комуси Кашонӣ. Порчаҳо аз «Шоҳнома» (интихоб ва таҳрири А. Лоҳутӣ). – Сталинобод: Нашриёти давлатии назди СКХ РСС Тоҷикистон, 1944. – 66с.
11.Абулқосим, Фирдавсӣ. Шоҳнома. Достони Баҳроми Чӯбина, Сталинобод: Нашрдавтоҷик, 1940. – 330с.
12.Абулқосим, Фирдавсӣ. Шоҳнома. Достони Рустам ва Сухроб, Сталинобод: Нашрдавтоҷик, 1940. – 111с.
13.Абулқосим, Фирдавсӣ. Шоҳнома. Достонҳои мунтахаб, Сталинобод: Нашрдавтоҷик, 1938. –184с.
14.Абдуллоев, А. Абулқосим Фирдавсӣ (очерки илмию бадеӣ) [Матн] / А. Абдуллоев. – Душанбе: Адиб, 1987. – 166 с.
15.Айнӣ, С. Ғуломон [Матн] / С. Айнӣ. – Сталинобод: Нашрдавтоҷик, 1950. – 620 с.
16.Айнӣ, С. Дохунда [Матн] / С. Айнӣ. – Сталинобод: Нашрдавтоҷик, 1956. – 620 с.
17. Айнӣ, С. Ёддоштҳо [Матн] / С.Айнӣ. – Сталинобод: Нашрдавтоҷ, 1950. – 332 с.
18.Айнӣ, С. Қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик [Матн] / С. Айнӣ. – Душанбе: Маориф, 1978. – 168 с.
19.Айнӣ, С. Мактаби кӯҳна [Матн] / С.Айнӣ. – Сталинобод: Нашрдавтоҷ, 1950. – 52 с.
20.Айнӣ, С. Марги судхӯр [Матн] / С.Айнӣ. –Сталинобод: Нашрдавтоҷ, 1953. – 177 с.
21.Айнӣ, С. Осори баргузида. Ҷилди 1 [Матн] / С.Айнӣ. – Душанбе: Ирфон, 1977. – 423 с.
22.Айнӣ, С. Ятим [Матн] / С.Айнӣ. – Сталинобод: Нашрдавтоҷ, 1957. – 117 с.
23.Баҳорӣ, А. Давлати ман [Матн] / А. Баҳорӣ. – Душанбе: Ирфон, 1983. – 306 с.

24.Бозор, Собир. Аз гули хор то симхор [Матн] / Собир Бозор. –Душанбе: Ирфон, 1988. – 287 с.
25.Бозор, Собир. Мижгони шаб [Матн] / Собир Бозор. – Душанбе: Ирфон, 1988. – 287 с.
26.Бозор, Собир. Чашми сафеддор [Матн] / С. Бозор. – Душанбе: Ирфон, 1988. – 287 с.
27.Гулрухсор. Дунёи дил: Маҷмуаи шеърҳо [Матн] / Г. Сафиева. –Душанбе: Ирфон, 1977. – 191 с.
28.Гулрухсор. Руҳи Бохтар [Матн] / Г. Сафиева. – Душанбе: Ирфон, 1987. – 399 с.
29.Деҳотӣ, А. Куллиёт. Ҷилди V [Матн] / А. Деҳотӣ. – Душанбе: Ирфон, 1986. – 323 с.
30.Деҳотӣ, А. Ту ҳам ёде бикун аз ман [Матн] / А. Деҳотӣ. –Душанбе: Ирфон, 1973. – 361 с.
31.Достони «Шоҳнома»: Иборат аз ду китоб. Китоби 1. [Матн] / Барои бачагони синни калони мактабӣ. Нигориш ва сарсухани С. Улуғзода. Муҳар.: Б. Ҳоҷӣ; Рассом К. Туренко. – Душанбе. 1976. –140 с.
32.Достони «Шоҳнома»: Иборат аз ду китоб. Китоби 2. [Матн] / Барои бачагони синни калони мактабӣ. Нигориш ва сарсухани С. Улуғзода. Муҳаррир: Б. Ҳоҷӣ; Рассом К. Туренко. – Душанбе, 1977. – 229 с.
33.Достони Заҳҳок [Матн] / Аз «Шоҳнома» [Матн] // Намунаҳои адабиёти тоҷик. – Сталинобод, 1940. – 176 с.
34.Достони Кова ва Заҳҳок [Матн] / Аз «Шоҳнома» [Матн] // Мирзоев А., Амонов Р. Адабиёти Ватан: Хрестоматия. Барои синфи VI. – Сталинобод, 1952, – 196 с.
35.Достони Сиёвуш [Матн] / Аз «Шоҳнома» [Матн] // Мирзоев А. – Сталинобод, 1960. – 960 с.
36.Зи гетӣ ҳаме панди модар ниюш... [Матн] // Занони Тоҷикистон, 1974. №6. – С.21.

37.Икромӣ, Ҷ. Духтари оташ [Матн] / Ҷ. Икромӣ. – Душанбе: Ирфон, 1983. – 238 с.
38.Икромӣ, Ҷ. Сафар-махсум дар Бухоро [Матн] / Ҷ. Икромӣ. –Душанбе: Нашрдавтоҷик, 1982. – 258 с.
39.Икромӣ, Ҷ. Ҳикояҳо ва очеркҳо [Матн] / Ҷ. Икромӣ. –Сталинобод: Нашрдавтоҷик, 1960. – 213 с.
40.Қаноат, М. Достонҳо [Матн] / М. Қаноат. – Душанбе: Ирфон, 1979. – 78 с.
41.Қаноат, М. Китоби захмин [Матн] / М. Қаноат. – Душанбе: Ирфон, 1992. – 138 с.
42.Қаноат, М. Осори мунтахаб, Ҷилди дувум [Матн] / М. Қаноат. –Душанбе: Ирфон, 1982. – 192 с.
43.Қаноат, М. Осори мунтахаб, Ҷилди якум [Матн] / М. Қаноат. –Душанбе: Ирфон, 1982. – 168 с.
44.Қаноат, М. Оташи ишқ [Матн] / М. Қаноат. – Душанбе: Ирфон, 1985. – 82 с.
45.Қаноат, М. Сарҷӯи сабз [Матн] / М. Қаноат. – Душанбе: Ирфон, 1975. – 176с.
46.Қаноат, М. Шарора [Матн] / М. Қаноат. -Душанбе: Ирфон, 1960, – 121 с.
47.Лоиқ. Вароқи санг [Матн] / Ш. Лоиқ. – Душанбе: Ирфон, 1980. – 271 с.
48.Лоиқ. Фарёди бефарёдрас [Матн] / Ш. Лоиқ. – Душанбе: Адиб, 1997. – 240 с.
49.Лоҳутӣ, А. Куллиёт. Иборат аз 6 ҷилд, Ҷ.6 / А. Лоҳутӣ. – Душанбе: Нашрдавтоҷик, 1963. – 246 с.
50.Лоҳутӣ, А. Сарсухани «Алмосҳои мардонагӣ» // Куллиёт. Иборат аз 6 ҷилд (Ҷилди 6) [Матн] / А. Лоҳутӣ. – Душанбе: Нашрдавтоҷик, 1963. – С.122-124.
51.Лоҳутӣ, А. Шеър ва достонҳо [Матн] / А. Лоҳутӣ. – Душанбе: Маориф, 1986. – 232 с.
52.Миршакар, М. Ёди ёри меҳрубон [Матн] / М. Миршакар. –Душанбе: Адаб, 1989. – 156 с.

53. Миршакар, М. Исёни хирад [Матн] / М. Миршакар. – Душанбе, 1980. – 86 с.
54. Миршакар, М. Ишқ ва зиндагӣ [Матн] / М. Миршакар. –Душанбе: Адаб, 1989. –156 с.
55. Миршакар, М. Қишлоқи тиллоӣ [Матн] / М. Миршакар. –Сталинобод: Нашрдавтоҷик, 1950. – 73 с.
56. Муҳаммадиев, Ф. Асарҳои мунтахаб [Матн] / Ф. Муҳаммадиев. – Душанбе: Ирфон, 1980.– 484 с.
57. Муҳаммадиев, Ф. Палатаи кунҷакӣ [Матн] / Ф. Муҳаммадиев. –Душанбе: Ирфон, 1977. – 237 с.
58. Муҳаммадиевв, Ф. Куллиёт [Матн] / Ф. Муҳаммадиев. -Душанбе: Ирфон, 1983. – 344 с.
59. Намунаҳо аз «Шоҳнома» [Матн] // Ҳақиқати Ленинобод. 1959. –20 май. – С. 2.
60. Ниёзӣ, Ф. Вафо [Матн] / Ф. Ниёзӣ. – Душанбе. 1986. – 237 с.
61. Низомӣ, Ганҷавӣ. Ҳафт пайкар [Матн]. –Душанбе: Ирфон, 1966. – 189 с.
62. Оғози достон. Аз достони «Бежан ва Манижа» [Матн] // Шарқи Сурх. - 1959. – №3. – С.69-88.
63. Турсунзода, М. Асарҳои мунтахаб. Иборат аз 2 ҷилд [Матн] / М. Турсунзода. – Сталинобод: Нашрдавтоҷик, 1961. – 273 с.
64. Турсунзода, М. Куллиёт. Иборат аз 4 ҷилд [Матн] / М. Турсунзода. – Душанбе: Ирфон, 1985. – 353 с.
65. Турсунзода, М. Ман аз Шарқи озод [Матн] / М. Турсунзода. - Сталинобод, 1951. – 270 с.
66. Турсунзода, М. Садои Осиё. Ҳасани аробакаш [Матн] / М. Турсунзода. – Сталинобод: Нашрдавтоҷик, 1961. – 131 с.
67. Улуғзода, С. Достонҳои «Шоҳнома» (ба наср). Ҷилди 1 [Матн] / С. Улуғзода. – Душанбе: Ирфон, 1975. – 220 с.
68. Улуғзода, С. Достонҳои «Шоҳнома» (ба наср). Ҷилди 2 [Матн] / С. Улуғзода. – Душанбе: Ирфон, 1977. – 223 с.

69.Улуғзода, С. Фирдавсӣ (роман) [Матн] / С. Улуғзода. –Душанбе: Адиб, 1988. – 248 с.
70.Ҷалил, Р. Асарҳои мунтахаб. Иборат аз III ҷилд. Ҷилди II. Романи «Шӯроб» [Матн] / Р. Ҷалил. – Душанбе: Адиб, 1988. – 464 с.
71.Ҷалил, Р. Одамони ҷовид [Матн] / Р. Ҷалил. – Душанбе: Адиб, 1979. – 254 с.
72.Ҷанги Рустам бо Деви сафед / Аз «Шоҳнома» [Матн] // Мирзоев А., Мирзозода Х. Адабиёти Ватан: Хрестоматия. Барои синфи V. – Сталинобод: Нашрдавтоҷик, 1941. – 196 с.
73.Ҷанги Рустам бо Исфандиёр. Порча аз «Шоҳнома» [Матн] // Тоҷикистон. 1959. №5. – С. 14-15.

**в) <u>бо забони русӣ:</u>**

74.Фирдоуси, А. Из Шахнаме (перевод В. Державина) [Матн], -Сталинабад: Таджикгосиздат, 1949. – 215 с.
75.Фирдоуси, А. Из Шахнаме [Матн] / перевод В. Державина. – Сталинабад, 1960. – 158 с.
76.Фирдоуси, А. Поэмы из «Шах–намэ». В переводах С. Липкина [Матн], – Сталинабад: Таджикгосиздат, 1959. – 523 с.
77.Фирдоуси, А. Сказание о Бахроме Чубина. Из «Шахнамэ» [Матн] / С. Липкина. – Сталинабад: Таджикгосиздат, 1952. – 343 с.
78.Фирдоуси, А. Шахнаме (От сказания о Рустеме и Сохрабе до сказания о Рустеме и Хакане Чина) [пер. Ц.Б. Бану–Лахути], Т. 2. [Матн]. – М.: Акад. наук СССР, 1960. – 644 с.
79.Фирдоуси, А. Шахнаме // в двух книгах, Т. 1. [Перевод с фарси Владимира Державина и Семена Липкина] [Матн]. – М.: Художественная литература, 1964. – 752 с.
80.Фирдоуси, А. Шахнаме // в двух книгах, Т. 2. [Перевод с фарси Владимира Державина и Семена Липкина] [Матн]. – М.: Худ. литература, 1964. – 744 с.
81.Фирдоуси, А. Шахнаме // перевод с таджикского [фарси] [Матн]. – М.: Государственное издательство художественной литературы, 1957. – 214 с.

82. Фирдоуси, А. Шахнаме, Т. 6, от начала царствования Йездгерда, сына Бахраму Гура до конца книги (Перевод Ц.Б.Бану–Лахути и В.Г.Берзнева) [Матн]. – М.: Наука, 1989. – 656 с.
83. Шахнаме. Том первый. От начала поэмы до сказания о Сохрабе [перевод Ц.Б.Бану-Лахути, А. Лахути и А.А.Стариков] Серия Литературные памятники [Матн]. – М.: Издательство Академии Наук СССР, 1957. – 646 с.

## II. Адабиёти илмӣ:

### а) бо забони тоҷикӣ:

84. Абдувалиев, А. Омӯхтани эҷодиёти Абулқосим Фирдавсӣ [Матн] / А. Абдувалиев. – Душанбе: Ирфон., 19663. – 71 с.
85. Айнӣ, К. Садои Фирдавсӣ [Матн] / К. Айнӣ // Маориф ва маданият, 1975, 23 октябр. – С. 2.
86. Айнӣ, С. Дар бораи Фирдавсӣ ва «Шоҳнома»–и ӯ / С. Айнӣ // Барои адабиёти сотсиалистӣ. 1934. – №8. – С. 12-16.
87. Айни, С. Дар бораи Фирдавсӣ ва «Шоҳнома»–и ӯ [Матн] / С. Айнӣ. – Сталинобод: Нашрдавтоҷик., 1940. – 59 с.
88. Айнӣ, С. Намунаи адабиёти тоҷик / С. Айнӣ. – М.: Нашриёти марказии халқи Иттиҳоди Ҷамоҳири Шуравии Сусиёлистӣ, 1926. – 626 с.
89. Амир, С. Фирдавсӣ ва Шоҳин [Матн] / С. Амир. – Душанбе: Адиб, 1999. – 198 с.
90. Амир, С. Фирдавсӣ дар мактаби адабии Аҳмади Дониш [Матн] / С. Амир. – Душанбе, 1995. – 64 с.
91. Асозода Х. Адабиёти тоҷик дар садаи XX [Матн] / Х. Асозода. – Душанбе: Маориф, 1999. – 451 с.
92. Асозода, Х. Абулқосим Фирдавсӣ дар шинохти Сотим Улуғзода [Матн] / Х. Асозода. –Душанбе: Адиб, 2000. – 81 с.
93. Асроров, Ш. Қадри сухан аз диди Фирдавсӣ // Маориф ва маданият, 1980, 26 январ. – С. 2.

94.Афсаҳзод, А. Сухане чанд аз «Шоҳнома» [Матн] // Маориф ва маданият, 1982. 12 май. – С. 3.
95.Аъзамзод, С. Адабиёт ва маърифати нақд [Матн] / С. Аъзамзод. – Хуҷанд, 2012. – 236 с.
96.Аъзамзод, С. Адабиётшиносии тоҷик ва ҷустуҷӯҳои илмии Лутфулло Бузургзода [Матн] / С. Аъзамзод. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2009. – 248 с.
97.Бектош, Н. Абулқосим Фирдавсӣ / Н. Бектош // Барои адабиѐти сотсиалистӣ. – 1932. – №5. – С.9-12.
98.Бертелс, Е.Э. Таърихи адабиёти форсӣ-тоҷикӣ (муҳар. Ш. Солеҳ) [Матн] / Е.Э. Бертелс. – Душанбе, 2015. – 583 с.
99.Бобоев, Ю. Мирзо Турсунзода. Ҳаёт ва эҷодиёти ӯ [Матн] / Ю. Бобоев. – Сталинобод: Нашрдавтоҷик, 1961. – 309 с.
100. Бобоев, Ю. Партия, замон ва адабиёт [Матн] / Ю. Бобоев. – Душанбе: Ирфон, 1964. – 204 с.
101. Гуфтор дар саргузашти Дақиқии шоир / Аз «Шоҳнома» [Матн] // Намунаи адабиёти тоҷик. –Сталинобод: Нашрдавтоҷик, 1940. – 114 с.
102. Ғарбу Шарқ (Аз осори бузургон) [Матн] // Шарқи Сурх. № 2, 1969. – С. 97-99.
103. Ғафуров, Б. Таърихи мухтасари халқи тоҷик, Ҷилди 1 [Матн] / Б. Ғафуров. – Сталинобод: Нашрдавтоҷик, 1947. – 384 с.
104. Ғафуров, Б. Тоҷикон: Таърихи қадимтарин, қадим ва асри миёна. Китоби якум [Матн] / Б. Ғафуров. – Душанбе: Ирфон, 1983. – 704 с.
105. Дар тавсифи илм, хирад ва ҳунар [Матн] // Тоҷикистон. 1960. №8. – С.5.
106. Деҳотӣ, А. Мақолаҳо (Куллиёт). Ҷилди V [Матн] / А. Деҳотӣ. – Душанбе: Ирфон, 1966. – 284 с.
107. Жданов, А. Адабиёти советӣ идеяноктарин, пешқадамтарин адабиёти дунё мебошад [Матн] / А. Жданов. –Сталинобод: Нашрдавтоҷик, 1954. – 12 с.

108. Зиёвиддинова, А., Ҳасанова, С. Симои маънавии занон дар «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ [Матн] / А. Зиёвиддинова, С. Ҳасанова – Душанбе, 1990. – 21 с.

109. Камол, Ш. Суханвари Тусӣ (ба муносибати 950-солагии рӯзи вафоти Фирдавсӣ) [Матн] // Қаротегини советӣ, 1970, 28 май, – С.4.

110. Карамӣ, М. Ҳамосаи ҳамосаҳо. Ҷилди 1. [Матн] / М. Карамӣ. – Теҳрон: Интишороти Висман, 1370 ҳ., – 298 с. (ба заб. форсӣ)

111. Ковалкин, И. Нашри достони ҷовид [Матн] / И. Ковалкин // Қаротегини советӣ, 1970, 30 май, – С. 4.

112. Крейчер, В. Гуфтаҳои Н.Г. Чернишевский дар бораи эҷодиёти шоирони гениалии халқи тоҷик [Матн] // Шарқи Сурх, 1953, № 2. – С.112-115.

113. Қодиров, А. Таълими идеяҳои ватандӯстии «Шоҳнома» [Матн] / А. Қодирова // Маориф ва маданият, 1956. 23 октябр. – С.3.

114. Қосимов, Ш., Ҳакимов С. Бузургони назми тоҷик дар шаъни дӯстӣ [Матн] // Маориф ва маданият, 1975. 23 октябр. –С. 2.

115. Маҳмадаминов, А. Адабиётшиносӣ ва худогоҳии миллӣ (Тазкираи С. Айнӣ «Намунаи адабиёти тоҷик»). – Душанбе: Сино, 2008. – 211 с.

116. Маъсумӣ, Н. Ҷаҳонбинӣ ва маҳорат (муҳар. Носиров) [Матн] / Н. Маъсумӣ. – Душанбе: «Ирфон»», 1966. – 197 с.

117. Мирзоев, А. Сездаҳ мақола [Матн] / А. Мирзоев. – Душанбе: Ирфон, 1977. – 288 с.

118. Мирзозода, Х. Адабиёти Ватан: Хрестоматия. Барои синфи V [Матн] / Х. Мирзозода. – Сталинобод: Нашрдавтоҷик, 1941, – 196 с.

119. Мирзозода, Х. Таърихи адабиёти тоҷик (Китоби I) [Матн] / Х. Мирзозода. – Душабе: Маориф, 1987. – 489 с.

120. Мирзоюнус, М. Аз таърихи адабиёти тоҷик дар охири садаи XIX – нимаи аввали садаи XX [Матн] / М.Мирзоюнус. – Хуҷанд, 2023, – 416 с.

121. Муллоаҳмад, М. Осори Устод Рӯдакӣ – мазҳари ватандӯстӣ [Матн] / М. Муллоаҳмад // Адабиёт ва санъат, 2021, 16 сентяб, – С. 3.

122. Муллоаҳмад, М. Паёми ахлоқии Фирдавсӣ [Матн] / М. Муллоаҳмад. – Душанбе, 2003. – 261 с.

123. Муллоаҳмад, М. Ховаршиноси мумтоз [Матн] / М. Муллоаҳмад // Адабиёт ва санъат, 1985. 17 январ. – С. 3.

124. Муллочаев, С. Зи ҷанг оштӣ бегумон беҳтар аст [Матн] / С. Муллочаев // Маориф ва маданият, 1975. 21 август. – С. 2.

125. Муллочаев, С. Ҳимояи Ватан аз назари Фирдавсӣ [Матн] / С. Муллочаев // Комсомоли Тоҷикистон, 1974, 7 июл, – С.3.

126. Мусулмонқулов, Р. «Шоҳнома» – шоҳи номаҳо [Матн] / Р. Мусулмонқулов // Тоҷикистони советӣ, 1979, 15 май, – С. 2.

127. Мусулмонқулов, Р. Анъана ва навоварӣ [Матн] / Р. Мусулмонқулов. – Душанбе, 1985. – 114 с.

128. Набавӣ, А. Садриддин Айнӣ ва инкишофи насри реалистии тоҷик [Матн] / А Набавӣ. – Душанбе: Дониш, 1978. – 223 с.

129. Набавӣ, А. Ҷусторҳо ва ибтикорот дар наср [Матн] / А Набавӣ. – Душанбе: Адиб, 2009. – 236 с.

130. Насриддин, А. Матншиносии осори адабӣ [Матн] / А. Насриддин. – Душанбе, 1990. – 261 с.

131. Отахонова, Х. Абулқосим Фирдавсӣ [Матн] / Х. Отахонова. – Душанбе: Ирфон, 1962. – 79 с.

132. Отахонова, Х. Масъалаҳои матншиносии адабиёти муосири тоҷик [Матн] / Х. Отахонова. – Душанбе: Дониш, 2004. – 216 с.

133. Отахонова, Х. Таҳаввули жанри достон дар назми муосири тоҷик [Матн] / Х. Отахонова. –Душанбе: Дониш, 1983. – 363 с.

134. Пай афкандам аз назм кохе баланд... [Матн] // Ҳақиқати Ленинобод, 1967. – 26 апрел, – С. 2.

135. Раҳмон, Эмомалӣ. Чеҳраҳои мондагор [Матн] / Эмомалӣ Раҳмон. – Душанбе: Эр-Граф, 2016. – 364 с.

136. Раҷабӣ, М. Насри тоҷикии замони ҷанг [Матн] / М. Раҷабӣ. – Душанбе, 1990. – 125 с.

137. Саидзода, Ҷ. «Шоҳнома» ва ҳувияти миллӣ [Матн] / Ҷ. Саидзода. – Душанбе, 2014. – 112 с.
138. Саидзода, Ҷ. Фирдавсӣ кист ва «Шоҳнома» чист? [Матн] / Ҷ. Саидзода. – Душанбе, 2011. – 107 с.
139. Сайфуллоев, А. Дӯстии халқҳо – дӯстии адабиётҳо [Матн] / А. Сайфуллоев. – Душанбе: Ирфон, 1975. – 224 с.
140. Самад, В. Пайвандҳои адабӣ чун омили муҳимми адабиёт [Матн] / В. Самад. – Душанбе: Ирфон, 1976. – 234 с.
141. Самадов, А. «Шоҳнома» дар Русия [Матн] / А. Самадов. – Душанбе, 2022. – 248 с.
142. Сатторов, А. Аз таърихи афкори адабӣ ва эстетикии форсу тоҷик (асрҳои (X-XV) [Матн] / А. Сатторов. Дисс. барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология, – Душанбе, 1972. – 179 с.
143. Суфизода, Ш. Такомули назарияи матншиносии Бертелс Е.Э.: аз М. Усмонов то А. Насриддин [Матн] / Ш. Суфизода // Паёми Донишгоҳи забонҳо, 2023, 4 (52). – С. 160-164.
144. Табаров, С. Васфи Октябр дар назми тоҷик [Матн] / С. Табаров. – Душанбе: Ирфон, 1960. – 123 с.
145. Табаров, С. Очерк ва ҳикоя бояд жанрҳои ҷанговари адабиёти имрӯзаи тоҷик гарданд [Матн] // Шарқи сурх, 1959, № 6. – С. 139-146.
146. Табаров, С. Ҳаёт, адабиёт, реализм [Матн] / С. Табаров. -Душанбе: Ирфон, 1966. – 224 с.
147. Тоҷикистон дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ. (Материалҳои конференсияи илмӣ-амалӣ бахшида ба 55-умин солгарди пирӯзии мардуми шуравӣ дар ҶБВ), ДДМТ [Матн]. –Душанбе, 2000. – 36 с.
148. Тошматов, Р. Бобоҷон Ғафуров ва адабиёти тоҷик [Матн] / Р. Тошматов. – Хуҷанд, 1999, – 60 с.
149. Турсунзода, М. Барои ғояи баланди адабиёт [Матн] / М. Турсунзода // Шарқи Сурх, 1947. – №5, – С. 2.

150. Турсунзода, М. Замон ва нависанда [Матн] / М. Турсунзхзода // Шарқи Сурх, – № 7, 1961. – С. 3-34.
151. Улуғзода, С. Суханофарин (қисса оид ба рӯзгори Фирдавсӣ [Матн] / С. Улуғзода // Адабиёт ва санъат, 1985, 21 март, – С. 2.
152. Фараҷуллоҳ, Мизонӣ. Ҳамосаи дод (бахше дар муҳтавои сиёсии «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ) [Матн] / Мизонӣ Фараҷуллоҳ. – Теҳрон, 1388, – 404 с.
153. Ҳамон беҳ, ки некӣ бувад ёдгор [Матн] // Газетаи муаллимон, 1987. 19 декабр, – С. 3.
154. Ҳамон дӯстӣ бо касе кун баланд [Матн] // Маданияти Тоҷикистон. – 1958. – №4. – С. 27.
155. Ҳасанова, С. Ақидаҳои Фирдавсӣ дар бораи одобу ахлоқ [Матн] / С. Ҳасанова // Мактаби советӣ. 1969. – № 3, – С.33-38.
156. Ҳодизода, Р. Адабиёти тоҷик дар нимаи дуввуми асри XIX [Матн] / Р. Ҳодизода. –Душанбе: Адиб, 1968. – 295 с.
157. Ҳодизода, Р. Аз Рӯдакӣ то имрӯз [Матн] / Р. Ҳодизода. –Душанбе: Адиб, 1988. – 288 с.
158. Ҳошим, Р. Устоди сухан [Матн] / Р. Ҳошим // Машъал, №9, 1986. – С. 4-5.
159. Ҳусейнзода, Ш. Гуфтор аз ганҷи сухан [Матн] / Ш. Ҳусейнзода. – Душанбе: Маориф, 1985. – 224 с.
160. Ҳусейнзода, Ш. Ҷои суханварон кошонаи дил аст [Матн] / Ш. Ҳусейнзода // Шарқи Сурх. № 7, 1961. – С. 64-67.
161. Шарифов, Х. «Шоҳнома» ва шеъри замони Фирдавсӣ [Матн] / Х. Шарифов. – Душанбе, 2014. – 399 с.
162. Шарифов, Х. Ташаккули афкори адабии тоҷик дар асрҳои X-XI [Матн] / Х. Шарифов. Дисс. барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология, – Душанбе, 1970. – 163 с.
163. Шозиёева, Г.П. Фирдавсӣ ва Шекспир [Матн] / Г.П. Шозиёева. – Душанбе, 2021. – 300 с.

164. Шофақирова, Р. Симои зан-модар дар «Шоҳнома» и Фирдавсӣ [Матн] / Р. Шофақирова. – Душанбе, 2007. – 137 с.

165. Шукуров, М. Мубоpизи ҷappop ва шоири шуълавар. Дар кит.: Лоҳутӣ А. Шеърҳо ва достонҳо [Матн]. –Душанбе: Адиб, 1986. – 229 с.

166. Шукуров, М. Нигоҳе ба адабиёти тоҷикии садаи бист [Матн] / М. Шукуров. – Душанбе, 2006. – 455 с.

167. Шукуров, М. Паҳлуҳои тадқиқоти бадеӣ [Матн] / М. Шукуров. – Душанбе: Ирфон, 1976. – 273 с.

168. Шукуров, М. Таърихномаи бадеии инқилоб [Матн] / М. Шукуров. Пайванди замонҳо ва халқҳо. Маҷмуи мақолаҳо. –Душанбе: Адиб, 1982. – С. 170-182.

169. Шукуров, М. Уфуқи нави танқид [Матн] / М. Шукуров // Маориф ва маданият, 1980, 26 январ, – С. 3.

170. Шукуров, М. Хуросон аст ин ҷо [Матн] / М. Шукуров. – Душанбе, 2009. – 415 с.

171. Шукӯҳӣ, А. Ҳаёти мо ва насри мо [Матн] / А. Шукуҳӣ // Шарқи Сурх. – № 1, 1964. – С. 44-54.

172. Эделман, А. Аз таърихи тарҷумаҳои назми тоҷик ба забони украинӣ [Матн] / А. Эделман // Шарқи сурх. – № 1, 1956. – С. 104-110.

173. Явич, М. Абулқосим Фирдавсӣ. Кит., Абулқосим Фирдавсӣ (Тарҷумаи В. Державин) [Матн] / М. Явич. - Сталинобод: Таджикгосиздат, 1950. – С. 13-23.

**б) бо забони русӣ:**

174. Бартольд, В.В. История изучения Востока в Европе и России [Текст] / В.В. Бартольд. –Санкт-Петербург, 1911. – 282 с.

175. Бертельс, Е.Э. Избранные труды. Т.1 [Текст] / Е.Э. Бертельс. –М., 1952. – 273 с.

176. Бертельс, Е.Э. Низами и Фирдоуси «Низами». Сборник второй [Текст] / Е.Э. Бертельс. – Баку, 1940. – С. 38-85.

177. Бертельс, Е.Э. Персидско-таджикской литературы. Избранные труды [Текст] / Е.Э. Бертельс. – М.: Издательство восточной литературы, 1960. – 561 с.
178. Бертельс, Е.Э. Предисловие / Фирдоуси. Шахнаме. Критический текст. Том 1 [Текст] / Е.Э. Бертельс. –М., 1960. – С. 5-21.
179. Бертельс, Е.Э. Фирдоуси и его творчество. Сб. Фердоуси 934-1334 г. [Текст] / Е.Э. Бертельс. – Л.: Институт востоковедения в Гос. Эрмитаж, 1934. – С. 97-118.
180. Бертельс, Е.Э. Фирдоуси. К 1000-летию со дня рождения персидского поэта Абу-л-Касима Фирдоуси [Текст] / Е.Э. Бертельс. – М.: Издательство восточной литературы, 1934. № 9. – С. 19-20.
181. Брагинский, И.С. Двенадцать миниатюр [Текст] / Брагинский И.С. –М., 1966. – 432 с.
182. Брагинский, И.С. Из истории таджикской народной поэзии [Текст] / И.С. Брагинский. – Баку, 1956. – 226 с.
183. Брагинский, И.С. Поэзия Иранского возрождения [Текст] / И.С.Брагинский. Исследование по Таджикской культуре. –М.: Наука, 1977. – С.137-149.
184. Гафуров, Б. Глубже изучать историческое прошлое таджикского народа [Текст] // Коммунист Таджикистана, 1944, 10 мая, – С. 2.
185. Гафуров, Б.Г. История таджикского народа. Том I. [Текст] / Б.Г. Гафуров. –М.: Политическая литература, 1949. – 476 с.
186. Гин, Я.И. Грамматический род как категория поэтического языка Автореферат дис. канд.фил. наук [Текст]. – Ленинград, 1985. – 24 с.
187. Горький, М. Собр. соч. в 18 томах. – Т.7. [Текст] / М. Горкий. – М., 1967. – С. 39.
188. Джургосиев, М.Дж. Проблемы создания научно-критического текста «Шахнаме» Абулкасыма Фирдоуси и его научной биографии (Диссертация на соискание ученой степени кандидата филологических наук) [Текст] / М.Дж. Джургосиев. -Душанбе, 2018. – 146 с.

189. Корман, Б.О. Изучение текста художественного произведения [Текст] / Б.О.Корман. – М.,: «Просвешение», 1972. – 286с.
190. Мусульманкулов, Р. Персидско-таджикская классическая литература (X-XV) [Текст] / Р. Мусульманкулов, – М.,: Наука, 1989. – 240 с.
191. Османов, М.Н. Фирдоуси. Жизнь и творчество [Текст] / М.Н. Османов, – М. Изд.вост.лит., 1959. – 187 с.
192. Толстой, А.Н. О литературе и войне. Полное собрание сочинений, т.14. [Текст] / А.Н. Толстой. -М. ГИХЛ, 1950, – 347 с.
193. Улугзаде, С. Таджикские писатели в дни Отечественной войны [Текст] // Коммунист Таджикистана, 1945, 25 декабря, – С. 1.
194. Хасанова, С.А. Социально-этические взгляды Абулкасима Фирдоуси. Диссер.на соис.уч.степ.канд.философ.наук [Матн] / С.А. Хасанова. – Душанбе, 1967. – 160 с.
195. Ходжибаева, Б., Мирзоюнус М. Голубая родина Фирдуси. [Текст] / Б. Ходжибаева, М.Мирзоюнус. – Худжанд, 2010, – 328 с.
196. Шарипов, В.А. К истории изучения и издания русских переводов «Шахнаме» Фирдоуси [Текст] / В.А. Шарипов // Учёные записки, 2023, 4 (77). – С. 280-284.
197. Шозиёева, Г.П. «Шахнаме» и национальное самопознание в Таджикистане [Текст] / Г.П. Шозиёева // Известия АН РТ (научный журнал). - серия филология и востоковедение. – Душанбе, 2013, –№3-4. – С. 59-64.
198. Шозиёева, Г.П. Становление фирдоусиведение в Таджикистане (30-40 гг. XX в.), (дисс.на соис. уч.ст. канд. фил. наук) [Текст]. – Душанбе, 2016. – 178 с.
199. Шозиёева, Г.П. Фирдоусиведение в Таджикистане (30-40 гг. XX века) [Матн] / Г.П. Шозиёева. – Душанбе: Дониш, 2020. – 178 с.

**в) бо забони англисӣ:**

200. Arberry, Arthur. Classical Persian Literature [Text] / Arthur Arberry. – London, 1958. – 234 pp.

201. Encyclopedia Britannica, Incorporated, Encyclopedia Britannica Inc. – London, 1919. – 36 p.

**III. Луғат ва фарҳангҳо:**

202. Мирзозода, Х. Луғати мухтасари истилоҳоти адабиѐтшиносӣ [Матн] / Х. Мирзозода. – Душанбе: Маориф. 1992, – 240 с.
203. Фарҳанги мухтасари «Шоҳнома» (мураттиб И. Ализода). – Душанбе: Адиб, 1992. – 492 с
204. Ҳакимов, Н. Фарҳанги истилоҳоти мусиқии «Шоҳнома» [Матн] / Н. Ҳакимов. – Хуҷанд, 2002, – 189 с.

## ИНТИШОРОТ АЗ РӮЙИ МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ

### 1. Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд:

[1-М]. Одинаева, С.Н. Масъалаҳои омӯзиши осори Фирдавсӣ дар замони Иттиҳоди Шуравӣ [Матн] / С.Н. Одинаева // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2021. – № 6 (95). – С. 209-212.

[2-М]. Одинаева, С.Н. Саҳми муҳаққиқони шуравӣ дар омӯзиши осори Фирдавсӣ [Матн] / С.Н. Одинаева // Ахбори Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ. – Душанбе, 2022. – № 3 (268), – С. 294-297.

[3-М]. Одинаева, С.Н. Фирдавсишиносӣ ва рушди он дар Тоҷикистон (дар заминаи Иттиҳоди Шуравӣ) [Матн] / С.Н. Одинаева // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ. – Душанбе, 2023. – № 1-1 (107). – С. 38-42.

[4-М].Одинаева, С.Н. Нигоҳе ба фирдавсишиносӣ дар Тоҷикистон дар замони Иттиҳоди Шуравӣ [Матн] / С.Н. Одинаева // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ. – Душанбе, 2023. – № 2 (110). – С. 37-41.

[5-М]. Одинаева, С.Н. Саҳми Садриддин Айнӣ дар фирдавсишиносӣ [Матн] / С.Н. Одинаева // Ахбори Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. – Душанбе, 2023. – № 3 (48). – С. 92-97.

[6-М]. Одинаева, С.Н. Анъана ва навоварӣ дар адабиёти муосири тоҷик дар заминаи фирдавсишиносӣ (солҳои 50-80-уми асри XX) [Матн] / С.Н. Одинаева // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2024. – №1 (108). – С.172-183.

[7-М]. Одиназода, С.Н. Ҷойгоҳи худшиносии миллӣ дар «Шоҳнома» ва таъсири он дар адабиёти муосири тоҷик [Матн] / С.Н. Одинаева // Паёми

Донишгоҳи омӯзгорӣ. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2026. – №3 (122). – С. 128-132.

**2. Мақолаҳое, ки дар нашрияҳои дигар чоп шудаанд:**

[8–М]. Одинаева С.Н., Шозиёева Г.П., Шуҳрати Мавлоно дар Ғарб [Матн] / С.Н.Одиназода // Маводи конфренсияи байналмилалӣ дар мавзуи «Нақши Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ-Рӯмӣ дар ҳамгироии фарҳангии кишварҳо дар шароити ҷаҳонишавӣ». Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 30 сентябри соли 2023. – С. 106-117.

[9–М]. Одиназода, С.Н. Паҳлуҳои тарҷума ва таҳқиқи «Шоҳнома» [Матн] / С.Н.Одиназода // Маҷмуи Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Авлавияти омӯзиши забонҳои хориҷӣ дар низоми хизмати давлатӣ: таҳкими салоҳияти рақамӣ». Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 24 апрели соли 2026. – С. 372-383.

[10–М]. Одиназода, С.Н. Нигоҳе ба тарҷума ва таҳқиқи «Шоҳнома» [Матн] / С.Н.Одиназода // Маводи конференсияи илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ ва таҳкими ҳувияти миллӣ». Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. – Кӯлоб, 29 апрели соли 2026. – С. 307-312.

[11–М]. Одиназода, С.Н. Ҷойгоҳи Абулқосим Фирдавсӣ дар шароити бисёрфарҳангии замони шуравӣ [Матн] / С.Н.Одиназода // Маҷмуи маводди Конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Масъалаҳои мубрами Филологияи Шарқ ва робитаҳои забониву адабӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ». Донишгоҳи давлатии байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода. – Душанбе, 30 апрели соли 2026. – С. 500-508.